ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

ВБД 372.8:809.155.0+373

ТКБ 74.261.5:81.2 Тоҷ+74.58

М- 26

**МАНСУРЗОДА НАРГИСА МАНСУР**

# ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ-БАШАРДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ТАВАССУТИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНА ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи забони тоҷикӣ

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, Мансурова Ҷ. С.

Душанбе – 2026

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ.................................. | 3 |
| Муқаддима ……………………………………………………..…….............. | 4 |
| Тавсифи умумии таҳқиқот…..……………………..………….......... | 11 |
| **БОБИ ЯКУМ. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ-БАШАРДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ.......................................................................** | 20 |
| 1.1.Моҳияти арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ ва имкониятҳои адабиёти бачагона дар ташаккули онҳо................................................................. | 20 |
| 1.2.Заминаҳои илмӣ-педагогӣ ва имкониятҳои истифодаи адабиёти бачагона дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар раванди таълими забони тоҷикӣ......................................................................... | 36 |
| **БОБИ ДУЮМ. ХУСУСИЯТҲОИ МЕТОДИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ–БАШАРДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ТАВАССУТИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНА ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ...................................................** | 71 |
| 2.1.Роҳҳо, усулҳо ва воситаҳои методии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар таълими забони тоҷикӣ**...............................................** | 71 |
| 2.2.Адабиёти бачагона ҳамчун воситаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагон дар таълими забони тоҷикӣ........................... | 115 |
| **БОБИ СЕЮМ. НАТИҶАҲОИ ОЗМОИШИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ-БАШАРДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ТАВАССУТИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНА ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ...................................................** | 156 |
| 3.1.Ташкил ва гузаронидани озмоиши таълимӣ бобати ташаккули арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона**.................................................................** | 156 |
| 3.2.Таҳлили натиҷаҳои озмоиши таълимӣ ва арзёбии сатҳи ташаккули арзишҳои ахлоқию – башардӯстӣ дар ташаккули тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ............................................................................... | 172 |
| **Хулоса...................................................................................** | 187 |
| Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо………………………….. | 189 |
| Рӯйхати адабиёт………………………………………………………….. | 190 |
| Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия……………………….. | 205 |
| Замимаҳо………………………………………………………………. | 207 |

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАБ – тарбияи ахлоқӣ- башардӯстӣ

ААБ – арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ

ЗТ – забони тоҷикӣ

АББ – адабиёти бадеӣ бачагона

МТМУ – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

ХСИ – хонандагони синфҳои ибтидоӣ

МТ – муассисаҳои таълимӣ

РАБ – рафтори ахлоқӣ – башардӯстӣ

ГН – гурӯҳи назоратӣ

ГТ – гурӯҳи таҷрибавӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот аз ҷиҳати илмиву амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро дар солҳои охир ҷомеаи ҷаҳон зери таъсири тағйироти густурда қарор гирифтааст. Ин раванд низоми арзишҳо ва талаботи иҷтимоиро дигаргун сохта, зарурати мутобиқшавии шахс ба воқеияти нави демократиро ба вуҷуд овард. Дар чунин муҳит инсон ҳамчун меҳвари рушд ва дорои мақоми баланд арзёбӣ мегардад. Лозим ба ёдоварист, ки яке аз вазифаҳои асосии низоми таҳсилот ҷустуҷӯи роҳҳои самаранок ва механизмҳои такмили раванди тарбияи башардӯстӣ ва умуман инсондӯстона гардидани таълим ба ҳисоб меравад. Ба рушди қобилияти эҷодкорӣ, ташаккули малакаҳои худтанзимкунӣ ва истифодаи самараноки захираҳои инсоният омилҳое таъсир мерасонад, ки барои пешбурди ҷомеаи мутамаддин нақши калидӣ доранд. Дар руҳияи арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ, инсондӯстӣ ва ватандӯстӣ тарбия намудани наслҳои инсонӣ, бевосита вазифаи аввалиндараҷаи хонавода, маориф ва ҷомеа мебошад. Тазаккур бояд кард, ки раванди рушди арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар хонавода сурат мегирад ва ин баҳри тарбияи наврасон, ки психикаи номустаҳками ахлоқӣ ба онҳо махсус буда, барои инкишофёбии шахсияти наврасон асос мегузорад, аҳаммияти басо муҳим дорад.

Дар заминаи ташкили раванди таълиму тарбия, ки мақсади асосии он парвариши инсони комил-соҳибэҳтиром, ғамхор, масъулиятнок ва дорои рафтори созанда мебошад, як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, аз ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Стратегияи миллӣ оид ба рушди маориф то соли 2020 (30 июни соли 2012), Стандартҳои нави фанҳои зинаи ибтидоӣ, Консепсияи миллии тарбия, Консепсияи миллии таҳсилот, модули «Татбиқи муносибати арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ», инчунин дар Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак ва дигар манобеи расмӣ ба ин масъала ишора мегардад. Бо ин вуҷуд, баррасии назариявии ин ҳуҷҷатҳо то имрӯз ба андозаи кофӣ амалӣ нашудааст.

Дар амалияи татбиқи тарбияи ахлоқӣ ва башардӯстона дар зинаи ибтидоии таълим як қатор мушкилот мушоҳида мешаванд:

–баъзе хусусиятҳои арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ ба таври мукаммал пажӯҳиш нагардидааст;

–дар фаъолияти тарбиявӣ ҳамоҳангӣ ва ҳамгироӣ ба таври кофӣ таъмин нагаштааст;

–дар тарбия ва ба ташаккули сифатҳои ҳамидаи инсонӣ таъсир манфӣ мерасонад.

Дар як қатор асноди меъёриву ҳуқуқии соҳа, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), «Низомномаи намунавии муассисаҳои иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007), инчунин дар Консепсияи миллии таҳсилот (2002), Консепсияи миллии тарбия (2006) ва Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ (2015) ба таври расмӣ зикр шудаанд, ки марҳила ба марҳила он татбиқ шуда истодааст.

Ворид шудани Стандартҳои нави таълим ба зинаи ибтидоӣ ба ҷараёни омӯзиш равияи нав бахшида, барои истифодаи шаклҳои гуманитарии таълим, аз ҷумла, худомӯзӣ, фаъолияти мустақилона ва такмили дониши шахсии хонандагон шароити мусоид фароҳам овард. Ғояҳои ахлоқӣ– башардӯстӣ ҳанӯз ҳазорсолаҳо дар тамаддуни ҳалқҳои тоҷику форс арзи вуҷуд доштанд, ки дар тарбияи наслҳо аз андешаҳои баландмазмуни он то ҳол барои тарбияи насли наврас мавриди истифода қарор гирифтаанд, равшан инъикос гардидааст.

Агар ба мероси адабии тоҷикони асрҳои IX–X назар афканем метавон барҳақ таъкид кард, ки маҳз дар ҳамин давра ғояҳои башардӯстӣ ба сатҳи баланди рушд расида, мафкураи инсондӯстона ҳамчун яке аз арзишҳои муҳимми фарҳанг ташаккул ёфта буд. Асарҳои классикии мутафаккирони тоҷику форс бо мазмуну муҳтавои андешаҳои амиқи ахлоқӣ ва инсондӯстона фарқ мекунанд ва онҳо ҷанбаҳои асосии ғояҳои башардӯстиеро дарбар мегиранд, ки пояи ҷаҳонбинии ахлоқӣ ва иҷтимоии инсонро ташкил медиҳанд.

Дар осори мутафаккирони тоҷику форс, аз ҷумла, А.Рӯдакӣ, А.Фирдавсӣ, С.Шерозӣ, А.Ҷомӣ, Н.Ганҷавӣ, А.Бедил, Ҳ.Шерозӣ ва дигарон масъалаҳои

ахлоқӣ, инсондӯстӣ, саховатмандӣ, таҳаммулпазирӣ, фурӯтанӣ, эҳтиром ба инсон, дастгирии бечорагону ятимон, ҳимояи фитодагон бо равшанӣ ва дақиқӣ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Таҳлили мероси бойи адабиёти тоҷик собит месозад, ки андешаҳои инсонпарваронаи халқи тоҷик ҳанӯз се ҳазор сол пеш вуҷуд доштанд, ки мо инро дар китоби муқаддаси «Авесто» бо се ибораи мазмуни баланддоштаи тарбияи башардӯстӣ , яъне «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» инъикос гардида, оварда шудааст. Ин ибораи мазкур бештар ба такомули шахсият, тарбияи инсони комил ва парвариши ахлоқи нек равона шуда, дар маркази он эҳтиром ба инсон, адолатпешагӣ, меҳрубонӣ, эътирофи ҳуқуқу озодиҳо ва қадршиносии меҳнати инсонӣ қарор дошт. Маҳз ин принсипҳо ҷузъи асосии ҷаҳонбинии ахлоқии мутафаккирон ва равшанфикрони тоҷик гардида, заминаи методологии тарбия ва андешаи башардӯстонаи онҳо ташкил медоданд. Ин нуктаҳои муҳимми ахлоқӣ дар андешаҳои муҳаққиқони тоҷик, аз ҷумла, М. Лутфуллозода, И.Х. Каримова, Б. Раҳимов, А. Нурзода, Ф. Шарифзода, Х.Афзалов, Қ.Қодиров,  Б.Маҷидова, Л.Иматзода ва дигарон бараъло намоён аст.

Маҳз дар тамаддун, анъанаи фарҳангиву ахлоқии тоҷикон, башардӯстӣ дар тӯли асрҳо пеш аз ҳама ба тарбияи инсони комил ва такомули шахсияти ӯ равона буда, ҳамчун арзиши меҳварӣ ташаккул ёфтааст.

Дар солҳои охир, ҳарчанд дар Тоҷикистон барои эҳё ва тақвияти анъанаҳои ахлоқӣ-башардӯстии миллӣ як қатор чораҳои таълимӣ ва тарбиявӣ амалӣ гардидаанд, натиҷаҳо то ҳол пурра қонеъкунанда нестанд. Яке аз сабабҳои чунин вазъ дар он аст, ки нақш ва аҳаммияти адабиёти бачагона дар ташаккули сифатҳои башардӯстонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври кофӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифтааст. Илова бар ин, роҳҳои методии истифодаи чунин адабиёт барои рушди ин сифатҳо низ то кунун равшан ва илмӣ асоснок нашудаанд. Ин омилҳо зарурати таҳқиқи мубрамияти мавзуи мазкурро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳлили маводи илмӣ ва адабӣ, ки ба масоили тарбияи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ иртибот доранд, махсусан баррасии афкор ва назарияҳои намояндагони классики илми педагогика, нишон медиҳад, ки решаҳои бисёр ҷанбаҳои тарбия ва омӯзиш аз анъанаҳои ғании адабиёти бадеии халқӣ сарчашма мегиранд. Мероси адабии халқи тоҷик дар тӯли асрҳо ҳамчун муҳаррики ташаккули фикр, ахлоқ ва ҷаҳонбинии насли наврас хидмат кардааст.

Мутафаккирони барҷастаи классики тоҷик рушди неруҳои эҷодӣ, зуҳуроти эҳсосӣ, такмили тафаккур, ирода ва муҳаббатро унсурҳои асосии тарбия ва ҷузъи муҳимми ҳувияти инсонӣ меҳисобиданд, ки дар осори хеш ба таври равшан нишон доданд.

Дар таҳқиқоти як қатор муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла М.Лутфуллоев [88], И.Х. Каримова [196], Б.Маҷидова [98], А.Нуров.[113], Ф Шарифзода [166], Ҷ. Бобокалонова[212], Ҷ. Икромова [73], С. Саидов [213], С. Тағоев [152] ва дигарон таъкид мегардад, ки рушди маърифати зеҳнӣ ва равонии кӯдак аз марҳилаҳои ниҳоят барвақти ҳаёт оғоз мегирад. Дар ҳамин давра дарки мақсаднок ва шуурнокии кӯдак нисбат ба муносибатҳои оилавӣ, ҷамъиятӣ, инчунин пайдоиши тасаввуроти аввалия дар бораи муҳити иҷтимоӣ ва табиӣ ташаккул меёбад ва рафтору муносибатҳои ӯ тадриҷан ба ҳолати устувор медароянд.

Ҷ. Бобокалонова [40], С. Саидов [144] ва С. Тағоев [152] дар бахши омӯзиши адабиёти бадеии бачагона ва имкониятҳои истифодаи он дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихӣ тадқиқоти арзишманд анҷом додаанд. Ин пажӯҳишҳо моҳият ва аҳаммияти адабиёти бачагонаро ҳамчун омили муҳимми таъсиррасон ба тарбия ва ташаккули ҷаҳонбинии маънавии насли наврас равшан месозанд.

Бо вуҷуди ин, дар илми педагогикаи муосир, хусусан дар методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, масъалаи муайян кардани роҳҳои муассири воридсозии ғояҳои воқеии башардӯстӣ ба раванди таълим то ҳол ҳалли комил наёфтааст. Аз ин рӯ, зарурати таҳияи модели илмӣ ва амалие ба миён меояд, ки нақши

адабиёти бадеи бачагонаро дар тарбияи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ асоснок нишон диҳад. Ин вазифа имрӯз яке аз самтҳои калидии таҳқиқот дар психология ва педагогикаи таҳсилоти ибтидоӣ ба шумор меравад.

Таҳлили осори илмии муҳаққиқони тоҷик, ки ба мавзуи таҳқиқи мо иртибот доранд, имкон медиҳад, ки равияҳои асосии илмиро дар самти омӯзиш ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ тавассути истифодаи адабиёти бадеии бачагона дар раванди таълиму тарбия муайян намоем.

Муҳаққиқон Р. Амонов, Р. Қодиров, Б. Тилавов, М. Фозилов ва дигарон ташаккули сифатҳои ахлоқӣ - башардӯстии хонандагонро дар асоси маводи фолклории халқӣ таҳлил кардаанд.

Муҳаққиқон Р. Қодиров, В.М. Асроров, А.Н. Болдирев омӯзиши таҷрибаи педагогикаи башардӯстиро тавассути адабиёти пурғановати классикӣ мавриди омӯзиш қарор доданд.

Муаллифони китобҳои дарсӣ, аз қабили М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Б.Ғаниева, А.И. Назиров, Х.А. Файзиева, Ш.А. Тоҳириён, Ҷ.А. Шоинова, Л.А. Ибрагимова, У.П. Гулмадова, Н.С. Шоева, Р.Н. Султонов, Б.Т. Саидова масъалаҳои ташаккули сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор доданд

Муҳаққиқон М.А. Арипов, И.С. Брагинский, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, Я.И. Калонтаров ва дигарон ташаккули сифатҳои башардӯстиро бо имкониятҳои адабиёти бадеии бачагонаи давраи Шуравӣ дар осори хеш мавриди таҳлилу баррасӣ қарор .

Муҳаққиқон И.Х. Каримова, З.З. Мирзабоев, Ф.Б. Мирзоева, Д.Я. Шарипова, Ҷ.Х. Файзалиев, М.Э. Яхшибаева Р.Н. Султонов, Б.Т. Саидова, Н. С.Табаров, Н. М. Чобулова, Г. У. Аҳрорӣ, Ҳ. А. Усмонзода, С. Х. Қурбонов, М. А. Нурзода, Б. Бобоева ва дигарон масъалаи татбиқи механизмҳои инноватсиониро дар рушди сифатҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони хурдсол дар низоми таҳсилот мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Як қатор муҳаққиқони рус ва тоҷик, аз қабили А.Б. Тенекабони, Х.И. Темирова, З.М. Магиярова, С.И. Петрова, О.В. Чиндилова, Г.А. Савостина, Л.В. Коняхина, Л.Г. Махмутова, С.В. Шедякина, Э.М. Садҷакова, О.С. Богданова, В.А. Киричок, Б. Сулейманова, Т. Сапарбаев ва дигарон масоили педагогӣ-психологии ташаккул ва инкишофи арзишҳои ахлоқӣ дар заминаи адабиёти бадеӣ баррасӣ шудаанд, анҷом додаанд.

Дар асрҳои XX–XXI паҳлуҳои гуногуни ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, сифатҳои башардӯстӣ ва масоили рушди шахсият дар осори ҷомеашиносон, равоншиносон ва педагогҳои маъруф, аз ҷумла, А. Алексеев [173], Е.М. Алифанова [27], Т.Л. Белоусова [34], Л.И. Божович [47], А. Байкова [176], .С. Братусь Б [183], Л.С. Виготский, [50], Г.В Гогиашвили.[57], А.Я. Данилюк [193], И.А Капрова [201], В.А. Крутецкий [83], Е.П. Козлов [207], Б.Т. Лихачев [97], Л.И. Матвеева [99], А. Маслоу [101], К.Р Роҷерс.[207], В.А. Сухомлинский [138], Н.М. Трофимова [210], И.Т Фролов [158], Э Фромм [158], Э. Шредингер [165], Юнгхолм Свен-Эрик [171] ва дигар муаллифон, мавриди таҳлил ва шарҳи амиқ қарор гирифтаанд. Дар осори ин муҳаққиқон роҳҳои ташаккули ахлоқ, рушди инсондӯстӣ ва консепсияҳои гуногуни тарбия бо назари илмӣ асоснок карда шудаанд.

Баррасии маҷмуи корҳои илмии наздик ба мавзуи таҳқиқ нишон медиҳад, ки гарчанде дар илми педагогика оид ба нақш ва мақоми адабиёти бадеии бачагона дар ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ таҳқиқотҳои зиёд анҷом ёфтаанд, аммо паҳлуҳои зиёди ин масъала то ҳол норавшан боқӣ мондаанд. Хусусан, таҳқиқоти илмии мукаммал оид ба истифодаи адабиёти бадеии бачагона дар ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони хурдсол дар шароити Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ ба назар намерасад.

Таҳлили назариявӣ ва омӯзиши ҳолати кунунии масъала, инчунин баррасии адабиёти марбут ба мавзуъ, имкон дод, ки як қатор ихтилофот ва номукаммалиҳои зерин муайян карда шаванд:

–гарчанде инсонгароёна намудани раванди таълим дар замони муосир яке аз ҳадафҳои асосии ислоҳоти низоми таҳсилот ба ҳисоб меравад, моҳият ва

механизми татбиқи он аз ҷониби бисёре аз муҳаққиқони соҳаи педагогика то ҳол дар сатҳи зарурӣ шарҳ дода нашудааст.

–адабиёти бадеии бачагона дорои нуфузи баланд барои ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад, аммо ин неру дар амал пурра истифода намешавад.

–бо вуҷуди он ки муҳаққиқон арзиши баланди адабиёти бадеии бачагонаро эътироф мекунанд, аммо дар шароити татбиқи муносибати башардӯстона дар раванди омӯзиш, баррасии методӣ ва мутобиқсозии илмии ин андешаҳо то имрӯз нокифоя боқӣ мондааст.

–адабиёти бадеии бачагона метавонад ба ҷаҳонбинӣ, эҳсосот ва ҳолати равонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири ҷиддӣ гузорад, вале паҳлуи педагогӣ ва равонии ин раванд дар аксари таҳқиқотҳо ба таври кофӣ инъикос нагардидааст.

Набудани равиши ҳамгиро, таҳлили муосир ва арзёбии илмӣ оид ба истифодаи адабиёти бадеии бачагона дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар синфҳои ибтидоӣ моро водор сохт, ки мавзуи таҳқиқи мазкур – **«Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ»** - ҳамчун самти асосии таҳқиқот интихоб гардад.

Бо назардошти он ки Консепсияи миллии таҳсилот ва Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмун ва ҳадафҳои тарбияи ахлоқӣ-башардӯстиро ҳамчун рукни калидии низоми таҳсилот муайян менамоянд, метавон хулоса кард, ки истифодаи унсурҳои адабиёти бадеии бачагона, ки таҷассумгари анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои инсондӯстӣ мебошанд, барои ташаккули рафтор, ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ин ҳолат зарурати илмӣ ва аҳаммияти амалӣ доштани мавзуи таҳқиқро пурра асоснок месозад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи мазкур бо мавзуи илмӣ-таҳқиқотӣ ва талаботи асосии барномаҳои давлатӣ, консепсияҳои миллӣ ва нақшаҳои стратегӣ ба монанди, Қонуни ҶТ «Дар бораи

маориф» (2013), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (аз 29. 09. 2020, №526), «Барномаҳои рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» (аз 28. 11. 2020, таҳти № 647), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (аз 26. 09. 2020 таҳти № 503), Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» барои солҳои 2020-2025-ум аз рӯйи муаммои «Омода намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаҳои гуногун» робитаи бевосита дошта, бо мақсади мусоидат дар амалисозии онҳо рӯйӣ кор омада, дар заминаи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 (аз 22. 11. 2025, таҳти №631) ба анҷом расидааст. (Рақами қайди давлатӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №1571/01.4 з/и аз 11.06.2026).

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқоти диссертатсиони ба масъалаи «Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои олӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Маълум аст, ки ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синни хурди мактаби тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ба қобилиятҳои маърифатӣ, сифатҳои ахлоқӣ – иродавӣ, тарзи муоширату муносибат, одобу рафтори оқилонаи онҳо бештар таъсир мерасонад. Чунин хусусиятҳо омӯзгор ва волидайнро водор менамояд, ки дар мавриди таълиму тарбияи хонандагони хурдсол ва ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-инсондӯстӣ, башардӯстӣ эътибори хосса диҳанд.

Ин масъалоҳо тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ амалӣ гардида, муносибати муштаракро таъмин менамояд ва барои ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони хурдсол заминаи мусоид фароҳам

меорад.

**Мақсади таҳқиқот.** Асоснок намудани назариявӣ ва санҷиши таҷрибавии роҳҳо, воситаҳо ва шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мувофиқи мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

1. Ташаккули хусусиятҳои асосии ахлоқӣ-башардӯстӣ дар сифатҳои инсондӯстонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути тазкираи адабиёти бачагон.
2. Таҳлили ҷойгоҳ, нақш ва имкониятҳои тарбиявии адабиёти бачагона дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ.
3. Коркард, асоснокнамоӣ ва мутобиқгардонии роҳу усулҳои методии истифодаи адабиёти бадеии бачагона дар раванди дарсҳои забони тоҷикӣ бо назардошти синну соли хонандагони синфҳои ибтидоӣ.
4. Муайян кардани сатҳ, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккулёбии арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар хонандагон, ки имкони арзёбии динамикаи рушди маънавӣ ва ахлоқӣ.
5. Амалисозии таҷрибаи педагогӣ бо мақсади арзёбӣ ва муайян намудании сатҳи самаранокии модели таҳияшуда дар системаҳои педагогӣ ва мушаххас намудани он дар таҷриба.

**Объекти таҳқиқот.** Раванди ташаккули арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ ва шароити ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ тавассути адабиёти бачагона дар доираи таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ.

**Мавзуи таҳқиқот.** Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ -башардӯстӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар омӯзиши забони тоҷикӣ.

**Фарзияи таҳқиқот**. Ташаккули устувору самарабахши арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ ҳолате таъмини комил меёбад, ки:

- мазмун ва ҷанбаҳои муҳими ахлоқӣ-башардӯстии адабиёти бачагона бо дақиқан муайян ва ба таври илмӣ асоснок гарданд;

- нақш, ҳадафҳо ва имкониятҳои тарбиявии адабиёти бадеии бачагона дар раванди таълими забони тоҷикӣ бо диди илмӣ таҳлил ва дақиқ шаванд;

- роҳу усулҳои истифодаи иқтидори ахлоқӣ-башардӯстии матнҳои бадеӣ бо назардошти хусусиятҳои синну солӣ ва равонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мутобиқ карда шаванд;

- меъёрҳо, сатҳҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар раванди таълими забони тоҷикӣ муайян ва асоснок гардонида шаванд;

- самаранокии модели методии пешниҳодшуда дар шароити воқеии таълимӣ ба таври таҷрибавӣ собит гардад.:

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар доираи маводҳои ҷамъовардашуда, ки ба мавзуи таҳқиқот марбутанд дар кафедраи Педагогикаи умумӣ анҷом ёфта, дар давраи солҳои 2020–2025 ҷараён гирифтанд. Тадқиқот дорои сохтори пайдарпай буда, се марҳилаи асосиро дар бар мегирад:

**Марҳилаи аввал - муқарраркунанда** (2020–2021) ба таҳлили назариявии масъала бахшида шуда, дар ин давра маҷмуи маводҳои педагогӣ, психологӣ, фалсафӣ ва адабӣ-фарҳангӣ ҷамъоварӣ ва мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтанд. Дар натиҷа, проблема, ҳадафи тадқиқот, вазифаҳои он ва фарзияи илмӣ муайян ва асоснок карда шуданд.

**Марҳилаи дуюм – ташаккулдиҳанда** (2022–2023) ба таҳия ва иҷрои барномаи фаъолияти таҳқиқотӣ равона гардид. Дар ин марҳила адабиёти бадеии бачагона ва нақши он дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар синфҳои ибтидоӣ таҳлил шуда, модели озмоиши педагогӣ тарҳрезӣ ва дар амал татбиқ гардид. Методҳо ва воситаҳои гузаронидани озмоиши педагогӣ интихоб ва асоснок шуда, китобҳои дарсӣ ва матнҳои адабии дар онҳо истифодашаванда мавриди омӯзиши муфассалу таҳлили назариявӣ ва амалӣ қарор гирифтанд.

**Марҳилаи сеюм - ҷамъбастӣ** (2024–2025) ба ҷамъбасти натиҷаҳои

таҳқиқотӣ ва таҳлили муқоисавии маводҳои назариявӣ ва амалии ба дастомада бахшида шуд. Дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши педагогӣ хулосаҳои илмӣ тасдиқ гардида, матни ниҳоии диссертатсияи илмӣ-таҳқиқотӣ таҳия ва омода карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** Асоси назариявӣ маҷмӯи консепсияҳо, равияҳо ва дидгоҳҳои илмиро дар бар мегирад, ки дар ташаккули симои шахсият, раванди тарбия ва рушди арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ нақши калидӣ доранд.

Пояи назариявии таҳқиқотро равияҳои зерин ташкил медиҳанд: назарияи инкишофи шахсият аз дидгоҳи таҳлили психологӣ ва психологияи фардӣ З. Фрейд, А. Адлер, ки ба шарҳи омилҳои дохилӣ, ангезаҳо ва механизмҳои ташаккули шахсият мусоидат мекунад; назарияҳои инкишофи шахсият аз мавқеи фаъолият ва муошират Л.С. Виготский, С.Л. Рубинштейн, Д.Б. Элконин, В.Д. Шадриков, В.К. Шаповалов, ки равандҳои фаъолият, омӯзиш, ҳамкорӣ ва муоширатро ҳамчун асоси рушди шахсият баррасӣ менамоянд; назарияҳои ахлоқӣ- башардӯстии шахсият Э. Фромм, А. Маслоу, К. Роҷерс, ки ба ташаккули инсондӯстӣ, ҳамдардӣ, худшиносӣ ва эҳтироми арзишҳои инсонӣ равона шудаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Пажӯҳишҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, мероси классикони адабиёти тоҷику форс ва мероси адибони адабиёти бачагона оид ба арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ, нақши суннат ва анъанаҳои мардумӣ дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстии наврасон, инчунин санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва тарбия: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд» (2011), ҳоло Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” аз 20 июни соли 2024 (таҳти №2049); «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006) ташкил мекунанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ:** Дар раванд ва марҳилаҳои гуногуни фаъолияти

илмӣ-таҳқиқотӣ маҷмуи методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ истифода гардид, ки ба ҳамдигар таъминкунанда буда, дақиқияти хулосаҳои илмиро баланд мебардоранд. Аз ҷумла: таҳлили назариявӣ, ки адабиёти педагогӣ, психологӣ, фалсафӣ-сотсиологӣ, филологӣ ва библиографиро фаро гирифта, барои муайян намудани асосҳои назариявии масъала мусоидат намуд; методҳои эмпирикӣ-ташхисӣ, аз қабили тестгузорӣ, худбаҳогузорӣ, суҳбат бо хонандагон, волидайн ва омӯзгорон, инчунин таҳлили фаъолияти касбии омӯзгорон, ки барои дарёфти маълумоти воқеӣ ва ташхиси сатҳи рушд хизмат карданд; амсилаи таҷрибавӣ ва озмоиши он дар ҷараёни озмоиши педагогӣ, ки дараҷаи амалисозӣ ва самаранокии модели пешниҳодшударо санҷид; коркарди оморӣ-математикии натиҷаҳо, ки имкони таҳлили микдорӣ, муайянсозии тамоюлҳо, тафтиши фарзияи илмӣ ва асосноккунии хулосаҳои ниҳоиро фароҳам овард.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Озмоиши педагогии тадқиқот дар чанд муассисаи таълимии кишвар ба гуногунии муҳит ва эътимоднокии натиҷаҳо мусоидат намуда, гузаронида шуд: муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 -и шаҳри Душанбе; муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №132 -и шаҳри Ваҳдат; муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15 -и ноҳияи Ҳисор амалӣ гардид. Дар маҷмуъ, ба озмоиш 440 хонандагони синни 7 - 10-сола, 325 нафар волидайн ва 44 нафар омӯзгор ҷалб карда шуданд. Ин интихоби густурда имкон дод, ки динамикаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар муҳити воқеии таълимӣ бо дақиқӣ ва эътимод таҳлил гардад.

**Навгонии илмӣ** Маҷмуи дастовардҳои назариявию амалиеро дар бар мегиранд, ки барои рушди илми педагогика, бахусус дар самти ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар синфҳои ибтидоӣ саҳми назаррас мегузоранд. Мутобиқи хусусиятҳои синну солии хонандагони хурди мактабӣ муайян кардани моҳият ва муҳтавиёти арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути адабиёти бачагона ва дар асоси натиҷаҳои ба дастомада маҷмуи тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ таҳия ва пешниҳод гардид, то ин ки имконияти беҳтар ба роҳ мондани раванди тарбияи ахлоқӣ-башардӯстӣ таъмин карда шавад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ташкил ва корбаст карда шуд, ки технологияҳои муосири педагогӣ дар асоси мақсаду вазифаҳо ва меъёрҳои арзёбии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути адабиёти бачагона ба фароҳам овардани муҳити созгори таълимӣ мусоидат мекунад.

2. Муайян карда шуд, ки ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар омӯзиши забони тоҷикӣ, ки сохтори он аз ҷузъҳои забонӣ, таълимӣ ва муносибати ахлоқӣ-башардӯстӣ, ки заминаи онро адабиёти бачагона ташкил медиҳад, иборат аст .

3. Тайид гардид, ки роҳҳои инкишофи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз забони тоҷикӣ тавассути адабиёти бачагона дар асоси ҳамкории байни омӯзгор ва хонанда ба таври қоидаву тартиб ба роҳ монда шуда, дар онҳо фаъолияти якҷоя, баррасии масъалаҳои аҳаммиятноки тарбияи хонандагон, инчунин ташкили корҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ, коллективӣ амалӣ карда мешаванд.

4. Маълум карда шуд, ки шароитҳои дидактикии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи шароитҳои педагогӣ, ки мақсади онҳо таъмин ва рушди арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар асоси худомӯзию худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ, инсондӯстии шахсият тибқи талаботи замон метавонанд барномаҳои махсуси педагогии тарбияи ахлоқӣ- башардӯстиро таҳия ва амалӣ намоянд, то ки омӯзгорону волидайн дар тарбияи онҳо дар раванди таълим таъсир расонида тавонанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он таҷассум меёбад, ки адабиёти бачагонаи тоҷик дорои мундариҷаи ғанӣ, пурмаъно ва мақоми бузурги ахлоқӣ-башардӯстӣ буда, дар равандҳои таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ мақоми хос ва ҷойгоҳи устуворро ишғол менамояд. Таҳқиқот нишон дод, ки истифодаи ҳадафмандонаи ҷанбаҳои ахлоқӣ-башардӯстии адабиёти бачагона метавонад, ба ташаккули системавии арзишҳои ахлоқӣ дар

хонандагони хурдсол мусоидат намояд. Дар ин раванд ташаккули сифатҳои шахсии ахлоқӣ дар сатҳҳои баланд, миёна ва паст, ба вуҷуд меояд, ки аҳаммияти назариявии ҷиддӣ дошта, барои ҳалли мушкилоти калидии таълиму тарбияи муосир замина фароҳам меорад.

1.Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсии сатҳи ибтидоӣ истифода шаванд, то ки дар онҳо ғояҳои тарбиявии ахлоқӣ-башардӯстӣ тавассути адабиёти бачагонаи тоҷик бо тарзи илмӣ ва методӣ инъикос ёбанд.

2.Маводи таҳқиқот барои таҳия ва такмили барномаҳои махсуси омодасозии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар донишгоҳҳо ва муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф хидмат карда метавонад.

3.Роҳандозии семинарҳо, машваратҳо ва барномаҳои таълимии иловагӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имконпазир гардида, имкони татбиқи таҷрибаи пешрафтаи тарбияи башардӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фароҳам меояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бар асоси мутобиқати комили муқарраароти назариявӣ, методологӣ ва натиҷаҳои бадастомадаи таҷрибавӣ муайян мегардад. Дар раванди таҳқиқот тамоми қисматҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ бо ҳам муқоиса ва арзёбӣ шуда, бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ, коркарди оморӣ ва арзёбии илмӣ хулосаҳои ниҳоӣ ташаккул дода шуданд. Ҳамаи натиҷаҳои бадастомада фарзияи илмии тадқиқотро пурра тасдиқ намуда, собит карданд, ки методологияи таҳиягардида дар мавриди татбиқи ҷанбаҳои тарбиявии адабиёти бачагона қобилияти амалии баланд дошта, метавонад дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нақши муассир бозад.

Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ нишон доданд, ки истифодаи низоми методии пешниҳодшуда дар муҳити воқеии таълимӣ ба болоравии сатҳҳои маърифатӣ, рафторӣ ва арзишшиносии хонандагон мусоидат мекунад. Ин далелҳо, дар маҷмуъ, сатҳи баланди эътимоднокии таҳқиқотро таъмин менамоянд ва асос медиҳанд, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар

амалиёти педагогӣ истифода ва татбиқ карда шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои кори диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3 Назария ва методикаи забони тоҷикӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ**. Рисолаи пешниҳодгардида натиҷаи фаъолияти мустақилона, пайгирона ва эҷодкоронаи унвонҷӯ мебошад. Кор дар заминаи таҷрибаи илмӣ-амалии муаллиф, ки онро дар ҷараёни фаъолияти худ дар кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба даст овардааст, анҷом дода шудааст.

Ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони хурдсол тавассути истифодаи адабиёти бачагона дар доираи ҳамоҳангсозии тарбияи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ бо таълим, аз ҷониби худи унвонҷӯ таҳлил, коркард ва татбиқ шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозӣ** Қоидаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ –башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркардшуда мавриди истифода қарор ёфта, натиҷаҳои мусбат доданд ва дар чорабиниҳои илмии зерин тасвиб ва татбиқи худро ёфтаанд:

–дар конференсияҳои ҳамасолаи илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорони ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (2019-2025);

–дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмии кафедраҳои умумидонишгоҳии педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (2019-2025) ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таҷрибавӣ-озмоишӣ.

Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо чопшуда, дар як қатор маърузаҳои аз ҷониби муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва дар гузоришу муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-

методии дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузоршуда ироа ва тасвиб шудаанд.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва кафедраи забон ва адабиёти тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласа №5 аз 26. 12. 2025), ҳамчунин дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети педагогикаи донишгоҳи мазкур (суратҷаласаи №5 аз 29.12. 2025) баррасӣ гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст.

**Интишор аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои муҳимми диссертатсия дар 12 мақола инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои таҳқиқотӣ ва дар нашрияҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсияшуда нашр шудаанд. Ин шумора ва мазмунии нашрияҳо дараҷаи баланди эътимоднокӣ ва аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, натиҷагириҳо аз ҳар боб хулосаи умумӣ, 25 ҷадвал, 17 диаграмма, замимаҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми асосии диссертатсия аз 211 саҳифа таркиб ёфтааст

# БОБИ ЯКУМ. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ-БАШАРДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

## 1.1. Моҳияти арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ ва имкониятҳои адабиёти бачагона дар ташаккули онҳо

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи шаҳрвандон дар бунёди давлати ҳуқуқбунёди демократӣ таъкид ёфта, модели идоракунии ҷумҳуриявӣ ва симои шаҳрванд ҳамчун арзишҳои меҳварӣ муайян карда мешаванд. Дар ин раванд шахсият, андеша ва ақидаи ҳар як фард ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми сохтори давлатӣ дониста шуда, маҳз ҳамин меъёрҳо ҳадаф ва муҳтавои ниҳоии таълиму тарбияро мушаххас ва равшан мегардонанд.

Дар заминаи ин сухани пурмазмуну таъсирбахши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар(9.03.2024) изҳор намуда буд: «Мо бояд иттиҳоду ҳамбастагӣ, сулҳу суботи ҷомеа ва ваҳдати миллиамонро, ки ҷавшани миллии мо дар муқобили хатарҳои замони муосир мебошанд, чун гавҳараки чашм ҳифз кунем, зеро қудрати мо дар иттиҳоду сарҷамъӣ, ватандӯстӣ ва заҳмати содиқонаи мо ба хотири ободии Ватан ва рушди давлатамон аст» [206, с.61].

Афзалияти принсипи башардӯстӣ дар низоми таълиму тарбия ва зарурати тарбияи ахлоқӣ-башардӯстӣ дар санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ инъикос ёфтааст. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Стандартҳои давлатии таҳсилот ва як қатор ҳуҷҷатҳои расмии дигари ин самт ҳамчун яке аз меҳварҳои сиёсати давлатии маориф эътироф гардида, мавқеи он дар рушди шахсият ва омодасозии шаҳрвандони масъулиятшинос таъкид мегардад. Махсусан, масъалаҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс ҷойи намоёнро ишғол кардааст, ки он барои эҷоди адабиёти бадеии бачагона замина мегузорад.

Дар бораи адабиёти тоҷик Ҷ. Бобокалонова қайд кардааст: «Адабиёти тоҷик, осори пурфайзи ин халқ маҳз бо арзиши ахлоқӣ, тарбиявӣ ва педагогии худ як шохаи бузурги маънавии мардуми Ирони шарқӣ ба шумор меравад ва дар робита бо таърихи маданияти халқ омӯхта мешавад. Чун ба таърихи бойи адабиёти тоҷику форс менигарем, маълум мешавад, ки ҳанӯз аз давраҳои то милод тоҷикон барои тарбияи фарзандони худ маводи хеле пурнуфузу пурфайзи ахлоқиву этикиро мерос гузоштаанду кӯшиш ба харҷ додаанд, ки насли наврасро дар намунаи беҳтарин дурдонаҳои адаб ва улуми адабия ба воя бирасонанд» [41, с.9].

Адабиёти бадеии бачагона як соҳаи махсуси адабиёт буда, бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва ахлоқии кӯдакону наврасон мавзуъҳои он бахшида шудааст, ки на танҳо ба кӯдакон лаҳзаҳои фараҳбахш мебахшад, балки баҳри ташаккули ҷаҳонбинӣ, омӯзиш ва тарбияи солимӣ онҳо хизмат мекунад. Мазмуни маводҳои адабиёти бадеии бачагона бо забони содаю равонӣ ба тарбияи ахлоқӣ, ба рушди тафаккур, эҳсос ва хаёли кӯдакон таъсири мусбат мерасонад.

Инчунин моҳият ва омӯзиши адабиёти бадеии бачагонаро Ҷ.Бобокалонова арзёбӣ намуда чунин қайд намудааст: «Асарҳое, ки барои бачагони синну соли гуногун навишта шудаанд адабиёти бачагона мебошанд. Ба адабиёти бачагона на танҳо асарҳои бадеӣ, балки асарҳои илмии оммавӣ ва китобҳои тавзеҳӣ, ки барои бачагон чоп шудаанд низ дохил мешаванд. Он асарҳои адабиёти бадеии умумӣ, ки ғояҳои пешқадам, образҳои наҷиб ва қаҳрамонона, сюжети завқовар, шакли содаву равшани бадеӣ доранд, низ дар адабиёти бачагона мавқеи муҳим ишғол мекунанд. Адабиёти бачагона мафҳумест басо васеъ, фарох ва доманадор» [40, с.13-14].

Ба эҷодиёти мутафаккирони бузурги тоҷику форс, аз ҷумла, А. Рӯдакӣ, А. Фирдавсӣ, А. Ҷомӣ, С. Шерозӣ, Ҳ. Шерозӣ, Н. Ганҷавӣ ва дигарон назар намоем, масъалаҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ хеле бараъло намоён аст. Осори ин мутафаккирони забардаст саршор аз масъалаҳои ТАБ (тарбияи ахлоқӣ-

башардӯстӣ) мебошад, ки хонандаи имрӯзаро ба тарбияи комили инсонӣ ҳидоят мекунанд.

Ташаккули адабиёти бадеии бачагонаи тоҷик дар заминаи адабиёти классикӣ ва фолклори миллӣ пайдо шудааст. Осори ниёгон, аз қабили «Гулистон» ва «Бӯстон»-и С. Шерозӣ, «Баҳористон»- и А. Ҷомӣ, «Қобуснома»- и У. Кайковус ва афсонаҳои халқии тоҷик, дар асри XX ва XXI адабиёти махсуси кӯдакона рушд ёфта ва адабиёти бачагонаи давраи муосир бошад, нависандаи маъруфи тоҷик Садриддин Айнӣ ва тарафдорони ӯ М. Турсунзода, М. Миршакар, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, А. Деҳотӣ, А. Шукуҳӣ Г. Сулаймонӣ ва дигарон мебошанд, ки онҳо эҷодиёти халқи тоҷикро дар сатҳи баланд медонанд, ки афзалтарин образҳои халқиро дар осори пурмазмуни худ ба кор бурда, адабиёти бадеии бачагонаи тоҷикро офариданд ва саҳми арзанда гузоштаанд.

Масалан, аз осори Муҳаммад Закариёи Розӣ, ёдрас менамоем, ки ба масъалаҳои дӯстию рафоқат, ҳурмату эҳтиром ва некию накӯкорӣ яке аз аломатҳои асосии иқболу давлат медонад ва соҳиб шудан ба ин сифатҳоро амри як қуввае медонад, ки он бо нафси шахс алоқаманд аст: «Аломати дигари иқболу давлат вобаста ба майл кардани шахс ба рафиқон, ҳамроҳон ва ёрони мувофиқ буда, дар ҳар гуна вазъият тақозои дӯстии якдигарро дошта бошанд. Ғайр аз ин онҳо ба якдигар ихлосманд бошанд» [78, с.121].

Ба осори С. Шерозӣ таваҷҷуҳ намоем, масъалаҳои башардӯстӣ ва мақоми инсон мавқеи муҳимро ишғол намудааст. Мутафаккири бузург дар яке аз ҳикояҳои асари «Гулистон»- аш овардааст: «Вазири ғофилеро шунидам, ки хонаи раият хароб кардӣ, то хазинаи султон ободон кунад, бехабар аз қавли ҳокимон, ки гуфтаанд: «Ҳар ки Худойро азза ва ҷалла биёзорад, то дили халқе ба даст орад, Худованди таоло ҳамон халкро ба ӯ шуморад, то динор аз рӯзгораш барорад» Маликро тарафе аз замоими ахлоқи ӯ ба қароин маълум шуд, ки дар шиканҷааш кашид, ба анвои уқубат бикушт».

«Ҳосил нашавад ризои султон,

То охири бандагон наҷӯӣ.

Хоҳӣ, кӣ Худой бар ту бахшад,

Бо халқӣ Худой кун накӯӣ» [136, с. 49].

Ба ин минвол осори тамоми ниёгони мо саросар масъалаҳои инсондӯстӣ ва мақому манзалати инсон фаро гирифтааст, ки дар тарбияи инсони комил аҳаммияти зиёд дорад.

Адабиёти бадеии бачагона аз фолклор ва эҷодиёти халқ маншаъ мегирад, афсонаҳо, зарбулмасалу чистонҳо, суруду таронаҳо, ҳикояҳо қиссаҳо ва латифаҳо аввалин намунаҳои адабиёти бачагон ба ҳисоб мераванд. Давраҳои рушди адабиёти бачагон аз эҷодиёти шифоҳӣ: қиссаҳои халқӣ, осори классикон, эҷоди асарҳои махсус барои хурдсолону наврасон бо равиши услубӣ баробар аст.

Адабиёти бадеии бачагона моҳияти тарбиявӣ, таърихӣ, этнографӣ дошта, тавассути шеъру таронаҳо, ҳикояҳо, достону афсонаҳо хонандагон бархурдор мегарданд ва дар худ сифатҳои ахлоқӣ- башардӯстиро ташаккул медиҳанд. Жанрҳои мухталифи адабиёти бадеии бачагона вобаста ба синнусолӣ бачагон интихоб карда мешаванд ва хонандагон дар омӯзиши фанҳои ҳамгирои таълимӣ, аз ҷумла, забони тоҷикӣ, ки тарбияи ахлоқӣ – башардӯстонаи онҳо тавассути афсонаю ҳикояҳо омӯзонида мешавад, ки аҳаммияти муҳимро хос мебошанд. Дар омӯзиш ва тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ, покӣ, некӣ ва башардӯстии хонандагони хурди мактабӣ адабиёти бадеии бачагона таъсири мусбат мерасонад.

Ба андешаи Ҷ Бобокалонова, ки қайд намудааст: «Адабиёти атфол–қомуси зиндагии кӯдак аст. Он ҳаёт, муҳит ва зиндагиро аз мавқеи дидгоҳи атфол бояд нишон диҳад. Адабиёти бачагона ин пеш аз ҳама эҷоди худи кӯдак аст» [41 с.35].

Махсусан, дар хусуси тарбияи ахлоқии бачагон эҷоди китобҳои нависандаи маъруфи тоҷик Садриддин Айнӣ ба навгониҳои адабиёти бачагонаи тоҷик поя ниҳодааст. Дар бораи китоби «Таҳзиб- ус- сибён»-и С. Айнӣ Р. Амонов менависад: «Дар соҳаи қувват гирифтани майли эҷодӣ асарҳои махсус барои бачагон қадами ҷиддӣ ва кӯшиши босамаре буд» [25, с.24].

Дар ин асараш С. Айнӣ ба масъалаи тарбияи насли наврас, муносибати шахс ва ҷамъият, хизмат ба аҳли миллати худ, ки яке хусусияти одамгарӣ мебошад, таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Инчунин С.Айнӣ қайд мекунад: «Тарбияи ахлоқии кӯдак аз синни барвақти оғоз ёфта, муҳити оилавӣ ҳамчун асоси ташаккули шахсият хизмат мекунад» [25, с.15].

Садриддин Айнӣ, ки шахси боандешаю дурандеш буд, мақоми бачагонро дар ояндаи ҷомеа дарк намуда, бевосита ба бачагон рӯ овардааст. Таълифи китобҳои дарсии С. Айнӣ таҳти унвони «Тартил-ул-Қуръон» (1909), «Зарурияти динӣ» (1910), «Таҳзиб-ус-сибён» (1917), «Холида ё қизбола» (1921) рӯйи нашр баромаданд, ки хонандагони хурдсол тавассути ин китобҳо соҳибмаърифат мегардиданд. Шеърҳои «Мактаб», «Замзамаи дабистон», «Бомдоди баҳорон», «Ҳасан зад», манзумаи «Кирмаку парвона», ҳикояи «Хонадони хушбахт» моҳияти тарбиявӣ- ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дошта, аз афзалтарин эҷоднамудаи С. Айни мебошад.

С.Табаров дар бораи китоби дарсии С.Айнӣ «Қизбола, ё ки Холида», ки дар он маҷмуи ҳикояҳо ва афсонаҳо барои бачагон ҷамъ оварда шудааст, менависад: «Пеш аз ҳама ин китоби дарсии С.Айнӣ ба услуби тарзи навишти худ асари бадеиро ба хотир меорад, яъне нависанда тақрибан ҳамаи воқеаҳо ва бобҳои онро дар атрофи як қаҳрамони умумӣ – Холида вобаста кардааст. Аз 30 боби асар 16- тои он бевосита ба хулқу атвор, кору кирдор ва муносибати шахсии Холида бахшида шуда, зиёда аз 10 боби дигар вобаста ба масъалаҳои хониш, таълим ва тарбияи Холида навишта шудаанд» [154, с.93-94].

Дар бораи китоби «Таҳзиб-ус-сибён»-и С.Айнӣ шоир А.Деҳотӣ чунин менависад:-«Оғози адабиёти бачагона бо китоби «Таҳзиб-ус-сибён»-и С.Айнӣ сар мешавад, ки ба забони сода ва услуби адабии дилчасп навишта шудааст, аввалин намунаи адабиёти хаттии бачагонаи тоҷик мебошад» [23,с.189].

С.Айнӣ хусусиятҳои фоидабахши мактабро дар шеъри «Мактаб» тавсиф мекунад:

«Аз файзи яздон хон аст мактаб,

Бар лаъли ирфон кон аст мактаб.

Бе ҷон ҷасадро қадре набошад,

Ҷисм аст инсон, ҷон аст мактаб» [23, с. 43].

Садриддин Айнӣ бо суруду таронаҳои инқилобии худ, ки бо номи «Марши ҳуррият», «Ба шарафи инқилоби октябр», «Инқилоб», «Якуми май» эҷод гардидаанд, ки то ҳол қадри худро гум накардааст, ин таронаҳоро хонандагон бо шавқ месароянд. Маслан, хонандагон «Суруди озодӣ»- ии шоирро бо оҳанг месароянд:

«Эй ситамдидагон, эй асирон!

Вақти озодии мо расид.

Муждагони диҳед, эй рафиқон

Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.

То ба кай ғусса хурдан ба ҳасрат,

Баъд аз ин шодмонӣ намо!

Бас ҷафо, бас ситам!Эй адолат!

Дар ҷаҳон ҳукмронӣ намо!»[23, с. 152].

Шеърҳои ба бачагон бахшидаи С.Айнӣ, ки ба таълиму тарбияи мактаббачагон нигаронида шудааст, диққати онҳоро ба мактаб ҷалб намудааст:

«Саҳаргоҳон, ки булбул дар наво шуд,

Гул аз шодӣ шукуфту ғунча во шуд.

Шумо, эй булбулони боғи мактаб,

Саҳаргоҳон набояд хуфт ҳар шаб.

Шумо ҳам дар наво оед бояд,

Ки то аз боғи маънӣ гул кушояд.

Саҳаргоҳон гулистони дабистон,

Тароватбахш бошад чун гулистон...»[23, с.44].

Раҳим Ҳошим дар китоби «Ёди гузашта» чунин гуфтааст: «Чил сол пеш аз ин Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба ман супорида буд, ки барои синфҳои дуюм ва сеюми мактабҳои ибтидоӣ китобҳои хониш тартиб диҳам. Барои ин китобҳои хониш ҳикоячаҳои кӯтоҳ, пурмазмун ва ба забони равону фаҳмо навишташудае лозим буданд, ки бачагони навомӯзро бо зиндагонии гузаштаву

онрӯзаи халқи мо шинос кунанд. Аммо дар он солҳо ин хел ҳикоячаҳои ба фаҳму завқи бачаҳо мувофиқ дар адабиёти мо кам буданд.

Ман ба назди устод Айнӣ рафта, илтимос кардам, ки махсус барои китобҳои хониш ҳамин хел ҳикоячаҳо навишта диҳанд. Устод Айнӣ ин хоҳиши маро рад накарда, барои ҳар яке аз он китобҳо мувофиқи синну соли хонандагон якчанд ҳикояҳо ва тартибу қоидаҳои баъзе бозиҳои бачагонаро навишта доданд. Устод Садриддин Айнӣ дар якчанд ҳикояи хурд баъзе лавҳаҳои зиндагии онрӯзаро хеле хуб тасвир кардаанд. Ин ҳикоячаҳои устод ҳоло ҳам аҳммияти худро гум накардаанд» [132, с. 3].

Раҳим Ҳошим дар китоби «Сухан аз устодон ва дӯстон» (1971) дар бораи А.Лоҳутӣ менависад: «Лоҳутӣ- ин шоири «даврони теғу оташу хун тайкарда, ин «шамшер дар шӯъла», ки дар муборизаҳои инқилобии Эрон ба қалби душманони халқ гаҳ ба нӯги хома ва гохе ба нӯги ханҷар» зарба зада буд, бо ғазали «Инқилоби сурх» матн, пур аз ҳиссиёти инқилобӣ ба назми советии тоҷик қадам ниҳод. Ин баҳори соли 1925 буд. Омадани ӯ дар олами шеъру адаби мо ғулғула ва хешу хурӯши наве ба вуҷуд овард» [133, с.78].

Соли 1935 Абулқосим Лоҳутӣ аввалин асари бачагонаи хешро эҷод намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки “ҳаминро бояд қайд кунам, ки имрӯз ман чизи аввалини худро- таронаи бачагонаро навишта додам, ки фардо чоп мешавад ва онро барои ба ҳама ҷо паҳн кардан култпроми марказӣ чораҳо дидааст” [203, с.5].

Дар бораи шеърҳои эҷодкардаи А.Лоҳутӣ Раҳим Ҷалил ба хотир оварда, қайд мекунад: «Лоҳутӣ дар вақти аз стансияи роҳи оҳани Хавос ба Масква гуселонидан аз мошин нафаромада, қоғазу қалам гирифту таронаи ба комсомол бахшидашудаи худ “Моҳо мӯл ҳастем, комсомул ҳастем”–ро ба қалам оварда ба ман гуфт: “Комсомолони мактаби Пушкин аз ман хоҳиш карданд, ки таронае нависам. Ту инро рӯбардор карда, ба онҳо бидеҳ ва агар лозим донӣ, ба газета чоп карда, як нусха аз он ба ман бифирист» [203, с. 35].

Бо чунин мисраъҳо оғоз мегардад:

«Мо пас намемонем,

Дар мактаб мехонем,

Аҳволи оламро,

Мо хуб медонем.

Моҳо мӯл ҳастем,

Комсомул ҳастем,

Дар боғи ленинизм,

Моҳо гул ҳастем...» [203, с. 35-36].

Устод Айнӣ дар китоби «Намунаи адабиёти точик» дар бораи Лоҳутӣ менависад: «Сазовор аст таърих ба Лоҳутӣ хитоби адиби сурхро бахшад, зеро мумилайҳ аввал касест, ки ба забони форсӣ шеърҳои ҳақиқатан инқилобӣ сурудааст ва дар адабиёти синфии форсӣ ҳусни матлаъе барбаста» [203, с.79].

Асарҳои офаридаи адибони тоҷик чун хазинаи маънавӣ бо мазмуни баланди худ, барои инсони комил тарбия намудани хурдсолон аҳаммияти муҳим дорад.

Мазмуни ҳикояҳои офаридаи нависандаи ширинкалом А.Шакурӣ ба мақсади тарғиби ААБ, ҷиҳати муайяни одобу ахлоқ, ки дар он калимаи «бачаҳо» борҳо зикр шудааст, ки дар эҷодиёти ӯ бо номи «Бачаи тарбиядида», «Бачаи боадаб»,«Бачаи боақлу ҳуш» ва ғайра аз ҳаминҳо мебошанд.

Шоирони АБ Ҷ. Суҳайлӣ, Б.Азизӣ, М.Аминзода, Н.Шерзода ва дигарон дар пайравии С.Айнӣ шеърҳои ба бачагон бахшидаи хешро, ки хонандагонро ба омӯхтани илму дониш даъват карда, тавассути он бесаводиро бадбахтии инсон шуморида, тасвир намудаанд. Чунончӣ М.Аминзода гуфтааст:

«Бесаводӣ балои ҷон бошад,

Зарари ҷумла мардумон бошад...» [162, с.12].

Тавассути китобҳои дарсӣ мавзуъҳо ва хусусиятҳои АББ ба аҳли адаб возеҳ гардид. Ҳар як адиб барои эҷоди асарҳои бачагона мепардохтанд.

А. Пирмуҳаммадзода дар мақолаи «Фикр дар бораи адабиёти бачагонаи тоҷик» чанд вазифаи асарҳои офаридаи бачагонаро ба монанди рушди фикру ҳофиза, қавӣ гардонидани ирода, тарбияи ахлоқ ва ҳусну одобро махсус зикр кардааст ва ду шарти муҳимми эҷоди асарҳои бачагонаро баён кардааст,

мувофиқи синну соли хонандагон, самимӣ ва боварибахш будани воқеаҳо тасвир ёфтааст. А.Пирмуҳаммадзода дар мақола навиштааст: «Нависанда фаҳм ва синни бачагонро ба назар гирифта, мувофиқи ҳамон мавзуъ образ пайдо намояд ва ҳунари нависанда ҳам дар ҳамин ҷост, ки мавзуяшро ба таври гуфтугӯ ва забони кӯдак кор кунад. касоне, ки асари бачагона менависанд, бояд, ки худи онҳо давраҳои бачагиро гузаронида ва ҳиссёти зиндагонии он давраро айнан тасвир карда тавонанд» [120, с.7].

Тазаккур мебояд, ки АБТ бидуни асарҳои эҷодкардаи бачагонаи шоирони тоҷик, аз эҷодиёти шоирони рус дар шакли тарҷума бо мазмуни баланди бою рангин худ ба АББ зинат бахшиданд. Дар он саҳми Раҳим Ҳошим, А.Пирмуҳаммадзода Ҷалол Икромӣ, Ҳабиб Аҳрорӣ, Эмонуил Канд, Гулчеҳра Сулаймонӣ., А.Лоҳутӣ., Ҳ. Бақозода ва Ҳасан Ирфон хеле бузург буда, аз ҷониби ин адибон бо забони тоҷикӣ асарҳои машҳури адабиёти рус ва ҷаҳон баргардон карда шудаанд, аз ҷумла, асарҳои А.П. Чехов, Л.Н. Толстой, М. Горкий, С. Маршак, инчунин асарҳои адибони ҷаҳон Марк Твен, Ҷ. Лондон, Далиэл Дефо, Ҷонатон Свифт, Роберт Стивенсон, Ҳ.Г. Андерсон ва дигарон дастраси хонандагон гардида, бо беҳтарин асарҳо ошноӣ пайдо намудаанд.

Адабиёти бадеии бачагона сол то сол рушд карда истодааст, ки моҳият ва муҳтавои он унсурҳои тарбияи миллии наслҳои наврасро дар бар гирифта, дар таълиму тарбияи ахлоқӣ–башардӯстии онҳо мусоидат менамоянд.

Муҳаққиқи маъруфи педагогика ва адабиёти бадеии бачагона В.А Сухомлинский. дар ТБ (тарбияи башардӯстӣ) –ии кӯдак нақши адабиёти бадеиро таъкид намуда менависад: « Китоби бадеӣ пеш аз ҳама мактаби эҳсосот аст, он дар қалби кӯдак эҳтиром ба инсон, ҳамдардӣ ва масъулияти ахлоқиро ташаккул медиҳад» [139, с. 145].

Адабиёти бадеии бачагона ҳам воситаи омӯзиши забон ва ҳам омили ташаккули арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ мебошад.

Психологи маъруф Л.С. Виготский таъсири забон ва матни бадеиро ба ташаккули шуури ахлоқии кӯдак чунин баён кардааст: «Тавассути калима ва

образи бадеӣ бачагона на танҳо нутқ, балки муносибати арзишманд ба олам ва инсонро аз худ мекунад» [50, с. 282].

Муҳаққиқи адабиёти бачагона Л.И Божович. таъкид менамояд, ки АА (арзишҳои ахлоқӣ) маҳз тавассути таҷрибаи эҳсосӣ ташаккул меёбад. «Асари бадеии ба бачагон нигаронидашуда АА-ро на ба шакли панд, балки тавассути ҳамдардӣ ва таҷрибаи шахсӣ ворид мекунад» [47,с. 167].

Бояд қайд кард, ки барои асоснок намудани самаранокии жанрҳои АББ дар омӯзиши ЗТ ин фикрҳо далелҳои илмӣ мебахшад. Адабиётшиноси рус Б.А. Бегак, АБ-ро чунин арзёбӣ намуда: «Ҳар асари ҳақиқии АББ бояд кӯдаконро ба инсон дӯст доштан омӯзад, бе ин хусусият он арзиши тарбиявӣ надорад»[48, с. 59].

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки масъалаи башардӯстӣ ҳамчун яке аз меъёрҳои асосии арзёбии асарҳои бадеӣ ба шумор меравад. Адабиётшиноси тоҷик А. Набиев дар таҳқиқоти худ оид ба АБТ(адабиёти бачагонаи тоҷик) чунин қайд менамояд: «Адабиёти бачагонаи тоҷик аз анъанаҳои инсондӯстонаи адабиёти классикӣ сарчашма гирифта, дар тарбияи ахлоқии хонанда нақши муассир дорад» [114, с. 41].

Бояд зикр кард, ки алоқаи саҳеҳи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар омӯзиши ЗТ тавассути адабиёти бачагона дорои пурарзиширо пайдо мекунад ва хеле бештару хубтар падидор мегардад.

Поягузори адабиёти бадеии бачагонаи муосири тоҷик Мирсаид Миршакар моҳияти тарбиявии АБ-ро махсус қайд кардааст: «Адабиёт барои бачагон пеш аз ҳама бояд дилро пок созад, меҳрубонӣ ва муҳаббат ба инсонро дар қалби онҳо ҷойи диҳад» [107,с. 59].

Ӯ дар съезди аввали нависандагони Иттифоқи Советӣ, ки соли 1934 баргузор гардид, дар маърӯзаи худ таҳти унвони «Дар бораи адабиёти бузург барои хурдсолон» таъкид намудааст, ки «эҷоди асар барои кӯдакон аз лиҳози масъулият ва аҳаммият ба адибони мо шарафи бузург аст». Инчунин дар ин съезд нависандаи бузурги рус А. Толстой таъкид намуд: «Образи мубориизони

озодӣ, қаҳрамонҳои инқилобӣ, бунёдкорони ҳаёти нав дар адабиёт бояд мавқеи муҳим ва мақоми баланд дошта бошанд» [151, с. 50-51].

Инчунин М.Миршакар аҳаммияти АББ-ро изҳор кардааст: «Калимаи тоҷикӣ, агар бо маънии ахлоқӣ ва образи нек ҳамгиро бошад, дар шуури кӯдак таъсири амиқи тарбиявӣ мегузорад» [104,с. 43].

Адабиётшинос ва нависандаи машҳури тоҷик Боқӣ Раҳимзода хусусияти ахлоқии АБТ-ро арзёбӣ намуда, қайд кардааст: «Қаҳрамонони АБТ бештар бо хислатҳои инсонгароёна–ростқавлӣ, меҳрубонӣ ва эҳтиром ба дигарон офарида шудаанд» [127, с. 61].

Арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар АБТ хусусияти системавиро мегиранд. Вазифаи тарбиявии АБТ- ро дар мавқеи дигар нависанда Боқӣ Раҳимзода шарҳ дода, қайд намудааст: «Агар асари бачагона танҳо шавқовар бошаду тарбия накунад, он рисолати иҷтимоии худро пурра иҷро накардааст» [126, с. 34].

Ҳикояҳои бачагонаи шоири ширинкалом Боқӣ Раҳимзода, ки кӯдак ба калонсолон ё дӯсташ кумак мекунад, намунаи дурахшони рафтори башардӯстона мебошад, ки дар таҳлили матнҳои ЗТ ба кор бурда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки масъалаҳои ахлоқӣ–башардӯстӣ дар омӯзиши ЗТ-ии синфи ибтидоӣ мавқеи марказӣ доранд ва АББ, яъне шеър, таронаҳо, афсонаҳо, ҳикояҳо воситаи асосии татбиқи ААБ мебошад.

Масалан, дар ҳикояи «Кумаки беинтизории писарбача» дар ҳикояи Б. Раҳимзода, ки қаҳрамони асосӣ писарбачаи мактабхон тасвир ёфтааст, ки дар роҳ бо як марди солхӯрда вомехӯрад. Пирамард дар бурдани бори вазнин ёфтани роҳ мушкилӣ мекашад. Кӯдак новобаста аз он ки ӯ бисёр ба мактаб рафтан шитоб дошт, ба пирамард кумак мерасонад, борашро бардошта ба ҷойи лозима ҳамроҳӣ мекунад.

Аз матни ҳикоя бармеояд, ки кӯдак ин амалро на барои подош, балки аз рӯйи виҷдон, меҳрубонӣ ва эҳтироми калонсолон анҷом медиҳад. Эҳтироми калонсолон ҳамчун меъёри ахлоқӣ ва рафтори некӣ кӯдак боиси намуна барои ҳамсолон ва дигарон мегардад. Дар ин ҳикоя, ки дорои мазмуни баланди

ахлоқӣ- башардӯстӣ мебошад, хонандагони хурдсолро дар руҳияи инсондӯстӣ, ҳамдардӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва эҳтироми калонсолон ҳидоят менамояд.

Ба андешаи муҳаққиқ «Қаҳрамони ҳикояҳои башардӯстона бояд бо амали худ ахлоқро омӯзанд, на ба сухани хушку пандомез» [129, с. 18].

Тазаккур мебояд, ки ҳикояҳои мазмуни баланди ахлоқӣ- башардӯстона дар дарсҳои ЗТ дар хонандагон матн ва муайян кардани қаҳрамонони асосӣ, муҳокимаи саволҳои ахлоқӣ Чаро кӯдак кумак кард? Агар ту мебудӣ, чӣ мекардӣ? Масалан, шеърҳои эҷодкардаи Б.Раҳимзода мазмуни ватандӯстӣ, эҳтироми муқаддасоти он, меҳнатдӯстӣ, ки саршор аз муҳаббат ба Ватан ва миллати хеш мебошад, аз забони бачаҳо бо таъбирҳои:

«Зебо Ватани моӣ,

Гулбоғу дилоройӣ.

Пурзӯру тавоноӣ,

Машҳур ба дунёӣ”.

омадааст, ки чун қасам ба Модар-Ватан садо медиҳад:

Ҳар зарраи хокатро,

Чун дида нигоҳбонем.

Тайёр ба ҳифзат мо,

Доим зи дилу ҷонем...» [127, с. 101].

Шеърҳои Б.Раҳимзода бо унвони «Иди ҳаёт», «Акси ту», «Ибтидои таҳсил», «Хабари хуш», «Муборакбодӣ», манзумаи «Чашмаш ало шуд», достони «Мусича ва рӯбоҳ» ва амсоли инҳо аз ҳамин қабил шеърҳо мебошанд.

Бояд қайд кард, ки анъанаҳои башардӯстӣ дар АБТ мавқеи муҳимро ишғол кардааст. Муҳаққиқ А Набиев. қайд мекунад: «Адабиёти бачагонаи тоҷик идомаи мантиқии анъанаҳои инсонгароёнаи адабиёти классикӣ буда, АА (арзишҳои ахлоқӣ)-ро дар шакли дастрас ба кӯдак мерасонад. Истифодаи матнҳои адабиёти бадеии бачагона дар дарсҳои забони тоҷикӣ имконият медиҳад, ки тарбияи ахлоқӣ- башардӯстӣ бо омӯзиши забон якҷоя амалӣ гардад» [114, с. 52 - 74].

Ин андешаҳо собит менамоянд, ки АБТ дорои ғояи қавии ахлоқӣ-башардӯстӣ буда, дар робита бо омӯзиши ЗТ тавассути осори адибон, аз қабили М. Миршакар, Б. Раҳимзода, М.Турсунзода , А. Шукуҳӣ, А. Деҳотӣ, Г. Сулаймонӣ, У. Раҷаб, Г. Келдӣ ва дигарон на танҳо дониш, балки арзишҳоро ташаккул медиҳад.

Махсусан, саҳми М.Турсунзода низ дар адабиёти бадеии бачагона хеле назаррас аст. М.Турсунзода барои бачагон асарҳои зиёд эҷод намудааст. Назми М.Турсунзода дар адабиёти бачагонаи тоҷик аҳаммияти махсусро пайдо кардааст. Гарчанде ки асарҳои офаридаи у хусусияти тарҷумонӣ дошта бошанд ҳам, вале аз ҷиҳати мазмун хеле таъсирбахшанд. Аз қабили «Водии Ҳисор», «Сайёҳи Ҳинд», «Қиссаи машҳур», шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», «Садои Осиё» ва «Ман аз Шарқи озод», достони «Писари Ватан», «Ҳасани аробакаш» ва дигар суруду таронаҳо мазмуни ҷаззобу самимӣ доранд. Шеъру манзума ва достонҳои шоир ба қавли Р.Амонов аз он ҷиҳат ба назми бачагона рақобат доранд, ки «аввалан, қаҳрамонашон бачагонанд, дар онҳо ҳаёти бачагӣ ва ҷаҳонфаҳмии айёми кӯдакию наврасӣ тасвир шудааст. Онҳо аз ҷихати равонӣ, хушоҳангӣ ва содагии вазну баён ҷиҳатҳои хоси назми бачагонаро падид меоваранд» [ 22,с.114].

Манзумаҳои «Водии Ҳисор», «Сайёҳи Ҳинд» ва «Қиссаи машҳур»- и ӯ хеле ҷолиби диққат мебошанд. Дар ин манзумаҳо муҳити қашшоқӣ, бесаводӣ, азобу уқубат, ки бачагон бепарастор буданд, касе дар бораи тарбияи маънавии онҳо ғамхорӣ намекард, инро шоир чунин тасвир кардааст:

«Вақти ман сарфи беқарорӣ буд,

Хокбозиву харсаворӣ буд.

Рӯзу шаб мегузашт бематлаб,

Беқалам, бекитоб бемактаб .

Падарам хоб карда дар хона,

Ким-чӣ мегуфт мисли девона.

Буд оҳаш чу дуди оташдон,

Чехрааш зард мисли барги хазон.

Модарам буд тирарею карахт,

Мисли бебаргу бор шохи дарахт...» [22, с. 45].

Ба андешаи Р.Амонов «Водии Ҳисор» ба назми бачагонаи тоҷик мундариҷаи дорои аҳаммияти махсуси ҷамъиятӣ ва обуранги хотирнишини бадеӣ зам намуд. Аз ин рӯ, онро яке аз асарҳои барҷастаи ин соҳа метавон ҳисоб кард» [ 22, с. 117].

Адабиёти бадеии бачагона воситаи комил барои ҳамгироии фанҳои педагогика ва психология ба ҳисоб рафта, ки ин ҳамгироӣ ба синфҳои ибтидоӣ кумак мерасонад, то ки онҳо забонро омӯзанд ва арзишҳои ахлоқӣ, қобилияти фикрӣ, ҳисси ҳамдигарфаҳмӣ, мададрасонӣ, дасти ёрӣ ва ғайра дар онҳо ташаккул ёбанд.

Мавзуъҳои адабиёти бадеии бачагона чӣ дар гузашта ва чӣ дар замони муосир таъсири баланди тарбиявӣ дошта, бо мазмуни бою рангин махсусан, дар адабиёти шифоҳӣ афсонаҳо, сурудҳо, тезгӯякҳо, бозиҳои гуногун барои хурдсолон эҷод гардида, хусусияти ахлоқӣ- башардӯстиро моликанд.

Масалан, шеъри эҷодкардаи Ҷавҳаризода Суҳайлӣ бо номи «Фарзанд бошад, чӣ сон бошад», бо тариқи саволу ҷавоб, вобаста ба синну сол ва бо назми бачагона, ба тарбияи ахлоқии насли наврас бахшида шудааст. Бояд фарзандро дар руҳияи тарбияи миллӣ, инсондӯстӣ, одобу ахлоқ, эҳтироми падару модар, дӯст доштани Модар–Ватан, эҳтироми арзишҳо ва муқаддасоти кишвар, эҳтироми калонсолон, меҳрубонӣ, хоксорӣ тарбия намудан зарур аст:

«Фарзанд бошад чӣ сон бошад?

Қобил бошад, пурдон бошад,

Дар меҳнат қаҳрамон бошад,

Ифтихори ёрон бошад.

Ба таҳсинҳо шоён бошад,

Васфаш дар ҳар замон бошад.

Модар аз ӯ шодон бошад,

Падар аз вай хандон бошад

Фарзанд бошад чӣ сон бошад?

Ёри пиру ҷавон бошад.

Сидқ аз кораш аён бошад.

Бар зидди душманҳо доим,

Нотарсу паҳлавон бошад...» [162, с.31].

Бояд зикр кард, ки тавассути ин шеър дар хонандагони хурдсол адиб беҳтарин сифатҳоро, аз қабили қобилӣ, оқилӣ, меҳнатдӯстӣ, меҳрубонӣ, мададрасонӣ, сидқу вафодорӣ, нотарсию паҳлавонӣ, фахри ҷаҳон буданро талқин намудааст ва насли наврас бояд дар руҳияи фазилатҳои инсонӣ комилу фарзона ба камол расанд.

Адабиёти бадеии бачагона дар марҳилаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъд аз он низ рушд ёфта, тавассути эҷоди рангини шеъру таронаҳо, ҳикояҳо, повестҳо наслҳои хурдсолу наврасро дар руҳияи муҳаббат ба Ватан, ҳифзи марзу буми он, содиқ будан, далерӣ, қаҳрамонӣ, инсондӯстӣ тарбия менамояд. Бар мисоли ин мо андешаи шоири ширинкалом Мирсаид Миршакарро ба хотир меорем, ки гуфта буд: «Хонанда аз панду насиҳати нависанда не, балки аз рафтору кирдори қаҳрамони асар ибрат мегирад» [107 с.98].

Нахустин жанрҳо дар солҳои ҷанг ва пас аз он, ин жанри достон, ки дар эҷодиёти М. Миршакар барои бачаҳо бараъло дида мешавад, таҳти унвони «Мо аз Помир омадем» (соли 1940), «Неъмат» (соли 1946), «Фёдор» (соли 1947), «Бачагони мамлакати офтобрӯ», «Қалами ман» дар бораи ёрии беғаразонаи халқи рус ба халқи тоҷик мебошад, ки дӯстии байни халқҳоро нишон медиҳад. Бачаҳо мавриди азхудкунии ин асарҳо дар худ ҳисси баланди башардӯстӣ, инсондӯстӣ, ёрии ҳамдигарӣ, меҳрубониро ташаккул медиҳанд. Достони эҷодкардаи М.Миршакар «Қишлоқи тиллоӣ»- навишта шудааст дар «Энциклопедияи бачагон», ба фонди тиллоии адабиёти бачагонаи советӣ дохил шудааст» [107,с. 433].

Аз ин лиҳоз, омӯзиши ЗТ раванди ягонаи таълим ва тарбия ба ҳисоб меравад. Масалан, дар шеърҳои эҷодкардаи М. Миршакар бо номи «Дӯстӣ» ба масъалаҳои дӯстии байниҳамдигарӣ бахшида шуда, баҳри бедор кардани ҳисси меҳрубонию инсондӯстии хонандагон дар омӯзиши ЗТ далели ин гуфтаҳост:

«Дӯстӣ–зуру тавонои мо,

Дӯстӣ-нури таҷаллои мо.

Дӯстӣ-сарчашмаи бахту зафар,

Дӯстӣ–боғи пур аз шаҳду шакар.

Ҳар куҷо дӯстӣ бувад, обод аст,

Дил зи шодӣ ҳар замон озод аст.

Дӯстӣ созад ҷаҳонро гулфишон,

Дӯстӣ бошад нишони ҷовидон...» [ 107,с. 86].

Шоир ба воситаи ин шеър, ки бисёр бо забони содаву равон ва оддӣ эҷод гардидаанд, ба кӯдакону наврасон мефаҳмонад, ки дӯстӣ сарчашмаи ободӣ аст. Дар ин ҷо шоир ҳамоҳангии адабиёти бачагонаро бо омӯзиши ЗТ (забони тоҷикӣ) дӯстиро бо калимаҳои «нур», «боғи шакар» ва «сарчашмаи зафар» монанд мекунад, ки ин нишондиҳандаи эҳтироми баланди инсон нисбат ба арзиш аст.

Саҳми асарҳои бачагонаи эҷодкардаи Аминҷон Шукуҳӣ низ «дар тарбияи хонандагони хурдсол аз аҳаммият холӣ нест, ки насли имрӯзу фардоро ба эҳтироми ватану модар бар мардум ҳидоят месозад». Шеъру таронаҳои шоир бо мазмуни рангину бою худ бар дилу дидаи хурду ҷавон ба монанди ин шеър роҳ ёфтааст:

«Ватанро беҳтар аз ҷон ёд кардам,

Шавад то мушкил осон ёд кардам.

Агар борон биёяд дон, ки ман ҳам,

Варо бо чашми гирён ёд кардам...» [169, с. 276].

Аминҷон Шукуҳӣ аз хотироти хеш ба ёд оварда менависад: «Ман ба шеърнависӣ аз солҳои чилуми асри бист сар карда бошам ҳам, фақат дар солҳои шастум ҷуръат карда қалам ба даст гирифтам, ки барои бачагон нависам» [168с. 181].

Асарҳои эҷодкардаи А. Шукуҳӣ бо пурмазмунӣ ва бо нафосати худ таъсирбахшу ҷаззоб буда, дар он орзуҳои неки инсон, тапиши дилро инъикос кардааст. Асарҳои эҷодкардаи шоир, аз қабили повести сегона «Об аз куҷо

меояд» (1969), «Асад ва Самад» (1973) ва «Боғи шакарханд» (1974) аз қабили ҳамин гуна асарҳо ба шумор меравconfigured. Инчунин А.Шукуҳӣ дар эҷоди шеъру таронаҳояш, аз қабили «Давидему давидем», «Дар вақти таҳсил», «Дарёи Варзоб», «Бороии баҳор» ва ғайра завқу шавқи хонандаро ба илмдӯстӣ, тасвири зебои табиат, фасли сол ва боридани борони баҳор ҷалб менамояд. Масалан, дар шеъри «Дар вақти таҳсил» насли наврасро ба омӯзиши илму дониш ва рӯйи ба мактаб овардан талқин мекунад:

«Дар вақти таҳсил,
Ту аз тахти дил.
Хону хону хон,
Дону дону дон!
Асбоби хониш,
Карда созу соз.
Ба сӯйи мактаб
Тозу тозу тоз! » [168, с. 101].

Адабиёти бадеии бачагона аз ҷиҳати мазмун, шакли бадеӣ, ифодаи фикру ҳиссиёт дар пояи баланд меистад. Масалан, дар повестҳои эҷодкардаи шоир рафтори образҳои марказӣ, услуби баёни повест, забони сода, нафису ширадор, забони зиндаи гуфтугӯиро дар бар гирифта, хонандаро ба шавқ меорад.

## 1.2. Заминаҳои илмӣ-педагогӣ ва имкониятҳои истифодаи адабиёти бачагона дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар раванди таълими забони тоҷикӣ.

Таҳлилҳо собит намуданд, ки замони муосир рушди андешаи педагогиро асосан ду равияи калидӣ муайян месозад, авторитарӣ ва башардӯстона. Педагогикаи авторитарӣ ба нуфуз ва ҳокимияти бешаки калонсолон, инчунин ба тобеияти рафторӣ ва зеҳнии кӯдак такя мекунад. Педагогикаи башардӯстӣ бошад, баръакс ҳуқуқу озодиҳои хонандаро эътироф намуда, онро ҳамчун субъекти фаъол, дорои арзишҳои шахсӣ ва имкониятҳои рушди мустақилона баррасӣ мекунад.

Бо вуҷуди он ки миёни ин ду равияи муқобил доираи васеи ҷараёнҳои гуногуни педагогӣ ташаккул ёфтаанд, тамоюли ҷомеаи муосир ва низомҳои пешрафтаи таълимӣ ба таври устувор ба педагогикаи башардӯстӣ равона гардидааст, зеро он ба талаботи рушди шахсият, ҷомеаи демократӣ ва таҳсилоти инсонмеҳвар ҷавобгӯ мебошад.

Ҳадафҳои таълиму тарбия, ки ҳамчун асоси рушди иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа амал мекунанд, марбут ба система ва равиши муайяни ҷомеа инкишоф ёфта, ба тарбия ва ба воя расидани насл, доираи назар, қобилияти бунёдкорӣ ва пешрафт нигаронида мешавад.

Татбиқи амалии он дар амалияҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ба сифати вазифаи стратегӣ ва самти афзалиятноки сиёсати маорифи миллӣ муайян гардида, зарурати гузариш аз моделҳои анъанавии автократӣ ба муносибатҳои инсонмеҳвар ва башардӯстонаи таълимро тақвият мебахшад. Маҳз ҳамин равиши инсонмеҳвар аст, ки имконият медиҳад дар раванди таълим шахсиятҳои дорои тафаккури мустақил, малакаҳои роҳбарикунӣ, иқтидори қарорқабулкунӣ ва масъулияти баландии иҷтимоӣ ташаккул ёбанд, яъне он афроде, ки қобилияти идоракунии муассир ва саҳмгузорӣ дар рушди давлатӣ ва ҷамъиятии шароити муосирро доранд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст:

«Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд» (Моддаи 5) [ 6, с.4].

Илова бар ин, дар муқаддимаи Конститутсия озодӣ ва ҳуқуқҳои шахсӣ ҳамчун арзишҳои олӣ ва муқаддаси иҷтимоӣ эътироф гардида, ҳифзи онҳо ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлат муқаррар шудааст.

Титбқи моддаи якуми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар чунин муқаррар мегардад: «Ҳамаи одамон озод ва бо шаъну шараф ва ҳуқуқҳои баробар таваллуд мешаванд. Онҳо дорои ақл ва виҷдонанд ва бояд бо якдигар дар руҳияи бародарӣ рафтор кунанд» (Моддаи 1) [12, с.1].

Ин арзишҳои башардӯстона дар фарҳанги миллии тоҷик низ таърихан ҷойгоҳи ниҳоят устувор доштаанд. Дар даромадгоҳи марказии ЮНЕСКО ба таври рамзӣ суханони пурҳикмати Саъдии Шерозӣ-орифи маъруф баён карда шудааст:

«Бани одам аъзои якдигаранд,

Ки дар офариниш зи як гавҳаранд…» [13, с.17].

Ин андешаҳои баланд, ки инсонро ҳамчун арзиши олӣ ва ҷудонопазири ҷомеа муаррифӣ мекунанд, моҳияти башардӯстӣ ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар низоми иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ тақвият мебахшанд.

Рушди маънавию ахлоқии инсон ҳамчун меҳвари асосии сиёсати иҷтимоиву давлатӣ амал карда, ба сифатҳои шахсӣ ва иҷтимоии ӯ таъсири мустақим мерасонад ва дар ҳалли масъалаҳои стратегӣ ва глобалии ҷомеа нақши калидӣ мебозад.

Барои ҳамагон маълум аст, ки беҳбудии ҷомеа дар шароити муосир ба сифати низоми маориф вобаста мебошад, низоме, ки бояд бар асоси ғояҳои башардӯстӣ ва арзишҳои инсонмеҳварӣ сохта шавад. Педагогикаи башардӯстӣ ба масъалаҳое рӯ меорад, ки мақом ва арзиши олӣ доштани инсон, маърифат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар раванди таърихии инкишофи худ, педагогикаи башардӯстӣ такя бо консепсия, принсипҳо, қонуниятҳои раванди таълиму тарбия ва ташаккули сифатҳои шахсият, аз ҷумла, ахлоқӣ, инсондӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, меҳрубонӣ, ёриву дастгирӣ, худмуайянкунӣ ва худамалинамоии шахсият мебошад. Ин раванд ба вусъатёбии тафаккури инсонӣ, болоравии масъулияти иҷтимоӣ ва ташаккули шахсиятҳое мусоидат мекунад, ки қодир ба зиндагӣ ва фаъолияти созанда дар муҳити босуръат тағйирёбандаи муосир мебошанд.

Дар осори мутаффакирони тоҷику форс арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ ҳамчун мероси ғанӣ баҳри рушди сифатҳои башардӯстонаӣ насли инсонӣ аҳаммияти муҳимро пайдо карда, барои наслҳои оянда замина мегузоранд. Арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстӣ мазмуни баланди тарбиявӣ ва таърихӣ дорад. Ҳанӯз дар давраи ҷомеаи ибтидоӣ инсонҳо дар вазъиятҳои мушкил, аз қабили

шикор, гуруснагӣ, беморӣ ва зуҳури хавфҳои табиӣ ба ҳамдигар кумак мерасонданд ва ҳамин ҳамкорӣ ба ташаккули асосҳои рафтори башардӯстона гардид.

Таҳлилҳои муҳаққиқ Ю.С. Владимиров нишон медиҳанд, ки пайдоиши ёрии мутақобилаи инсонҳо дар ҷомеаи ибтидоӣ аз эҳтиёҷ ба ҳамкории амалӣ ва ҳифзи манфиатҳои муштарак сарчашма гирифтааст. Ба андешаи муҳаққиқ: «ин шакли дастгирии якдигар тадриҷан ба воситаи рафтори иҷтимоӣ табдил ёфта, ҳамчун омили зарурии нигоҳдории бақо ва пойдории гурӯҳ амал намудааст ва бо гузашти вақт ба унсури устувори муносибатҳои башардӯстона мубаддал гаштааст» [190, с. 235 -236].

Дар ҷараёни инкишофи тамаддуни инсонӣ решаҳои рафтор ва муносибатҳои башардӯстона ба давраҳои бисёр дур ва нахустини таърихии ҳаёти ҷомеа пайванд мегиранд. Гарчанде ки ин муносибатҳо дар айёми ранҷи ҳаёти ибтидоӣ-ҳангоми мубориза бо хатар, гуруснагӣ ва зарурати дастгирии мутақобил ба вуҷуд омада буданд, дар давраҳои минбаъда муҳтавои онҳо аз дидгоҳҳои гуногуни фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ гуногун тавзеҳ ёфтааст. Ин раванд нишон медиҳад, ки идеяи башардӯстӣ решаҳои бисёрқабата дошта, тули садсолаҳо таҳлил ва тафсирҳои мутааддидро таҷриба кардааст.

Дар адабиёти антиқа, махсусан дар муҳити фикрии Юнони Бостон, тамоюлҳои асосгузори башардӯстӣ, аллакай ба таври возеҳ мушоҳида мешаванд. Дар осори файласуфони ин давра «идеяи инсони комил» ҳамчун шахси озод, соҳибтафаккур ва дорои қудрати худшиносӣ ба таври равшан тарқиб мегардад. Протагор, масалан, инсонро «меъёри тамоми чизҳо» дониста, мақоми ӯро дар олами ҳастӣ махсус таъкид менамояд. Суқрот бошад, бо пешниҳоди принсипи машҳури «Худро бишинос» [86, с.112], на танҳо усули таҳқиқи ахлоқӣ, балки як барномаи мукаммали таълимӣ.

Дар давраи Эҳё идеяҳои башардӯстӣ қадами нав мегузоранд. Мутафаккирони ин давра инсонро на танҳо ҳамчун падидаи табиӣ, балки ҳамчун мавҷуди худофаранда, соҳибирода ва дорои иқтидори рушди мустақилона маънидод менамуданд. Намояндагони оламшумули ин ҷунбиши

фикрӣ-Витторино де Фелтре, Эразми Роттердамӣ, Томас Мор, Франсуа Рабле, Мишел Монтен, Томмасо Кампанелла-таълимро ҷузъи асосии худтакмилдиҳӣ ва озодандешии инсон мешумориданд. Онҳо бар ин ақида буданд, ки мазмуни таълим бояд имкони рушди тафаккури мустақилона, фаъолияти эҷодӣ ва худфаъолияти кӯдакро фароҳам оварад, зеро маҳз ин сифатҳо пояи инсонгароии ҳақиқӣ мебошанд.

Тасаввурот оид ба шахсияти озоду фаъол, ки қобилияти ташаккулёбии он дар раванди фаъолияти муназзами тарбиявӣ имконпазир аст, дар афкори педагогии ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, бо номи Ян Амос Коменский пайваст мебошад. Ин педагоги барҷаста, бо истинод ба принсипи табиатан тарбиятпазир будани инсон, бар он таъкид менамуд, ки вуҷуди инсон дар асл озод, фаъол ва дорои неруи ботинии худтакмилдиҳанда аст. Педагог қайд мекунад: «Дар сурате ки раванди тарбия бо хусусиятҳои фитрии кӯдак, ниёзҳои ботинии ӯ ва қонунмандиҳои рушди равонӣ ҳамоҳанг ташкил дода шавад, имкони ташаккули кӯдак ҳамчун шахси озод, фаъол, худиқдом ва дорои неруи созанда фароҳам меояд. Шахсияте, ки чунин тарбияро доро мегардад, на танҳо қобилияти дигарсозии шахсии худро пайдо мекунад, балки метавонад муносибатҳои худро бо ҷаҳони атроф низ ба таври нав ва босифат тағйир диҳад» [77, с. 295].

Дар андешаи педагогии Жан-Жак Руссо масъалаи тарбия бо яке аз муҳимтарин принсипҳои инсонмеҳвар пайванд мехӯрад. Ба таъкиди ӯ, «асоси равиши дурусти тарбияро эътимод ба неруи ботинии кӯдак, фароҳам овардани шароити инкишофи табиии онҳо ва ҳифзи озодии рафтору гуфтор ташкил медиҳад». Руссо бар он назар аст, ки «кӯдак аз табиат бо неруи фитрии рушд таъмин мебошад ва вазифаи тарбиягар на дар маҳдудсозӣ, балки дар ҳамроҳии оқилона ва идоракунии низоми ин раванди табиӣ тавассути назорати боздоштан ифода меёбад».

Озодиро Руссо дар ду сатҳ тавзеҳ медиҳад: «Озодии ҷисмонӣ, ки имкони фаъолияти табиӣ, ҳаракат ва таҷрибаи мустақилонаро дар бар мегирад ва озодии равонию ботинӣ, ки ҳуқуқ ба андеша, тафаккур ва интихоби маърифатии кӯдакро ифода мекунад» [123, с.224].

Дар ташаккули асосҳои назариявии педагогикаи башардӯстӣ дар асрҳои XVIII-XIX саҳми мактаби классикии фалсафаи немис-Иммануил Кант, Иоганн Фихте, Фридрих Шеллинг ва Георг Вилҳелм Гегел-ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Андешаи Иммануил Кант дар рушди ҷаҳонбинии башардӯстона таъсири хосса дорад. И. Кант инсонро, маҳз ба хотири доштани шуур ва қобилияти мустақилонаи фикр, «мавҷуди дорои арзиши олӣ» мешуморад. Ба ақидаи ӯ, «Инсон ҳеҷ гоҳ набояд ба сифати васила барои ҳадафҳои дигарон истифода гардад, зеро шахсият худ ҳадаф ва дорои эҳтироми баланд мебошад». Бо вуҷуди ин, И.Кант таъкид мекунад, ки «худшиносии инсон наметавонад ва набояд бо худбиниву худпарастӣ омехта гардад. Назорати ақлонӣ ба рафтор, вазифадорӣ дар назди дигарон ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ, ба назари ӯ, он нерӯе мебошанд, ки метавонанд шахсро аз ифротҳои худбиниву худмеҳварӣ эмин доранд» [87, с.304].

Иоганн Генрих Песталотсӣ мутафаккири барҷастаи Швейцарӣ, дар ташаккули пояҳои педагогикаи башардӯстӣ нақши калидӣ бозидааст. Ӯ тарбияро ҳамчун раванде ҳисоб мекард, ки бояд ба ташкили фаъолияти пурсамар ва маърифатӣ-эҳсосии кӯдак равона шавад; фаъолиятие, ки ба рушди худшиносӣ, бедории қобилиятҳои дохилӣ ва ташаккули сифатҳои шахсии ӯ мусоидат мекунад. Песталотсӣ бар он ақида буд, ки «Кӯдак дорои неруи фитрии худофаринӣ аст ва вазифаи тарбиягар на такмил, балки фароҳам овардани шароите мебошад, ки дар он кӯдак метавонад, хусусиятҳои инфиродии хешро ба таври худҷӯш инкишоф диҳад–гӯё, ки «худаш худро меофарад» [119, с.224].

Педагоги рус Лев Николаевич Толстой бар он андеша аст, ки «инсонгароӣ натиҷаи олии таҷрибаи фарҳангӣ ва иҷтимоии инсоният мебошад ва маҳз ҳамин арзиш ҳамчун навъе аз «мероси гаронбаҳо» аз тамаддунҳои гузашта ба наслҳои имрӯза расидааст». Толстой муҳимтарин принсипи тарбия ва таълимро дар «фароҳам овардани озодии воқеии кӯдак» мебинад. Ба андешаи ӯ «Танҳо дар шароите, ки муҳити таълимӣ характери ҳақиқатан инсонпарварона дорад, кӯдак

метавонад иҷозати рушду худофаринии маънавию зеҳнии худро пайдо кунад» [151, с.362].

Дар асри XIX ва ибтидои асри XX маҳз ҳамин андешаҳо асоси пайдоиш ва ташаккули як равияи тозаро дар илми педагогика фароҳам овкартанд. Чуноне, ки омӯзиши озод, ки ҳадафаш рушди инфиродӣ ва парвариши шахсияти кӯдак мебошад ба миён омад.

Заминаҳои ғоявӣ-назариявии таҳқиқоти мо дар самти «инсонпарваркунонии» раванди таълими хонандагони хурдсолро афкори Б. Г. Ананев дар бораи масъалаҳои муосири шинохти инсон андешаҳои Ш.А. Амонашвилӣ оид ба арзишҳои инсондӯстӣ дар раванди таълим ва тарбия инчунин таҳқиқоти Е.А.Гришина ва дигарон дар бораи арзишҳои инсонпарваронаи омӯзиш ва худомӯзӣ ташкил медиҳанд.

Ба ин равия ҳамчунин андешаҳои А.А.Бодалев дар бораи хислатҳои неки инсонпарваронаи шахсиятҳои барҷаста ҳамчун намунаи тарбиявӣ барои ҷавонон консепсияи А.Д.Заркова дар бораи тафаккури нави педагогӣ ҳамчун шарти муҳим барои такмили омӯзиш ва инсонпарваркунонии раванди таълим инчунин назарияи В.И.Зуравлёва дар бораи робитаи илмии педагогикаи назариявӣ ва методологияи амалии он асос мегузоранд.

Ҳамзамон, дастовардҳои тозаи олимон дар даҳсолаҳои охир оид ба воситаҳои педагогӣ ва методии такмили таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ аз дидгоҳи инсонпарваронаи оқилона мавриди таҳлил ва истифода қарор гирифтанд. Ба ин манбаъҳо тааллуқ доранд:

- андешаҳои М.Г.Тайчинов дар бораи тарбия ва худтарбияи хонандагони синни хурдсол [155];

- афкори В.И. Андреев оид ба диалектикаи тарбия ва худомӯзии шахсияти эҷодкор ҳамчун зуҳуроти педагогикаи эҷодӣ [174];

- назарияи ягонагӣ ва томияти раванди педагогӣ аз ҷониби В.А. Караковский [194];

- таҳқиқоти А.Я. Данилюк дар бораи асосҳои назариявию методологии ташаккули фазои маърифатии башардӯстона ва рушди фарҳанги муносиби байнишахсии хонанда [193];

- андешаҳои Е.Г.Замолотских дар бораи фарҳанги муносибатҳои байнишахсӣ ва нақши он дар ташаккули муҳити тарбиявии инсонгароёна [66].

Ин манбаъҳо дар маҷмуъ ҳамчун дастурамали методологӣ дар таҳқиқоти мо хизмат намуда, ба асосноксозии нақши калидии арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстӣ дар раванди омӯзиш ва тарбияи хонандагони хурдсол мусоидат намуданд.

Сарчашмаҳои дигари илмии истифодашударо он маъхазҳое ташкил медиҳанд, ки хусусияти умумипедагогӣ дошта, ҳамчун асоси таҳлили равандҳои воқеии таълимӣ хизмат намудаанд.

Илова бар ин, асарҳои С. Айнӣ, В.А. Сухомлинский, А.С. Макаренко, Р.Ф. Колесникова, П. Толис, К. Мирзоев, Ш.А. Амонашвилӣ, В.И. Новикова, Н. Островский ва дигар мутафаккирон ҳамчун воситаҳои методологии арзишогоҳ, инчунин матнҳои бадеӣ, ҳикояю афсонаҳо ва ғайра дар таҳқиқоти мо мавқеи муҳим ишғол карданд.

Ин маъхазҳо дар маҷмуъ ба таҳкими асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқ имкон дода, роҳҳои татбиқи арзишҳои башардӯстона дар муҳити таълимӣ ва тарбиявиро равшантар сохтанд.

Дар маркази ин гурӯҳи маъхазҳо он асарҳое қарор доранд, ки муаллифонашон равандҳои ташаккули маънавӣ ва ахлоқии хонандагони синни хурдсолро таҳти роҳбарии омӯзгорон ва тарбиядиҳандагон бо таҳлили амиқи педагогӣ-психологӣ баррасӣ намудаанд. Арзиши илмии ин таҳқиқотҳо, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки онҳо хусусиятҳои рушди шахсиятро дар муҳити таълимии инсонпарварона равшан сохта, робитаи устувори байни таълиму тарбия ва ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстиро асоснок менамоянд.

Андешаҳои педагогие, ки ба ташкил ва такмили раванди таълиму тарбия дар асоси ҳамкории фаъол миёни хонандагони синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорон ва дигар субъектҳои муҳити тарбия равона шудаанд, моҳият ва аҳаммияти чунин

ҳамкориро дар низоми педагогӣ равшан нишон медиҳанд. Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки дар заминаи ҳамкории тарафайни омӯзгору хонандагон раванди таълим босамар гардида, ба рушди сифатҳои ахлоқӣ башардӯстии онҳо (коллективӣ, масъулиятшиносӣ, интизомнокӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ғ.) таъсир расонида, мусоидат менамоянд.

Ин идеяҳои назариявию амалии басо арзишманд дар асарҳои як қатор таҳқиқотчиёни намоён таҷассум ёфтаанд. Аз ҷумла, дар корҳои Н.А. Алексеев хусусиятҳои асосии таълими башардӯстона дар синфҳои ибтидоӣ ба таври муфассал нишон дода шудаанд [173,с.10].

М.Н. Аплетаева низоми тарбияи ахлоқӣ–башардӯстии хонандаро ҳамчун ҷузъи муҳимми раванди таълим таҳлил карда, механизмҳо ва шароити таъсиргузори рушди арзишҳои инсонӣ дар зинаи ибтидоиро асоснок намудааст [30].

Муҳаққиқ О.С.Газман «масъалаи дастгирии педагогӣ ҳамчун яке аз самтҳои калидии инноватсияи таълим мавриди баррасӣ қарор гирифта, аҳаммияти таъмини фазои муносибатмандонаи омӯзгор ва хонанда барои ташаккули арзишҳои башардӯстӣ нишон дода мешавад» [52].

Е.Г.Замолотских фарҳанги муоширати байнишахсии субъектҳои раванди таълиму тарбияро ҳамчун падидаи муҳими педагогӣ таҳқиқ намуда, нақши онро дар ташкили муҳити солими иҷтимоӣ ва рушди арзишҳои инсондӯстӣ дар хонандагон асоснок кардааст [66].

Дар навиштаҳои В.И. Новикова таҷрибаи иштироки хонандагони хурдсол дар фаъолияти ҳаётии коллективӣ ва корҳои муштарак ҳамчун омили муҳими тарбияи башардӯстӣ тавсиф ёфта, собит мегардад, ки тарбия дар руҳияи накӯкорӣ, ҳамкорӣ ва эҳтироми мутақобил танҳо дар шароити фаъолияти муштарак ва таҷрибаи зиндаи иҷтимоӣ самаранок амалӣ мегардад [117].

Ин манбаъҳо нишон медиҳанд, ки татбиқи коркардҳои методӣ ва технологӣ дар ҷараёни ташаккули муносибатҳои инсондӯстонаи хонандагони зинаи ибтидоии таҳсилот пурра ба хусусиятҳои инкишофи равонии кӯдакон мутобиқ мебошад.

Дар ҷараёни таҳқиқ, истинод ба осори илмӣ ва методии муҳаққиқони маъруф нақши асосӣ дошт, зеро маҳз дар корҳои онҳо мавқеи равоншиносӣ дар ташаккули шахсият, раванди иҷтимоӣ гардидани кӯдак ва рушди эҳсосоти инсонӣ ба таври илмӣ эътироф ва асоснок шарҳ дода шудааст. Аз ҷумла, корҳои А. Абулханова, В.С.Славская, А.Г.Агеев, А.А.Асмолов, С.П.Бодалев, Я.Л.Винокуров, Ю.Н.Коломинский, А.Н.Кулюткин, А.А.Леонтьев, Л.К. Люблинская, В.Н.Максимов, Л.И.Мясищев, И.Р. Рувинский, Д.И.Сушков, Д.Б.Фельдштейн Эльконин ҳамчун сарчашмаҳои муҳимми зарурӣ истифода шуданд.

Ин муҳаққиқон хусусиятҳои ташаккули эҳсосот, муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳамдардӣ, масъулиятшиносӣ, худидоракунӣ ва дигар сифатҳои бунёдии инсониро, ки асоси арзишҳои башардӯстии хонандагони хурдсол мебошанд, амиқ шарҳ додаанд. Маҳз тавассути чунин заминаҳои равоншиносӣ, мо тавонистем муҳтавои назариявӣ ва амалии тадқиқотро бо талаботи рушди шахсияти кӯдак мувофиқ гардонем.

Моҳияти равиши башардӯстона дар тарбия дар оғози асри XX дар китоби машҳури Эллен Кей– «Асри кӯдак» - ба таври равшан ва бунёдӣ инъикос ёфтааст. Даъвати ӯ ба «оғоз кардан аз кӯдак» на танҳо шиори зебо, балки ифодаи ҷаҳонбинии тамоман нав буд, ки дар он кӯдак ҳамчун мавҷуди дорои фаъолият, ихтиёр, эҳсосот ва мантиқи худ баррасӣ мегардад. Ба ақидаи Кей, «шахсияти кӯдак бояд дар маркази равандҳои тарбиявию таълимӣ ҷойи гирад, зеро мустақилияти ӯ дар ташаккули худи шахсияташ нақши муҳим дорад » [75].

Дар ҳамин марҳилаи тағйирот гурӯҳи барҷастаи мутафаккирон ва амалдорони соҳаи педагогика ба ташаккули модели инсонмеҳвари таълим саҳми назаррас гузоштанд. Ба ин пешсафон Эдуард Клапареде, Константин Вентсел, Януш Корчак, Рудолф Штайнер, Селестин Френе ва Мария Монтессорӣ шомил мешаванд. Дар ин замина нақши омӯзгор, муҳити иҷтимоӣ ва воситаҳои тарбия аз он иборат аст, ки шароити зарурӣ барои ҳарчи бештар равшан шудан, рушди ААБ (арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ) ва такмил ёфтани қобилиятҳои зеҳнӣ, эҳсосӣ ва иҷтимоии кӯдак муҳайё созанд [104 с.172].

Таҳаввулоти муосир нишон медиҳанд, ки танҳо шумораи маҳдуди системаҳои педагогӣ тавонистаанд роҳе ба қадри як аср тай намуда, на танҳо шакли аслии муаллифии худро ҳифз кунанд, балки мавқеи устувор дар низоми ҷаҳонии маориф пайдо намоянд. Яке аз чунин равияҳои пойдор ва ҷаҳониён эътирофшуда - системаи педагогии Мария Монтессорӣ мебошад, ки то имрӯз дар кишварҳои гуногун ҷойгоҳи махсусро ишғол намуда, ҳамчун яке аз намунаҳои бомуваффақи педагогикаи инсонмеҳвар шинохта мешавад [103, с.224].

Ҷ. Дюй таълимро ҳамчун таҷрибаи зиндаи иҷтимоӣ мебинад, ки кӯдак дар он дар фазои озодона, табиӣ ва фаъолона ҷаҳони атрофро меомӯзад, савол мегузорад, таҷриба меозмояд ва тавассути амал омӯзишро дарк мекунад. Маҳз ҳамин муносибат ба кӯдак ва нақши нави омӯзгор аст, ки педагогикаи инсонмеҳвар ва демократиро ба сифати яке аз самтҳои асосии маорифи муосир шакл дод.

Бар асоси афкори Ҷ.Дюй, таълими башардӯстӣ бояд ба як қатор принсипҳои методологӣ такя кунад, ки моҳиятан ба тағйирёбии нақши омӯзгор ва фаъолшавии шогирд асос мегузоранд. Ба муҳимтарини онҳо инҳо дохил мешаванд:

1.Принсипи мустақилият.

Таълим бояд тавассути чунин усулҳои педагогӣ амалӣ гардад, ки диққати хонандаро ба фаъолияти мустақилона ва амалии худи ӯ равона созанд. Омӯзгор на идоракунандаи раванди дарс, балки роҳнамои эҳтимоли таҷрибавӣ мебошад; маркази воқеии таълим - худи шогирд аст, на фаъолияти монологии омӯзгор.

2.Принсипи ошкорӣ (озодии амал).

Ба хонанда бояд имкон дода шавад, ки дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз таҷриба, имконият ва тарзи фикри худ истифода кунад. Гуногунрангии фаъолият, интихоби роҳҳои ҳал, муҳокимаҳои озод ва ташаббусгарӣ ҳамаи ин ҷузъҳои ҷудонашавандаи омӯзиши башардӯстона мебошанд. Омӯзгор вазифадор аст, ки ангеза ва ҳавасмандии дохилии хонандаро бедор намояд.

3.Принсипи фаъолонагӣ (фаъолияти пурра, «Дар раванди амал будан»). Ба андешаи Ҷ. Дюӣ, фаҳмиши воқеии дониш танҳо дар сурате шакл мегирад, ки шогирд дар фаъолияти маърифатӣ «дода» шавад бо шавқ, таваҷҷуҳ ва ниёзҳои воқеии худ мавзуъро омӯзад. Омӯзиш бояд дар заминаи эҳтиёҷоти дохилии кӯдак ва тавассути таҷрибаи шахсии ӯ сурат гирад, на бо маҷбуркунии зоҳирӣ.

4.Принсипи масъулият (дарки оқибати амал).

Ҷ. Дюӣ қайд кардааст: «Омӯзиш на танҳо дониш, балки ташаккули муносибати бохирадона ба ҷаҳонро фаро мегирад. Шахс бояд дар раванди фаъолият дарк кунад, ки ҳар амалу ҳар интихоб оқибати иҷтимоӣ ва ахлоқии худро дорад. Таълим бояд ба омӯзиши воқеии масъулият ва худназоратии рафтор равона бошад, на ба таваккали кӯркорона» [63, с.179],

Ҷ. Дюӣ бар ин назар аст, ки «рисолати омӯзгор, пеш аз ҳама, дар ташкили муҳите ифода меёбад, ки барои рушди кӯдак амн, озод, ҳавасмандкунанда ва дастгиркунанда бошад, муҳите, ки дар он хонанда имкони зоҳир намудани қобилиятҳо, эҳсосот ва захираҳои ботинии худро ба таври табиӣ ва озод инкишоф дода метавонад» [63, с.48–58].

Ба андешаи Роҷерс «шахсиятро наметавон бо роҳи интиқоли донишҳои тайёр афзоиш дод. Омӯзиши механикӣ ва интиқоли якҷонибаи дониш аз омӯзгор ба хонанда наметавонад рушди воқеии зеҳнӣ, эмотсионалӣ ва эҷодии шахсро таъмин созад» [207].

Афкори Карл Роҷерс дар ҳамбастагӣ бо идеяҳои Ҷон Дюӣ аз ҷониби олими маъруфи дигар Абраҳам Маслоу такмил ва тавсеа дода шуданд. Маслоу такя ба назарияи эҳтиёҷот ва мафҳуми худтакмилдиҳӣ, консепсияи рушди эҷодӣ ва касбии шахсиятро таҳия намуд. Ӯ нишон дод, ки «инсон танҳо дар сурати ташкили муҳити мусоиди равонӣ метавонад, қобилиятҳои эҷодӣ, иқтидорҳои касбӣ ва неруи дохилии худро ба таври комил зоҳир намояд, ин раванд мустақиман аз сатҳи худшиносӣ ва худтакмилдиҳии шахс вобаста аст» [207, с.108-117].

Илми педагогикаи башардӯстӣ ҳамчун чараёни асосӣ пазируфта шудаанд, имрӯз ҳам дар низомҳои пешрафтаи маориф пояҳои назариявӣ ва амалии муносибати инсонмеҳварро ташкил медиҳанд.

Муносибати инсонмеҳварӣ дар соҳаи маориф аз фаъолияти як қатор педагогони маъруф - В.А. Сухомлинский, А.С. Макаренко ва С.Т. Шатский илҳом гирифтаанд. Хусусияти чудогонаи равишҳои тарбиявии ин педагогон пеш аз ҳама дар инсондӯстӣ, таваҷҷуҳ ба муҳити маънавии кӯдак, эҳтиром ба шахсият ва эътирофи нақши фаъолонаи шогирдон дар рушди сифатҳои ахлоқӣ таҷассум меёбад.

В.А.Сухомлинский таъкид мекард, ки «таълим на танҳо ба донишандӯзӣ, балки ба инсонсозӣ, ташаккули фазои маънавӣ, зебоипарастӣ ва масъулияти иҷтимоӣ равона шавад, зарурати муттаҳид сохтани донишҳои зеҳнӣ бо тарбияи маънавӣ ва ҳисси инсондӯстиро нишон медиҳад. Маҳз ҳамин равиш ба корҳои В.А.Сухомлинский хусусияти умумибашарӣ ва аҳаммияти хосса медиҳад» [134, с.123–124].

Як қатор муҳаққиқон, аз ҷумла, М.А. Вейт, Д.М. Гришин, Н.А. Кичатинова, Э.П. Кутузова, Н.Т. Лакашия, Г.Ф. Похмелкина ва дигарон паҳлуҳои гуногуни равандҳои инсонмеҳварӣ ва механизми ташаккули муносибатҳои башардӯстонаи наврасонро мавриди омӯзиши амиқ қарор додаанд. Ин тадқиқотҳо аҳаммияти нав ба масъалаи ташаккули ахлоқи башардӯстӣ бахшида, зарурати таҳияи моделҳои нави педагогиро барои шароити муосир асоснок месозанд.

Назарияи вобастагии рафтори ахлоқӣ ва шуур дар корҳои Л.С. Выготский, А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, С.Г. Якобсон ва Д.Б. Элконин инъикос ёфтааст. Ин муаллифон бар онанд, ки рафтори ахлоқии кӯдак танҳо дар робита бо инкишофи шуур, таҷрибаи иҷтимоӣ ва фаъолияти амалӣ фаҳмида мешавад. Муҳаққиқон Л. Бозович, Б.С. Братус ва Н.Д. Левитов Ю.К. Бабанский, Н.И. Болдирев, И.А. Каиров, И.С. Мариненко, Т.Е. Конникова ва И.Ф. Харламов ин назарияро бо дарназардошти хусусиятҳои синну солии хонандагони хурдсол амиқтар карда, паҳлуҳои равонии ташаккули ахлоқи башардӯстиро нишон

додаанд. Дар ин таҳқиқотҳо асосҳои илмии рушди шахсият дар руҳияи башардӯстӣ, механизми тарбия ва усулҳои таъмини эҳтироми арзишҳои инсонӣ дар муҳити таълимӣ бо далелҳои муътамад асоснок карда шудаанд.

Аз ҷумла, саҳми И.А. Каиров, З.И. Равкин, Ф.Ф. Королёв ва дигар намояндагони педагогикаи классикии миллӣ ва шуравӣ дар ташаккулёбии принсипи «башардӯстӣ» ҳамчун меҳвари асосии мазмун ва самти раванди таълим дар мактабҳои он давра назаррас мебошад. Таҳқиқҳои назариявӣ ва метологии тарбияи ахлоқӣ – башардӯстӣ аз ҷониби олимон коркард ва таҳия кардашуда ва дар фаъолиятҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Ҷанбаҳои мураккаб ва дар айни ҳол калидии равонии тарбияи ахлоқӣ-башардӯстӣ дар як қатор корҳои таҳқиқотӣ, аз ҷумла, аз ҷониби олимон А.Д. Митрофанова ва С.Ф. Збандуто асосан ба таҳлили моҳияти тарбияи башардӯстӣ таваҷҷуҳ намуда, баррасӣ гардиданд.

Дар солҳои 60–70-ум тамоюли методологии пажуҳишҳои педагогӣ бештар ба татбиқи амалии принсипи башардӯстӣ дар мактабҳои шуравӣ нигаронида шуд. Ин пажуҳишҳо дар заминаи ғояи ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият ва муносибатҳои синфӣ-ҳаракативӣ ва иҷтимоӣ ба равандҳои таълим амалӣ гардида, дар осори олимоне чун Н.И. Болдирев, С.Ф. Збандуто, Т.Е. Конникова ва дигарон ба таври васеъ инъикос ёфтаанд.

Онҳо шахсияти кӯдакро ҳадафи марказии тарбия инсонпарварии шуморида як қатор усулҳои ташхисии муайян кардани дараҷаи ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, аз қабили инсондӯстӣ, ҳамдардӣ ва масъулияти иҷтимоиро пешниҳод кардаанд.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқон К.М. Аргеткина, Т.Е. Конникова, А.В. Тихонова ва В.В. Руднев масъалаҳои мазкур ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ин таҳқиқотҳо бештар ба равандҳои дарки ҳиссиёти инсонӣ, хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологии кӯдакон ва роҳҳои таъсиррасонии педагогӣ ба ташаккули муносибатҳои инсонмеҳвар равона гардидаанд.

И.П. Подласий педагогикаи башардӯстиро ҳамчун низоми илмӣ ва мукаммал арзёбӣ мекунад, ки дар баргирифтани маҷмуи назарияҳо ва қонунҳои педагогӣ муттаҳид гардида, ба тарбиятгиранда имконияти нақш ва мавқеи фаъоли худшиносӣ, мустақилият ва баробарҳуқуқиро дар раванди таълиму тарбия фароҳам меорад. Ба таъкиди муҳаққиқ: «Педагогикаи башардӯстӣ - ин низоми назариявию амалии таълим аст, ки дар маркази он шахсияти фаъоли инсон, ҳуқуқҳо, эҳтиром ва иштироки огоҳонаи ӯ дар ҳамаи ҷанбаҳои раванди тарбия қарор дорад» [119, с.21].

Ба ақидаи И.П. Подласий, ҳадафи асосии ПБ (педагогикаи башардӯстӣ) ташаккули шахсияти комил, озодандеш, бошуур, масъул ва қодир ба худташаккулдиҳӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият мебошад. Олим талаботҳои асосии ин равишро бо тартиби дақиқ ва системавӣ чунин гурӯҳбандӣ мекунад:

- ташаккули муносибати самимӣ, инсонмеҳвар ва эҳтиромомез бо кӯдак;
- эътирофи озодӣ, ҳуқуқҳо ва нуфузи шахсии хонанда дар раванди таълим;
- пешниҳоди талаботҳои воқеӣ, амалӣ ва мувофиқ ба имконниятҳои синнусолӣ ва равонии кӯдак.
- эҳтироми мавқеи инфиродии кӯдак, ҳатто дар ҳолатҳое, ки ӯ аз иҷрои супоришҳо худдорӣ менамояд;
- эътироф ва ҳифзи мақоми соҳибҳуқуқ будани хонанда дар ҳамаи марҳилаҳои таълим;
- ба шуури хонанда расонидани аҳаммият ва моҳияти ҳадафҳои тарбиявие, ки нисбат ба ӯ пешбинӣ шудаанд;
- қатъан дурӣ ҷустан аз ҳар гуна шакли зӯроварӣ дар амри тарбия;
- пурра рад кардани ҷазоҳои ҷисмонӣ ва ҳар амалие, ки шаъну эътибори шахсро поймол мекунад;
- эътирофи ҳуқуқи шахс ба рад намудани ташаккули он сифатҳо ё арзишҳое, ки бо эътиқодоти ақидавӣ, қавмӣ ё мазҳабии ӯ мухолифт доранд (масалан, баъзе шаклҳои инсондӯстӣ, афкори динӣ ва ғайра) [118,с.21].

Дар солҳои 80-90-уми асри XX, дар заминаи таҳкими парадигмаи инсонпарварии таълим, як қатор олимони тоҷик, аз ҷумла, Х. Авзалов, М.

Лутфуллоев, И. Обидов, А. Паҳлавонов, Б. Раҳимов, М. Юлдошева, И.Х. Каримова, Ҷ. Бобокалонова, С. Саидов ва дигарон - саҳми назаррас гузоштаанд. Тадқиқоти онҳо ба таблиқ ва дар амал татбиқ намудани арзишҳои илмию фарҳангӣ ва ахлоқии халқии тоҷик равона гардида, заминаи ғании ташаккули ахлоқи башардӯстии насли наврасро ташкил медиҳад. Мавқеи марказии ин корҳои илмӣ дар он аст, ки мероси таърихию адабии тоҷикон фарогири потенсиали бузурги тарбиявӣ буда, баҳри ташаккули инсонмеҳварии тафаккур ва муносибатҳо аҳаммияти педагогиро молик аст.

Дар солҳои охир таҳия ва густариши консепсияҳои илмӣ, ки ба муайянсозии роҳҳои ташкил ва татбиқи таълими инсонпарвар дар зинаи ибтидоии таҳсилот равона шудаанд, аҳаммияти хосса пайдо кардаанд.

Аз ҷумла, пажуҳишҳои М. Лутфуллоев оид ба ташкили муҳити омӯзиши инсонмеҳвар ва системаҳои дидактикии таълими ҳамгирои забони тоҷикӣ (Ф. Шарифзода), ки дар онҳо аҳаммият ба эҳтироми шахсияти кӯдак, муҳити мусоиди рушди фардӣ ва эҷодии хонандагон дода шудааст, дар рушди илмҳои педагогӣ ва татбиқи принсипҳои башардӯстӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Хонандагон дар омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути матнҳо, афсонаю ҳикояҳо, латифаҳо ва қиссаҳо бо образҳои мусбату манфии қаҳрамонҳо шиносоӣ пайдо мекунанд, ки дар он мафҳумҳои некӣ, бадӣ, ростӣ, дурӯғгӯӣ, адолат, бераҳмӣ ва золимиро дарк намуда, дар худ фазилатҳои некро рушд медиҳанд. Дар онҳо адабиёти бачагон бо мазмуни баланди тарбиявӣ ҳисси ҳамдардӣ, некӣ, башардӯстӣ раҳмдилӣ, дилсӯзӣ, қобилияти худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ ба рафтори худ ва инчунин барои рушди ҷаҳонбинии ахлоқӣ заминаи фароҳамро меорад.

Омӯзиши забони тоҷикӣ на танҳо воситаи муошират, балки омили муҳимми ҳифз ва интиқоли ААБ (арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ), миллӣ ва умумибашарӣ баҳри тарбияи солими хонандагон мебошад. Фароҳам овардани намунаҳои адабиёти бачагона дар дарсҳои ЗТ имкон медиҳад, ки омӯзгор омӯзишро бо тарбия ҳамоҳанг кунад, зеро жанрҳои мухталиф дар ҳамоҳангӣ дар омӯзиш нақши хосса доранд, масалан, афсонаҳо дар хонандагон

- тарбияи некӣ, мубориза ба бадиро, ҳикояҳо

- ташаккули масъулият ва худогоҳӣ, шеърҳо

-.рушди эҳсоси инсонгароёна, масал ва чистонҳо бошад, тарбияи ҳикмат,заковат ва ахлоқӣ иҷтимоиро ташаккул медиҳанд. Ин жанрҳоро омӯзгорон дар дарсҳои ЗТ метавонанд, ҳамчун матни таҳлилӣ, маводи хониш ва манбаи муҳокима истифода баранд.

Яке аз фазилатҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ ин некӣ ва накӯкорӣ мебошад, ки инсон ба воситаи амалҳои некаш ҳамеша дар хотираи инсонҳо боқӣ мемонад. Дар ин хусус педагоги маъруфи тоҷик М.Лутфуллоев қайд кардааст: «Азизон, агар хирман-хирман некӣ кунед ҳам, кам аст. Вале бадӣ як заррааш ҳам зиёд аст. Дар айни замон муҳимтарин некӣ, ки ҳамаамон бояд онро анҷом диҳем, ваҳдат ва ягонагист. Ваҳдат некиест азиз нисбат ба халқамон, ватанамон. Накӯӣ ва накӯкориро мақсади зиндагии худ қарор диҳем»[с.286].

Дар омӯзиши ЗТ тавассути матнҳо робитаи забон, тафаккур ва АА (арзишҳои ахлоқӣ) рушд меёбанд. Масалан, дарсҳои 57-58 (китоби ЗТ, синфи 2-юм муаллифон Шарифзода Ф., Лутфуллозода М ва Ғаниева Б.) мант бо номи «Хирад ва хирадмандӣ” оварда шудааст, ки инсон бидуни ақлу заковат наметавонад, роҳи дурусти зиндагиро пайдо намояд. Коре, ки хирадмандона анҷом намешавад боиси пушаймонист, чуноне ки Фирдавсии бузург гуфтааст:

«Касе, к-ӯ хирадро надорад зи пеш,  
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш...» [163,с. 11].

Аз ин лиҳоз, бояд ҳамаи пиндору гуфтору кирдори инсон хирадмандона бошад. Бояд гуфт, ки инсон дар гуфтор аввал фикр карда, сипас андешаашро баён созад. Ба воситаи ин матн мо хонандагонро ба омӯзиши илму дониш ва тарбияи илмдӯстӣ ҳидоят менамоем.

Мавқеи масъалаҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар таълими ЗТ аз нигоҳи муҳаққиқи методикаи таълими ЗТ Ҷ. Икромова таъкид мекунад, ки дар синфҳои ибтидоӣ омӯзиши забон ҳамзамон бояд вазифаи тарбиявӣ дошта бошад. Ӯ қайд мекунад: «Дар синфҳои ибтидоӣ омӯзиши ЗТ бе ташаккули ААБ (арзишҳои

ахлоқӣ- башардӯстӣ) маънои комили педагогӣ надорад, зеро забон пеш аз ҳама воситаи тарбияи шахсият аст» [73.с. 48].

Инчунин дар китоби «Методикаи таълими ибтидоии забони тоҷикӣ»- и М.Лутфуллоев, И.Абдуллоев ва М.Ҷалилова қайд карда шудааст, ки «вазифаи асосии омӯзиши забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ инкишофи нутқ мебошад. Ин фан бо ҳамаи фанҳои таълимӣ алоқаманд аст, хусусан бо адабиёти бадеии бачагона» [95, с 27].

Инчунин Ҷ Икромова. махсусан истифодаи шеър ва ҳикояҳои башардӯстонаро таъкид мекунад: «Матнҳои адабиёти бадеии бачагона, хусусан, шеър, ҳикояҳо ва қиссаҳо дорои мазмуни баланди инсондӯстона, дар ташаккули сифатҳои меҳрубонӣ, ҳамдардӣ, ёрӣ расонидан ва эҳтиром ба дигаронро таъсир мерасонад» [73,с. 52].

Муҳаққиқ Ҷ. Бобокалонова ба масъалаи интихоби матнҳои хониш аҳаммияти хоса зоҳир намуда, қайд кардааст: «Матнҳои китобҳои дарсии ЗТ бояд дорои мазмуни ахлоқӣ- башардӯстӣ бошанд, то хонандагон на танҳо хондан, балки зиндагӣ карданро низ омӯзанд» [40, с. 4].

Инчунин муҳаққиқ нақши ҳикояҳо ҳамчун воситаи ташаккули ахлоқро таъкид намудааст: «Ҳикояҳои кӯтоҳи дорои сюжети равшан ва қаҳрамони нек ба кӯдак имконият медиҳад, ки мафҳумҳои некӣ, адолат ва ҳамдардиро дар сатҳи шуури худ дарк намояд» [40, с. 4].

Муҳаққиқон Ҷ. Икромова ва Ҷ. Бобокалонова бар он андешаанд, ки

«Муаллим бояд мазмуни ахлоқии асари бачагонаро дар раванди таҳлили забонӣ ошкор созад, на танҳо онро ҳамчун матни грамматикӣ истифода барад» [73, 40, с. 44,55].

Матни ҳикояҳо дар омӯзиши ЗТ боиси рушди ТАБ-ии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мегардад, ки тавассути он дар онҳо тарбияи инсондӯстӣ шакл гирифта, сифатҳои меҳру муҳаббат, сидқу вафо, ғамхорӣ, дастгирӣ, сабурӣ, масъулиятпазирӣ, ростқавлӣ, поквиҷдонӣ ташаккул меёбанд.

Бояд қайд кард, ки дар омӯзиши ЗТ омӯзгорон мавриди таҳлили матнҳои тарбиявӣ заминаи рушди хислатҳои наҷиби инсонро дар хонандагон фароҳам меоранд.

Аз ин рӯ мо метавонем, тавассути матни ҳикояҳои мазкур як ҷадвали таҳлили арзишҳои ахлоқӣ–тарбиявиро дар синфҳои 2-3 пешниҳод намоем.

**Таҳлили арзишҳои ахлоқӣ – тарбиявиро дар синфҳои 2-3**

Ҷадвали №1.

| № | Синф | Номи ҳикоя | Муаллиф | Манбаъ | Мазмуни мухтасар | Арзишҳои АБ | Усули омӯзиш | Натиҷаи тарбия |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | «Дасти ёрӣ» | Б.Раҳимзода | Ҳикояҳои бачагона, 1990, с.24-26 | Дӯсташ мебинад, ки ҳамсин фаш дар иҷрои супориш мушкилӣ кашида истодааст, кумак мекунад | Инсон дӯстӣ, меҳрубонӣ, дӯстӣ | Хониш: Хондани матн,муҳокимаи рафтрои қаҳрамон | Ташаккули ҳисси ҳамдардӣ, меҳрубонӣ масъулият-шиносӣ. |
| 2 | 3 | «Ёрии дӯст» | Б.Раҳимзода | Забони тоҷикӣ Синфи3. 2018, с.45-46. | Дӯсташ мебинад, ки дар ҳалли масъалаи риёзи мушкилӣ дорад, дафтарашро дод. | Мехрубонӣ, дасти ёрӣ. | Сохтани ҷумлаҳо бокалима-ҳои дӯст, дӯстӣ, дӯстӣ доно. | Омӯзиши рафтори нек. |

Академик М. Лутфуллоев дар асари худ «Эҳёи педагогикаи Аҷам» масъалаи ташаккули инсондустӣ ва равишҳои педагогиро тавассути таҳлилҳои амиқи таърихӣ ва муқоисавӣ баррасӣ мекунад. Ӯ собит месозад, ки «нахустин андешаҳо ва аркони инсонмеҳварӣ маҳз дар тамаддуни Шарқ зуҳур ёфта, баъдан ба минтақаҳои гуногуни ҷаҳон паҳн шудаанд». Муаллиф бо истиқрори илмӣ ва устувории методологӣ ба пажуҳишҳои олимони Ғарб муроҷиат намуда, таъкид мекунад, ки агар даъвати маъруфи Жан-Жак Руссо: «Эй мардум, одам шавед!» танҳо дар асри XVIII дар Аврупо садо дода бошад, пас ибораи маъруфи инсондӯстонаи Шарқ: «Ба ғайр аз инсоният чизе гаронбаҳотар нест» - қариб ҳазору ҳаштсад сол пештар дар фазои фикрии Шарқ шакл гирифта буд [91, с.106].

Дар педагогика адабиёти бадеии бачагона ҳамчун василаи методии таълим ва тарбия истифода мешавад. Он ба омӯзиши забон ва китобхонӣ, хондан ва фаҳмидани матн, васеъ намудани луғат, омӯзиши грамматика ва тартиб ва сохти ҷумлаҳо, ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, ҳисси ҳамдардӣ, инсондӯстӣ, меҳрубонӣ, дӯстию рафоқат, ҳамкорӣ, коллективӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ кумак мекунад. Омӯзгорон тавассути усулҳои таълим хонандагонро ба омӯзиши ЗТ ҳавасманд мегардонанд ва дар онҳо шавқи омӯзиши ҳикояҳо, шеърҳо, қиссаҳо ва фаъолияти эҷодиро бедор менамоянд.

Дар ҳикояи «Ёрии дӯст» ташаккули масъулият-кӯдак дарк мекунад, ки ба дигарон кумак расонидан хеле муҳим аст. Рушди қобилият ва баррасии ахлоқӣ: саволҳои пешниҳодгардида ба кӯдак меомӯзонад, ки рафтори дуруст ва нек чист. Ба воситаи ин ҳикояҳо хонандагон дар рафторашон бошуурона амал мекунанд. Масалан, омӯзгор метавонад ба хонандагон супориши диҳад, ки як ҳикояи кӯтоҳ бо амалҳои ахлоқӣ эҷод намоянд.

Аз ҷиҳати илмӣ адабиёти бадеии бачагона объекти омӯзиши педагогика, психология ва адабиётшиносӣ мебошад. Арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ маҷмуи меъёрҳои маънавӣ мебошад, ки муносибати инсонро нисбат ба ҷомеа, дигарон ва худ муайян месозад. Чунин сифатҳо, аз қабили инсондӯстӣ, меҳрубонӣ, хоксорӣ, ростқавлӣ, адолат, эҳтироми инсон, ҳамдардӣ, мушфиқ, дӯстию бародарӣ, ёрии ҳамдигарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва масъулиятшиносӣ ба ин арзишҳо мансубанд.

Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ яке аз вазифаҳои асосии раванди таълиму тарбия ба ҳисоб рафта ва омӯзиши забони тоҷикӣ ҳамчун фанни гуманитарӣ имконияти васеи тарбиявиро дорост, зеро он бо тафаккур, нутқ ва ҷаҳонбинии хонанда алоқамандии ногусастанӣ дорад. Аз лиҳози мазмун ва ғоя адабиёти бачагона дорои ахлоқӣ тарбиявӣ буда, воситаи муҳимми педагогӣ дар раванди омӯзиши забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад.

Педагоги маъруфи тоҷик М.Лутфуллоев робитаи омӯзиши забони тоҷикиро тавассути фанҳои адабиёт, забоншиносӣ, хусусан адабиёти бадеии бачагона ба муаллимону методистон таъкид карда гуфтааст: «Ҳангоми таълими

забони тоҷикӣ ва ё дар бораи методикаи забон сухан рондан вазъи имрӯзаи забоншиносӣ, проблемаи мазмуни жанр, хусусиятҳои забони асари бадеии бачаҳоро ба назар бигиранд» [ 93, с.13].

Дар бораи омӯзиши забони тоҷикӣ андешаи забоншинос Қ.Рустамовро ба хотир меорем, ки гуфта буд: «Мавқеи забони тоҷикӣ ҳамчун предмети таълим муайян ва тадриҷан ба фанни таълим бадал мегардад» [126,с.186].

Муҳаққиқ Ҷ Бобокалонова. ба масъалаи интихоби матнҳои хониш аҳаммияти хоса зоҳир намуда, қайд кардааст: «Матнҳои китобҳои дарсии ЗТ бояд дорои мазмуни ахлоқӣ- башардӯстӣ бошанд, то хонандагон на танҳо хондан, балки зиндагӣ карданро низ омӯзанд» [40, с. 36].

Инчунин муҳаққиқ нақши ҳикояҳоро ҳамчун воситаи ташаккули ахлоқ таъкид намудааст: «Ҳикояҳои кӯтоҳи дорои сюжети равшан ва қаҳрамони нек ба кӯдак имконият медиҳад, ки мафҳумҳои некӣ, адолат ва ҳамдардиро дар сатҳи шуури худ дарк намояд» [40, с. 4].

Ҳикояҳои бачагонаи шоири ширинкалом Боқӣ Раҳимзода, ки кӯдак ба калонсолон ё дӯсташ кумак мекунад, намунаи дурахшони рафтори башардӯстона мебошад, ки дар таҳлили матнҳои ЗТ ба кор бурда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки масъалаҳои ахлоқӣ–башардӯстӣ дар омӯзиши ЗТ-ии синфи ибтидоӣ мавқеи марказӣ доранд ва АБ, яъне шеър, таронаҳо, афсонаҳо, ҳикояҳо воситаи асосии татбиқи ААБ мебошад.

Масалан, дар ҳикояи «Кумаки беинтизории писарбача» дар ҳикояи Б. Раҳимзода, ки қаҳрамони асосӣ писарбачаи мактабхон тасвир ёфтааст, ки дар роҳ бо як марди солхӯрда вомехӯрад. Пирамард дар бурдани бори вазнин ёфтани роҳ мушкилӣ мекашад. Кӯдак новобаста аз он ки ӯ бисёр ба мактаб рафтан шитоб дошт, ба пирамард кумак мерасонад, борашро бардошта ба ҷойи лозима ҳамроҳӣ мекунад.

Аз матни ҳикоя бармеояд, ки кӯдак ин амалро на барои подош, балки аз рӯйи виҷдон, меҳрубоӣ ва эҳтироми калонсолон анҷом медиҳад. Эҳтироми калонсолон ҳамчун меъёри ахлоқӣ ва рафтори некӣ кӯдак боиси намуна барои ҳамсолон ва дигарон мегардад. Дар ин ҳикоя, ки дорои мазмуни баланди

ахлоқӣ-башардӯстӣ мебошад, хонандагони хурдсолро дар руҳияи инсондӯстӣ, ҳамдардӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва эҳтироми калонсолон ҳидоят менамояд.

Ба андешаи муҳаққиқ «Қаҳрамони ҳикояҳои башардӯстона бояд бо амали худ ахлоқро омӯзанд, на ба сухани хушку пандомез» [128, с. 18].

Тазаккур мебояд, ки ҳикояҳои мазмуни баланди ахлоқӣ- башардӯстона дар дарсҳои ЗТ дар хонандагон матн ва муайян кардани қаҳрамонони асосӣ, муҳокимаи саволҳои ахлоқӣ Чаро кӯдак кумак кард? Агар ту мебудӣ, чӣ мекардӣ? водор мекунад, фикри хешро баён созанд [71, с. 42-43].

Дар ҳикояи «Меҳрубонӣ» рафтори як хонандаи хурдсол тасвир ёфтааст, ки нисбат ба ҳамсинфаш ё шахси калонсол бо меҳрубонӣ муносибат мекунад. Қаҳрамони асар бо роҳи кумак, ҳамдардӣ ва эҳтиром интихоб кардааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки меҳрубонӣ аз амал сар мешавад, инсондӯстӣ нишони тарбияи дуруст аст, рафтори нек муҳити атрофро тағйир медиҳад.

Дар омӯзиши хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути ҳикоя мо арзишҳои инсондӯстӣ, меҳрубонӣ, ҳамдардӣ, эҳтироми дигаронро ташаккул медиҳем, зеро дар кӯдак муносибатҳои иҷтимоӣ шакл мегирад. Дар ин раванд тавассути адабиёти бачагонаи бадеӣ дар омӯзиши ЗТ тарбияи ахлоқӣ-башардӯстии хонандагон амалӣ мешавад.

Дар ҳикояҳои мазмуни баланди ахлоқӣ- башардӯстона нишон дода мешавад. Матнҳои китобҳои дарсӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ дорои имконияти баланди ТБ-ро (тарбияи башардӯстӣ) зоҳир менамоянд. Дар ҳикояи «Ёрии дӯст»-и Боқӣ Раҳимзода, ки онро барои ХСИ таълиф шудааст, қайд гардидааст, ки «кӯдакон аз хурдӣ тафовути байни дӯстӣ воқеиро аз дӯстӣ зоҳирӣ фаҳмида гиранд» [129, с.42].

Омӯзиши ЗТ дар синфҳои 2-3 метавонад, ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ нигаронида шавад.

Эҷодиёти шоираи бачагона Гулчеҳра Сулаймонова низ ба таври густурда ба мавзуъҳои меҳнат, меҳнатдӯстӣ, интизоми меҳнат, эҳтиром ба одамони заҳматкаш, тарбияи ахлоқӣ, сарфаю сариштакорӣ дар меҳнат ва дигар масъалаҳои дорои моҳияти тарбиявӣ бахшида шудааст. Шеърҳои ин суханвари

ҳассосу нозукбин, ба мисли «Ду бех олӯ», «Хонаи бобом», «Се себи хубонӣ», «Бозор», «Очам хамир мекунад», «Холаи зардӯз» ва «Додо», дар ташаккули ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва меҳнатдӯстии кӯдакон нақши муҳим мебозанд. Ин асарҳо хонандагони хурдсолро ба ҳаёт ва меҳнати созанда раҳнамун месозанд ва бо муҳтавои тарбиявии худ талаботи замонро инъикос менамоянд. Ин намунаҳои шеърӣ на танҳо муҳаббат ба меҳнат ва эҳтиром ба заҳматро дар шуури кӯдакон бедор мекунанд, балки онҳоро ба масъулиятшиносӣ, поквиҷдонӣ ва иродаи устувор ҳидоят менамоянд. Қироати чунин шеърҳо ба бачагон неруи руҳӣ бахшида, дар онҳо тасаввуроти дуруст дар бораи нақши меҳнат дар зиндагӣ шакл медиҳад.

Мисраъҳои зерин, ки яке аз намунаҳои машҳури эҷодиёти шоираро ташкил мекунанд, ки ин мисраъҳо ифодакунандаи орзуҳои воқеъбинонаро дар зеҳни кӯдак бедор мекунад:

«Додои мо ронанда,

Додои мо хонанда,

Мешавад додои мо

Инженери хонаҳо...» [59, с. 53].

Дар ҳамгироии омӯзиши ЗТ афсонаҳо, зарбулмасалҳо, мақолҳо, шеърҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Масалан, аз нақли афсонаи «Мӯсича ва рӯбоҳ», ки ба қалами Б.Раҳимзода тааллуқ дорад, ки бо санъати баланди моҳирона ба назм даровардааст, дар он хонандагон бо се образ, яъне «Мӯсича», «Рӯбоҳ» ва «Зоғча» ошноӣ пайдо мекунад. Хонандагон бо феълу атвор ва табиати ҳар як қаҳрамон аллакай ошно ҳастанд, нисбати хислатҳои доштаи рӯбоҳ: ҳиллагарию маккорӣ, муфтхӯрӣ ҳисси нафрат пайдо мекунанд, мӯсича, ки бисёр ботамкину тарсу аст, дилсӯзию раҳмашон омада, мехоҳанд ба ӯ ёрӣ расонанд, вале ба қавииродагию далерии зоғча, ки мӯсичаро таскин дода, ӯро ба тааҳаммул кардан даъват кардааст, албатта ин аз он гувоҳӣ медиҳанд, тавассути ин афсона бачагон низ дар худ сифатҳои тааҳаммулпазириро рушд диҳад.

«Мӯсича афшонд пару боли худ,

Гуфт ба ӯ дарди дилу ҳоли худ.
Зоғча хандид ба ин кори ӯ,
Бар ҳама ин содагӣ рафтори ӯ.
Гуфт: Ту парандаи нодон будӣ,
Содатарин аз ҳама мурғон будӣ
Мӯсича бо маслиҳати зоғча амал мекунад:
Мӯсича мардона зи шохи чинор.
Гуфт: Бирав, муфтхӯри нобакор!
Макру фиреби ту ба ман шуд аён,
Ман ба ту дигар надиҳам баччагон... » [71, с. 101].

Оқибат онҳо бар муқобили рӯбоҳи фиребгар ғолиб баромаданд. Ба ин васила дар дили кӯдакон аз хурдӣ ҳисси дӯстӣ, раҳму шафқат, меҳрубонӣ, ёрӣ ба заифонро меафзояд, ки ин аҳаммияти муҳимми тарбиявӣ дорад.

Хонандагон дар омӯзиши ЗТ бо зарбулмасалу мақолҳо дар мавзуи одобу ахлоқи ҳамида бахшидашударо аз худ мекунанд. Зарбулмасалу мақолҳо хусусияти тарбиявӣ доранд. Масалан, Салом аз хурд-калом аз калон; Ҳунар беҳ, аз мероси падар, дар бачагӣ хондан нақш бар санг мондан аст; Меҳнат кунӣ-роҳат мебинӣ; Аз беадабӣ касе ба ҷое нарасад; Як китоби хуб- беҳ аз як хазинаи бузург ва ғайра. Истифодаи зарбулмасал дар раванди омӯзиши ЗТ, ки бештар дар жанрҳои маҷоз, киноя, ташбеҳ, рамз, ташбеҳ ва ғайра сохта мешаванд, хонандагон бештар моҳияти онҳоро дарк карда, дар амал истифода мебаранд.

Ба ибораи дигар, интихоби дурусти мундариҷаи адабиёти бадеии бачагона барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун унсури муҳимми муҳити таълимӣ ҷавҳари раванди ташаккули шуури инсонгароёна ба шумор меравад. Асарҳои бадеӣ, агар бо ҷиддият ва мувофиқи хусусиятҳои синнусолии кӯдакон интихоб карда шаванд, метавонанд дар ташаккули арзишҳои башардӯстӣ, масъулияти иҷтимоӣ, эҳтиром ба худ ва дигарон, инчунин дар таҳкими заминаҳои ахлоқии зиндагӣ нақши калидӣ бозанд.

Объекти омӯзиш ва таҳқиқи педагогика равандҳо ва ҳодисаҳоест, ки танҳо дар зери таъсири ирода, шуур, муносибатҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти

мақсадноки инсон ба вуҷуд меоянд ва самти рушд ва натиҷаи онҳо аз интихоби педагогӣ вобаста аст. Интихоби мундариҷаи таълимии инсонгароёна на танҳо вазифаи методӣ, балки ҷузъи муҳимми кафолати ташаккули арзишҳои башардӯстона дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон мебошад. Он ба тарбия мусоидат мекунад, ки насли нав ба муносибатҳои инсондӯстона, ҳуқуқманд, эҳтиромомез ва фарҳангӣ рӯ оварад ва имкониятҳои шахсии худро дар фазои беҳатар ва арзишманд инкишоф диҳад.

Таълим равандест, ки тавассути он омӯзгор бо усулҳои муайян фаъолияти маърифатӣ ва муносибати зеҳнии хонандаро ташаккул медиҳад. Дониш танҳо дар сурате арзиш меёбад, ки дар зеҳни кӯдак ба таҷрибаи шахсӣ табдил ёбад. Аз ин рӯ, муҳити омӯзиш бояд на танҳо иттилоот диҳад, балки эҷодкорӣ, андеша ва ҳавасмандии омӯзандаро бедор кунад. Омӯзгор дар раванди таълим на танҳо вазифаи ташкил ва танзими фаъолияти хонандаро ба уҳда дорад, балки ҷараёни таълимию тарбиявиро идора карда, ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, эҳсосот ва арзишҳои ахлоқии ӯ роҳнамоӣ менамояд.

Самаранокии ин таъсирот танҳо дар сурате таъмин мегардад, ки амалҳои педагогӣ бо ниёзҳо, ангезаҳо ва хусусиятҳои ботинии кӯдакон мувофиқ гардонида шаванд. Танҳо дар натиҷаи чунин ҳамгироӣ фаъолияти маърифатии хонанда фаъол шуда, раванди дарк, муносибат ва ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар онҳо ба таври табиӣ ташаккул меёбад.

Аз ин рӯ, идоракунии фаъолияти маърифатии ХСИ (хонандагони синфҳои ибтидоӣ) бояд тавассути истифодаи воситаҳои фаъолгардонии таълим ба роҳ монда шавад. Ин кор робитаи мутақобилаи омӯзгор ва хонандаро таҳким бахшида, имконият фароҳам меорад, ки фаъолияти омӯзишии кӯдак фаъол, бошуурона ва арзишманд сурат гирад.

Барои муваффақ шудан дар ташаккули арзишҳои башардӯстӣ дар хонандагони хурдсол зарур аст, ки душвориҳои асосии раванди таълим, ки монеаи татбиқи пурраи усулҳои фаъолгардонии педагогӣ мешаванд, дақиқ муайян карда шаванд. Ин раванд ба омӯзгор имконият медиҳад, ки бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ, психологӣ ва сатҳи инкишофи

хонандагонро ба эътибор гиранд. Бо чунин муносибат фазои дарсӣ ба муҳити воқеан инсонгароёна табдил меёбад муҳите, ки дар он кӯдак худро шунида, қабулшуда ва дастгиришуда эҳсос мекунад. Маҳз чунин фазо заминаи мусоид барои бедоршавии таваҷҷуҳ, рушди эҷодкорӣ, ташаккули худбаҳодиҳӣ ва фаъолияти мустақили зеҳнии хонанда фароҳам меорад.

Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстии инсонӣ вазифаи меҳварии раванди таълиму тарбияи низоми таҳсилоти муосир мебошад. Дар шароит имрӯза арзишҳое чун меҳрубонӣ, раҳмдилӣ, таҳаммулпазирӣ, одамгарӣ ва дар маҷмуъ инсон ҳамчун танзимгари ҳақиқии муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳаёти ҷомеа бо маънои томи худ шинохта мешаванд. Андешаҳои башардӯстӣ дар тамоми давру замон ба ҳалли масъалаи асосӣ - ташаккули инсони комил равона шудаанд. Ин раванд, ҳамеша ба ташкили шароити мусоид барои инкишофи муносибатҳои некхоҳона, ҳамдардона ва иҷтимоӣ-фоиданоки инсонҳо такя доштааст.

Дар таҳлилҳои педагогӣ ва ахлоқии классикони тоҷик, инсонпарварӣ на танҳо арзиш, балки вазифа, масъулият ва меъёри рафтори ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад ва муносибатҳои инсондӯстона - муносибатҳои иҷтимоие, ки дар заминаи ҳассосияти баланди ахлоқӣ ва эҳсоси инсонгароӣ ташаккул меёбанд.

Самти башардӯстии педагогика чунин мафҳумҳоро дар бар мегирад: дарки арзиши инсон, нодирӣ ва ягонагии шахсият, эҳтироми ҳуқуқҳои ӯ ба рушду такомули озод, инчунин имконияти нишон додани қобилиятҳо ва истеъдодҳои шахсӣ. Беназирии инсон тавассути рушди арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар муҳити воқеӣ ва олами ботинии ӯ арзиши олиро соҳиб гардида ва он дар фаъолияти инсон зоҳир мегардад.

Ғояҳои башардӯстӣ, ки ба дарки инсон ҳамчун ҷузъи табиат, худшиносӣ ва рушди пайвастаи шахсият асос меёбанд, пояи ҳаракати қувваҳои пешбарандаи ҷомеа ба шумор мераванд.

Дар шароити муосир кӯдакон бояд ба таври мутобиқ бо талаботи замон тарбияёфта, барои зиндагӣ, фаъолиятҳои созанда ва иштироки самаранок дар ҳаёти иҷтимоӣ омода гарданд. Албатта, барои ба даст овардани чунин натиҷа

онҳо ба дастгирӣ ва роҳнамоии калонсолон ниёз доранд. Кӯдак бояд дарк намояд, ки дар ҷараёни рушди шахсӣ ва иҷтимоӣ як ҳамсафари комилҳуқуқи насли калонсол ба ҳисоб меравад.

Ҳассосияти хонандагони хурдсол нисбат ба рафтор ва амалҳои атрофиён танҳо дар сурате равшан ва комилан маъно пайдо мекунад, ки онҳо на танҳо мақсаду моҳияти ин амалҳоро дарк кунанд, балки муносибати калонсолонро нисбат ба худ ва имкониятҳои муоширати мустақилона бо ҳамсолони худ низ пурра фаҳманд. Ин равиш ба рушди дарки иҷтимоӣ, эмпатия ва қобилияти эҳсосӣ ва хулосагирии кӯдакон мусоидат мекунад.

Давраи кӯдакӣ ҳамчун марҳилаи нозуки тарбия арзёбӣ мешавад, зеро дар ҳамин марҳила кӯдак аз ҳолати камшуурона ба марҳилаи шуурнокии фаъолиятҳои худ мегузарад. Дар ин синну сол кӯдак қобилияти идоракунии мустақилонаи рафтори худро пайдо карда, ба назорати шууронаи амалҳо ва хулқу атвори худ оғоз менамояд.

Арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии ХСИ (хонандагони синфҳои ибтидоӣ) ба воситаи шаклҳои гуногуни фаъолият ва ҳамкорӣ сурат мегирад. Дар ин раванд барои кӯдак муҳим аст, ки эҳсоси ҳамдардӣ, ҳамфикрӣ ва ҳисси масъулият тадриҷан рушд кунад, дар ҳоле ки омӯзгор вазифадор аст, ки ҳама нишонаҳои беэҳтиромӣ ё рафтори нодурусти кӯдакро саривақт мушоҳида намуда, ба таври муассир роҳнамоӣ ва ислоҳ намояд.

Аз нигоҳи психологӣ бошад, АББ ранг ва ҳаракатҳои эҳсосотии кӯдакро рушд медиҳад, ки ин ҳаракатҳо барои хонандагони синни 7-10 хеле аҳаммияти муҳим дорад. Ба ташаккули ҳисси ҳамдардӣ, эмпатия, сифатҳои қаҳрамон, рафтори некро аз худ мекунанд, ташаккули шахсият, тарзи фикрронӣ ва образи қаҳрамон ва сюжет намунаи шахсият ва қарорҳои ахлоқӣ барои кӯдакон мегардад. Рушди ақлонӣ ва забонӣ тавассути омӯзиши ЗТ дар мавридҳои таҳлил, тафсир ва навиштани иншо дар мавзуъҳои мухталифи матнҳои ҳикоя ёрӣ мерасонад. Масалан, дар ҳикояи «Дасти ёрӣ» ташаккули эмпатия–кӯдак ҳис мекунад, ки ҳамсинфаш ба мушкили рӯбарӯ шудааст. Муносибати иҷтимоӣ:- омӯзиши ҳамкории коллективӣ.

Заминаи педагогика ва психологияро бо АБ дар шакли ҷадвал нишон медиҳем.

**Ҷадвали № 2.**

| Механизм | Педагогика | Психология | Мисолҳо аз АБ |
|---|---|---|---|
| Таҳлили матн | Омӯзиши забон, сохтани ҷумла, луғат | Ташаккули тафаккур, тафсир | Ҳикоя «Дасти ёрӣ» |
| Муҳокима | Саволҳои омӯзишӣ, муҳокимаи рафтори қаҳрамон | Ташаккули эмпатия ва ҳамдардӣ | Ҳикояи «Ёрии дӯст» |
| Эҷод ва нақл | Навиштани иншо, таҳияи афсона | Ифодаи ҳис ва фикр | Навиштани як давраи кумак ба дӯст |
| Намоиш ва нақл | Қобилияти суханварӣ, хониши ифоданоки матн | Рушди иҷтимоӣ ва ҳиссиёт | Ҳикояҳои кӯтоҳ бо амалҳои ахлоқӣ. |

Дар назарияҳои муосири психология хусусияти асосии инсондӯстӣ одамгарӣ дониста мешавад. Бо вуҷуди ин, дар маркази ин мафҳум қабл аз ҳама назари некбинона ба оянда, омодагии озодона ба татбиқи неруи эҷодии шахсӣ, эътимод ба қобилият ва имкониятҳои худ, инчунин ҳуқуқи худинкишофдиҳӣ ва худтакмилдиҳӣ меистад. Ҳамаи ин омилҳо ба шаклгирии шахсияти арзишманд мусоидат мекунанд.

Инсондӯстӣ ҳамчунин тарзи тафаккурест, ки инсонро водор месозад, то дар ҳама ҳолат рафтори инсониро ҳифз кунад, аз бераҳмӣ ва бешафқатӣ канораҷӯйӣ намояд ва сифатҳои аввалии инсонии худро аз даст надиҳад.

Муҳимтарин вазифаи иҷтимоии низоми таҳсилот дар шароити кунунӣ таъмини рушди устувори арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстии насли наврас мебошад. Ҳалли ин масъала аз омӯзгорон тақозо мекунад, ки сохтор, намунаҳо, шароити педагогӣ ва технологияҳои ташаккули фарҳанги башардӯстии шахсро ба таври илмӣ дарк намоянд.

Мо ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстиро ҳамчун ҷузъи муҳимми тарбияи ахлоқӣ таҳлил намуда, онро ҳамчун хислати асосӣ ва ҷудонашавандаи шахсият эътироф мекунем. Арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ яке аз хусусиятҳои

муҳимми таркибии фарҳанги маънавии инсонро ташкил медиҳанд ва ҳамчун пояи инсонгароии ҷомеа дар шароити муосир арзёбӣ мегарданд.

Муҳаққиқ А.М. Виноградова дар таҳқиқоти худ исбот мекунад: «Набудани ғояҳои инсондӯстона дар муносибатҳои ҳаррӯзаи кӯдак бо дигарон метавонад ба халалдор шудани робитаҳои иҷтимоии ӯ сабаб гардад. Дар чунин ҳолат кӯдак дар посух ба талаботи калонсолон ба ашкрезӣ, инҷиқӣ ва вокунишҳои эҳсосии носолим майл пайдо мекунад, ки худ нишондиҳандаи норасоии тарбияи башардӯстона мебошад» [187, с.141].

Тибқи хулосаҳои В.А. Абраменкова, «ташаккули шуури ахлоқӣ як равандест, ки аз дониши умумии кӯдак дар бораи некӣ ва муносибатҳои башардӯстона оғоз шуда, танҳо дар натиҷаи дастгирӣ ва меҳнати пайвастаи калонсолон ба рафтори дуруст табдил меёбад ва гузаштан аз дониш ба амал кори осон нест ва мураббиён бояд пайваста кӯдаконро ба дарки маънои ҳақиқии рафтори ахлоқӣ ҳидоят кунанд» [172, с.3–16].

И.Қ. Зиёев ва З.И. Зиёева шуури ахлоқиро ҳамчун низоми мураккаби донишҳои инсонӣ шарҳ дода, ба таркиби он чунин ҷузъҳоро дохил менамоянд: маҷмуи арзишҳо, самтгирии арзишӣ, эҳсосоти ахлоқӣ ва идеалҳои ахлоқӣ. Аз нигоҳи онҳо, ин унсурҳо вазифаи танзимкунандаи рафтори иҷтимоии кӯдакро ба уҳда дошта, барои ташаккули ҷаҳонбинии ахлоқӣ ва муносибатҳои башардӯстонаи ӯ замина фароҳам месозанд [69, с.8].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки инсон будан ва муносибати инсонпарварона (башардӯстӣ), пеш аз ҳама, дар рафтор ва амалҳои шахсият таҷассум мегардад. Ҳар як сифати башардӯстӣ нишондиҳандаи дараҷаи инкишофи ахлоқии шахс буда, ҳамчун меъёри арзёбии хулқу одоби ӯ хизмат мекунад. Мафҳуми «ахлоқ» нисбат ба истилоҳи «башардӯстӣ» таърихи дарозтар дошта, садсолаҳо ҳамчун самти муҳимми тарбия ва танзимгари муносибатҳои инсонӣ дар ҷомеа истифода мешавад. Дар давраҳои аввал ахлоқ ҷузъи фалсафа буда, вазифаи он танзими муносибати шахс бо ҷомеа ва табиат ба ҳисоб мерафт.

Аксари муҳаққиқон ахлоқро «фалсафаи амалӣ» медонанд. Аввалин андешаҳои муназзам дар бораи ахлоқро ба Арасту мансуб медонанд, ки се

асари маъруфи худро бо номи «Этика» навиштааст. Илме, ки масъалаҳои ахлоқро меомӯзад, «этика» ном дорад.

Профессор А. Нурзода таъкид мекунад: «Ахлоқ вожаи арабӣ буда, маънои хулқу одоб, рафтор ва кирдори инсонро ифода мекунад. Ахлоқ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ маҷмуи меъёр ва қоидаҳои рафтори одамонро дар бар мегирад. Дар шакли умумӣ, ахлоқ ин низоми устувори ақидаҳо ва тасаввуроти инсон дар бораи рафтори дуруст дар ҷомеа мебошад» [113, с.144].

Омӯзгорон И.Қ. Зиёев ва З.И. Зиёева низ таъкид менамоянд, ки «вожаи «ахлоқ» аз калимаи арабии «хулқ» гирифта шуда, маъноҳои хӯ, одат, табъ, рафтор, сират, тавозӯъ ва хулқи некро ифода мекунад» [69, с.8].

Ба андешаи онҳо, мафҳуми ахлоқ бо истилоҳи адаб, одоб, сурат ва сират низ ба таври ҳаммаъно истифода мешаванд.

Ё. Одинаев ахлоқро чунин шарҳ медиҳад: «Ахлоқ - маҷмуи меъёрҳо ва қоидаҳои муомила ва муносибати одамон дар оила ва муҳити иҷтимоӣ мебошад» [118, с.316].

Муҳаққиқон Ш. Бердиев ва Б. Шоҳмуродов таълимоти фалсафӣ дар бораи ахлоқро яке аз шохаҳои асосии фалсафаи амалӣ шуморида, онро «Таълимот дар бораи зиндагии дуруст ном мебаранд. Онҳо ахлоқро дар ду шакл тавсиф мекунанд:

1.Ҳамчун сифати шахсият-маҷмуи хислатҳои рафторӣ, мисли ростӣ, софдилӣ, покви҇ҷдонӣ;

2.Ҳамчун меъёри муносибатҳои иҷтимоӣ-низоми қоидаҳои ахлоқӣ, ки рафтори байни одамонро танзим мекунад» [33 , с.9**]**.

Истифодаи матнҳои адабӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 1-4), хусусан ҳангоми таҳлил ва бардоштҳои маънавии хонандагон, воситаи муассирест барои парвариши зина ба зинаи ахлоқ ва одоби иҷтимоӣ. Таҷрибаи омӯзишӣ нишон медиҳад, ки хондан ва баҳси ҳикояҳои кӯдакона на танҳо малакаи фаҳм ва нутқи хонандагонро инкишоф медиҳад, балки муҳаббат ба одамон, эҳтироми калонсолон, меҳрубонӣ, некхоҳӣ, дӯст доштани Ватан ва масъулиятшиносиро низ таҳким мебахшад.

Тавассути омӯзиши фанни ЗТ хонандагон ба муҳимтарин мафҳумҳои тарбияи ахлоқӣ- башардӯстӣ ошно шуда, дар худ чунин сифатҳои АБ-ро рушд медиҳанд. Омӯзиши ЗТ асоси рушди тарбияи ахлоқии хурдсолон гардида, ба воситаи хонишу дарки ҳикояҳо, афсонаҳо, шеъру таронаҳо, чистонҳо, зарбулмасалу мақолҳо сифатҳои шахсӣ-иродавии хешро инкишоф медиҳанд. Хонандаи хурдсол тадриҷан ниёзҳо ва идеалҳои ахлоқиро дар худ ташаккул медиҳад ва худро бо образҳои намунавии рафтор ва шахсият муқоиса мекунад, ки ин ба таҳкими ирода ва пайравии ӯ ба чунин меъёрҳои идеалӣ мусоидат мекунад.

Омӯзиши адабиёт ба рушди эҳсосот, равандҳои маърифатӣ ва ташаккули шахсият таъсир мерасонад. Психологи маъруф Л.С. Виготский вазифаҳои адабиёти бадеии бачагонаро чунин нишон додааст:

1. Тарбиявӣ–сифатҳои ахлоқӣ (меҳрубонӣ, ростқавлӣ, ҳамдардӣ), ҳисси вазифа ва адолатро инкишод медиҳад;
2. Эстетикӣ–завқ, ҳисси зебоӣ, ва дарки зебоии забонро инкишоф ва донишро ғанӣ мегардонад;
3. Когнитивӣ (маърифатӣ)–табиати инсон, табиат ва фарҳангро ошкор мекунад, маҳорату малакаҳоро инкишоф медиҳад.
4. Гуфтугӯӣ (муоширатӣ)–нутқро инкишоф дода, малакаҳои муоширатиро рушд медиҳад;
5. Миллӣ- маданию фарҳангӣ–ошноӣ бо анъанаҳои халқи худ.

Истифодаи имконпазир дар ЗТ иборат:

1. Рушди нутқ-тавассути истиораҳо, эпитетҳо ва муқоисаҳо захираи луғатро ғанӣ мегардонад;
2. Ташаккули малакаҳои барои монологӣ мувофиқ ва ифодаи муколама-инкишофи малакаҳои бадеӣ ва шифоҳӣ тавассути эҷодкорӣ, такрорӣ ва навиштани иншо;
3. Рушди арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстона тавассути образҳои қаҳрамон, кӯдакон фаҳмидани ангезаҳои амал, ҳамдардӣ ва таҳлили некӣ бадиро меомӯзанд.

4. Мубоҳиса – суҳбат бо хонандагон ёрӣ мерасонад, ки дарси ахлоқиро фаҳманд ва муносибати хешро ба амал ва ҳодисаҳо баён созанд.
5. Ҳамдардӣ – ҳамдардӣ бо қаҳрамонон қобилияти дарки ҳиссиёти дигаронро инкишоф медиҳад;

Истифода бо усулҳо:

1. Хондан ва мубоҳиса – таҳлили матн, муҳокимаҳо дар бораи қаҳрамонҳо, эҳсосот, амалҳо ва интихоби яке аз меъёрҳои ахлоқӣ;
2. Вазифаҳои эҷодӣ – нақшофарӣ, тасвири персонажҳо,навиштани нома ба қаҳрамонҳо, навиштани иншо;
3. Таҳлили муқоисавӣ: Муқоисаи аломатҳо, вазъиятҳо ва амалҳо бо таҷрибаи шахсӣ;
4. Кор бо воситаҳои забоншиносӣ–муайян кардани калимаҳои маҷозӣ, маъно ва нақши онҳо дар матн [50, с. 282].

Бояд қайд кард, ки АББ воситаи ҷудонашавандаи инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак мебошад, ки дар он тарбияи забонӣ ва ахлоқӣ бо ҳам зич алоқаманд аст.

Ҳангоми тарбияи арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстии шахсияти кӯдак риояи принсипҳои тарбия муҳим мебошад. Системаи принсипҳои тарбияи башардӯстӣ, ки дар асоси назарияи фаъолияти бонизом ташаккул ёфтааст, чунин унсурҳоро дар бар мегирад:

1. Принсипи фаъолият. Ин принсип бар он далолат мекунад, ки ташаккули арзишҳои умумифарҳангӣ танҳо дар ҷараёни фаъолияти мустақими худи хонанда самаранок ба амал меояд.

2. Принсипи муттасилӣ. Мафҳуми муттасилӣ ба пайвастагии бефосила байни ҳамаи зинаҳо ва марҳилаҳои раванди таълиму тарбия ишора мекунад, ки бе он инкишофи шахсият ягонагӣ ва пайдарҳамиро аз даст медиҳад.

3. Принсипи ягонагӣ. Тибқи ин принсип, ташаккули арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстии хонандагон набояд ҷузъӣ ё пароканда сурат гирад ва онҳо бояд ҳамчун маҷмуи ягона ва ҳамгиро инкишоф дода шаванд.

4. Принсипи бароҳатии равонӣ. Ин принсип ба бартарафсозии ҳар гуна омилҳои музтарибкунанда дар раванди таълиму тарбия равона шуда, фазои

дӯстӣ ва ҳамкориро дар коллектив таъмин менамояд. Он ба муносибати эҳтиромона ба шахсият ва фардияти ҳар як кӯдак такя мекунад.

5. Принсипи гуногунрангӣ. Бар асоси ин принсип, дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстӣ аз методҳои гуногун ва шаклҳои таъсиррасонӣ истифода бурда шавад. Ҳамзамон, ба кӯдак имкони интихоб кардани роҳи мувофиқи тарбиявӣ дода мешавад.

6. Принсипи эҷодкорӣ. Ин принсип мутамарказ ба он аст, ки раванди таълиму тарбия ба тарқиб, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва ташаббускории кӯдак равона карда шавад, то ки ӯ тавонад имкониятҳои дохилии худро ба таври пурра истифода барад.

Арзишҳои ахлоқие, ки дар шуури кӯдак тадриҷан ҷой мегиранд, ҳамчун пояи танзими рафтор баромад намуда, дар ташаккули шахсияти дорои масъулият, қобилияти ҳамдардӣ ва руҳи инсонпарварона нақши муҳим мебозанд. Ин навъи рафтори ахлоқӣ аз муттаҳидшавии меъёрҳои ахлоқӣ, тарбия, дониш ва муҳити иҷтимоӣ шакл мегирад ва раванди инкишофи он одатан дар ду самти асосӣ пеш меравад:

1) Ташкили фазои иҷтимоию тарбиявӣ, ки барои фаъолияти солими кӯдак мусоид буда, арзишҳои инсонӣ ва руҳияи башардӯстиро таблиғ ва тақвият мебахшад;

2) Табдил ёфтани арзишҳои ахлоқӣ ба одатҳои устувори рафтор, ки дар амалҳои ҳаррӯзаи кӯдак таҷассум ёфта, ба шаклгирии рафтори худидорашаванда оварда мерасонад.

Арзишҳои инсонӣ, инсонгароӣ ва руҳияи инсондӯстӣ унсурҳои марказии фарҳанги ахлоқии шахсиятро ташкил медиҳанд. Ин арзишҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии кӯдак, тарзи муносибати ӯ бо атрофиён ва қобилияти арзёбии ҳолатҳои иҷтимоӣ аз дидгоҳи башардӯстона нақши меҳварӣ мебозанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти марбут ба мавзуъ нишон дод, ки дар педагогикаи муосир, махсусан дар методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, масъалаи ворид кардани ғояҳои воқеии башардӯстӣ ба раванди таълим ҳанӯз ҳам то охир ҳалли илмӣ наёфтааст. Дар айни замон, таҳқиқи назариявии мероси олимони

зикргардида нишон медиҳад, ки тарҳи модели ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути адабиёти бадеии бачагона ҳамчун намунаи системаи раванди педагогӣ таҳия ва баррасӣ мегардад.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки яке аз воситаҳои муассири ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар кӯдакони синни хурдсол истифодаи матнҳои адабиёти бадеии бачагона мебошад. Хусусан, анвои гуногуни фолклор ва адабиёти писандида, аз қабили ҳикояҳои кӯтоҳу муфассал, насри пандомӯз, сурудҳои мардумӣ, афсонаву ривоятҳо, муаммоҳо, зарбулмасалу мақол, латифа, достон ва романҳои анъанавӣ дар худ нақши бузурги арзишиву ахлоқии тоҷиконро таҷассум мекунанд. Ин намунаҳои шифоҳӣ ва хаттии фарҳангӣ ҳамчун сарчашмаи пурмаънои тарбия хизмат намуда, ба хонанда имкон медиҳанд, ки ормонҳои миллӣ, зебоишиносӣ, ҳақпарастӣ, каромат, адолат ва эҳсоси инсондӯстию худшиносиро аз роҳи таҷрибаи бадеӣ дарк ва эҳсос намояд.

Ҷалби хонандагон ба адабиёти бадеии бачагона имкон медиҳад, ки тамоми рангомезиҳои зиндагӣ, эҳсосоти инсонӣ, лаззату шодӣ, мағлубият ва пирӯзиҳоро дар зеҳн ва хаёли худ дубора эҳсос намояд. Ин таҷрибаҳо дар кӯдак заминаи шаклгирии арзишҳои инсонӣ, ба монанди некбинӣ, ҳамдардӣ, меҳрубонӣ, ростӣ, масъулиятшиносӣ ва ҳассосияти иҷтимоӣ мегардад.

Бо вуҷуди аҳаммияти бузурги адабиёти бадеии бачагона, дар амал на нақши он дар ташаккули арзишҳои башардӯстӣ ва на роҳҳои методии истифодаи он дар дарсҳои ибтидоӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Ин ҳолат яке аз мушкилоти ҷиддии низоми таълим ва тарбияи муосири кишварро ташкил медиҳад.

Моҳият, мазмун ва сохтори арзишҳо, раванди ташаккул, муносибати арзишмандона ба таълим, инчунин асосҳои таҳсилу тарбияи ахлоқӣ-башардӯстӣ дар ин боб муфассал тавсиф гардиданд.

Таҳлили вазъи воқеӣ нишон дод, ки инсонпарвар будани раванди таълим ҳамчун ҳадафи марказии ислоҳоти соҳаи маориф эътироф мешавад.

Дар натиҷаи баррасии маводи таҳқиқӣ метавон ба хулоса омад, ки поя ва руҳияи асосии таълимоти инсонпарваронаи адибону маорифпарварони тоҷик бар эҳтироми инсон, адолати иҷтимоӣ, баробарҳуқуқӣ дар муошират, некхоҳӣ, шаъну шарафи шахс ва меҳнатдӯстӣ бунёд ёфтааст. Ин арзишҳо, агар дар ҷараёни таълим бо матнҳои бадеии дорои ғояҳои башардӯстона пайваста истифода шаванд, ба ташаккули зеҳни ахлоқии хонанда, парвариши худшиносӣ ва масъулиятшиносии ӯ мусоидат менамоянд. Ҳамин омилҳо дар маҷмуъ ба тарбия ва камолоти шахсияти дорои ахлоқи ҳамида, ҷаҳонбинии солим ва рафтори инсонпарварона замина мегузоранд.

Таҷрибаи омӯзишӣ нишон медиҳад, ки хондан ва баҳси ҳикояҳои бачагона на танҳо малакаи фаҳм ва нутқи хонандагонро инкишоф медиҳад, балки муҳаббат ба одамон, эҳтироми калонсолон, меҳрубонӣ, некхоҳӣ, дӯст доштани Ватан ва масъулиятшиносиро низ таҳким мебахшад.

Арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ маҷмуи сифатҳо, қобилиятҳо ва муносибатҳои иҷтимоии шахсро дарбар мегиранд, ки дар фаъолияти ӯ бо эҳсоси масъулият, эҳтиром ба ҳуқуқи инсон, ҳифзи муҳити зист, наҷибкорӣ ва ҳамдардӣ зоҳир мешаванд. Ин арзишҳо ба кӯдак имкон медиҳанд, ки дар ҳолатҳои мураккаб ва буҳронӣ рафтори дуруст нишон диҳад ва ба беҳбудии ҷомеа саҳм гузорад. Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ босамар аз давраи томактабӣ ва зинаи ибтидоии таҳсилот оғоз меёбад, зеро дар ҳамин давра пояҳои асосии ахлоқи шахсият гузошта мешаванд.

# БОБИ ДУЮМ. ХУСУСИЯТҲОИ МЕТОДИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ-БАШАРДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ТАВАССУТИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНА ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

## 2.1. Роҳҳо, усулҳо ва воситаҳои методии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар таълими забони тоҷикӣ.

Имкониятҳои беҳтарини ворид намудани роҳу воситаҳои афзалиятноке, ки ба раванди ташаккулу инкишофи шахсияти воқеан инсондӯст ва комил мусоидат мекунанд, дар низоми таҳсилот ва тарбияи башардӯстии насли наврас мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Пажуҳишҳо заминаи методологиро барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбия фароҳам оварда, дар ташаккули назария ва консепсияи инсонмеҳвари маориф нақши калидӣ бозидаанд.

Асарҳои илмӣ-методии мутафаккирони гузашта ва муосир ҳамчун сарчашмаи боварибахш хизмат менамояд.

Манбаъҳои илмие, ки ҷанбаҳои назариявию методии мавзуи таҳқиқро фарогирифта, робитаҳои устувори байни фаъолияти таълимии субъектҳои раванди омӯзиш ва натиҷаҳои бадастомадаро шарҳ медиҳанд. Ин манбаъҳо хусусиятҳои хоси робитаҳои иҷтимоӣ ва педагогиро дар раванди таълим ба таври муфассал таҳлил намуда, шабоҳат ва фарқияти ҳодисаҳои табиию иҷтимоӣ ва педагогиро нишон медиҳанд, инчунин дараҷаи таъсирбахшии онҳо дар шартҳои гуногуни таълимиро баҳогузорӣ мекунанд. Дар маҷмуъ, ин манбаъҳо ба муайянсозии асосҳои назариявӣ ва қонуниятҳои татбиқи ААБ дар раванди таълиму тарбияи хонандагони синни хурдсол мусоидат менамояд.

Замина ва таҳкурсии методии татбиқи дастурҳои педагогӣ оид ба тарбияи ААБ-и хонандагони хурдсолро асарҳои олимони соҳаҳои педагогика ва психология ташкил медиҳанд. Ин муҳаққиқон ба тавсеаи илмии арзишҳои асосии инсонгароӣ, ворид намудани меъёрҳои муносибатҳои неки инсонӣ ба таҷрибаи таълим, ташкили муносибатҳои созандаи иҷтимоӣ ва муайянсозии

роҳҳои рушди ҳаёти хушбахтонаи инсон ва ҷомеаи муосир саҳми назаррас гузоштаанд.

Ин манбаъҳои илмӣ ҷанбаҳои гуногуни ҳамкорӣ ва муносибатҳои инсонӣ дар ҷаҳони муосирро, ки ба муҳити шахсии фард ва ҷомеае, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, иртиботи мустақим ё ғайримустақим доранд, таҷассум менамоянд. Олимон моҳият, самт ва хусусиятҳои татбиқи арзишҳои умумибашариро дар шароити иҷтимоӣ-педагогии муосирро шарҳ дода, равандҳои ташаккули тафаккури инсонпарварона ва эҳтиёҷоти маънавии шахсро бо асосҳои илмӣ тавзеҳ медиҳанд.

Муҳаққиқон воқеияти иҷтимоӣ-педагогии замони муосирро дар партави нишонаҳои методологӣ ва меъёрҳои тарбияи инсонгароёна таҳлил карда, зарурати таҳкими арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстиро дар ҳамаи сатҳҳои низоми таҳсилот бо далелҳои илмӣ асоснок месозанд.

Истифодаи таҳқиқотҳои олимони педагог ва равоншинос, аз ҷумла, Н.Е. Щуркова [170], «Алифбои тарбияи ахлоқӣ» таҳти таҳрири И.А. Каирова ва О.С.Богданова [74,32], В.А.Сластенин [148], В.И.Максакова [103], М.Лутфуллоев [90], Ф.Шарифзода [166], Ҷ. Икромова [73] ва дигарон барои мо зарур дониста шуд. Зеро маҳз ин муаллифон равандҳои таълиму тарбияро дар заминаи омӯзиши синфҳои ибтидоӣ ва самти ташаккули муносибатҳои воқеан инсонпарварона, нигоҳдории муҳити ахлоқии солим, роҳҳои таъсирноки инкишофи арзишҳои муҳимми инсонӣ бо таҳлил ва асоснокии илмӣ баён намудаанд.

Бояд қайд кард, ки фанни забони тоҷикӣ фанни асоси ва калидии низоми таълим ба ҳисоб меравад. Ба қавли К.Д. Ушинский «Забони тоҷикӣ фанни марказӣ буда, оғози тамоми фанҳои дигарро ташкил медиҳад. Он дар раванди таълим ба инсон «насими шодоб» мебахшад ва барои рушди фикрронии мустақил ва тафаккури мантиқӣ замина фароҳам меорад. Дар муассисаҳои таълимӣ омӯзиши забони тоҷикӣ мувофиқӣ мақсади дарс ба роҳ монда мешавад, ки он ба ташаккули андешаи солим, қобилияти зеҳнӣ, ва рушди тафаккури хонандагон мусоидат менамояд. Ҳамзамон, дар раванди омӯзиш

муҳаббат ба шогирдон, эҳтиром ба забон, адабиёт ва тамаддуни миллӣ ташаккул меёбад» [156 с.5].

Педагоги маъруфи тоҷик М. Лутфуллоев дар «Азизномаи лутф» қайд мекунад, ки «Забони тоҷикии мо, ки худ ширину гуворост, муҳити тоза, оромию осудагиро мепарварад. Лаҳни форамро гӯши шунавою тоза, муҳити гуворо мебояд; ҳам гӯянда ва ҳам шунавандаи ин забон одамони поку покиза, орӣ аз ҳар гуна фисқу фуҷур бошанд» [92, с.11].

Зикр кардан ба маврид аст, ки тавассути омӯзиши ЗТ хонандагон муносибати самимии инсониро дар якҷоягӣ бо коллектив меомӯзанд ва мавзуъҳое, ки хусусияти инсонпарварона доранд, дар ташаккули сифатҳои онҳо замина мегузоранд.

Дар омӯзиш боз манбаъҳои илмӣ дигар, ки ба таҳия ва татбиқи дурнамои башардӯстии таҳсилот бахшида шудаанд, дар онҳо масъалаи истифодаи шаклҳои таълиме, ки ба инкишофи шахсияти хонандагони хурдсол равона шудаанд, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ин сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки башардӯстӣ муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон яке аз меъёрҳои асосии рушди таҳсилоти муосир ба шумор меравад.

Хусусан, чунин манбаъҳо, монанди «Масъалаҳои муҳими раванди муосири таълиму тарбияи мактабӣ» ва «Идоракунии низоми тарбиявии мактаб: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он» равандҳои тарбиявиро дар заминаи инсонгароёнаи таҳсилот баррасӣ намуда, ҷараёни тарбияро аз дидгоҳи башардӯстии таълим шарҳ ва асоснок мекунанд. Ин манбаъҳо ба таҳияи шаклҳо ва технологияҳои нави таълимӣ, мутобиқсозии технологияҳои классикии педагогӣ ба талаботи инсонпарваронаи замони муосир, инчунин беҳсозии механизмҳои ҳамкорӣ дар раванди таълиму тарбия ихтисос ёфтаанд. Онҳо роҳҳои самараноки ворид намудани имкониятҳои шаклҳои классикии таълимро ба технологияҳои нав пешниҳод намуда, камбудиҳоро ошкор ва роҳҳои такмилёбии онҳоро нишон медиҳанд.

Дар ин маъхазҳо хонанда ҳамчун субъекти марказии раванди таълиму тарбия муаррифӣ гардида, башардӯстии муносибатҳои байнишахсии ХСИ яке аз самтҳои асосӣ ва ҳадафҳои меҳварии низоми таҳсилот маънидод мешавад.

Афкори сершуморе, ки дар ин самт ба нашр расидаанд, масъалаҳои муҳим, аз ҷумла, таҷрибаи омузгорони мактаби ибтидоӣ дар ташаккули шахсияти башардӯст, ҷамъиятдӯст, хайрхоҳ ва дорои ҷаҳонбинии инсонпарваронаро мавриди таҳлил ва баҳогузорӣ қарор додаанд.

Таҳлил ва омӯзиши ин сарчашмаҳо ба мо имконият дод, ки модели илмӣ-амалии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстиро дар хонандагони хурдсол таҳия намуда, онро дар рафти озмоиши педагогӣ мавриди истифода қарор диҳем ва дурустиву қобили татбиқ будани онро тасдиқ намоем.

Қисме аз сарчашмаҳои истифодашуда дастурҳои марбут ба методологияи тадқиқотиро дар бар мегирифтанд, ки аз ҷиҳати илмӣ меъёрҳои арзёбӣ ва ташхиси дараҷаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстиро ҳам дар хонандагони хурдсол ва ҳам дар омӯзгорон ва дигар субъектҳои раванди педагогӣ асоснок менамуданд. Дар миёни ин сарчашмаҳо, асосан, он манбаъҳои илмӣ-таҳқиқотие мавриди омӯзиш қарор дода шуданд, ки масъалаҳоро аз дидгоҳи таърихӣ-педагогӣ баррасӣ мекунанд. Онҳо мазмунан рӯйдодҳо ва шароити таърихиро, ки аҳаммияти иҷтимоӣ-педагогӣ доранд ва дар гузаштаҳои дур ё наздик ба вуқуъ омадаанд, инчунин равандҳои дар замони муосир амалкунандаро инъикос менамоянд. Аз ҷумла, ин гурӯҳ тавсифномаи осори назариявии педагогони гузашта таҳлили тахассусии таҷрибаи ғании таълимӣ-тарбиявии ҷомеаи байналмилалӣ ва таҷрибаи ватаниро дар бар мегирад.

Бояд таъкид намуд, ки дар миёни адабиёти истифодашуда нуктаҳои назар ва таҳқиқоти олимони варзидаи тоҷик, аз қабили Ҷонон Бобокалонова, Саидраҳмон Саидов, Неъматҷон Файзуллоев ва Муҳаммадсалим Тағоев, М. Файзуллоева ва дигарон аҳаммияти хосса доранд. Таҳқиқотҳои онҳо, ки ба таърихи инкишоф, хусусиятҳои жанрӣ ва механизмҳои истифодаи адабиёти бадеӣ дар таълиму тарбияи кӯдакону наврасон бахшида шудаанд, барои

амиқтар фаҳмидани роҳҳои воридсозии арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ ба муҳити таълимӣ заминаи муайян ва боэътимод фароҳам овարданд.

Муҳаққиқон И.Х. Каримова ва Ф.Б. Мирзоева дар таҳққиқотҳои хеш асоси методологии мафҳуми арзишҳои башардӯстона, омилҳои ташаккули онҳо ва роҳҳои истифодаи мақсадноки ин арзишҳоро дар амалиёти таълимӣ таҳқиқотҳои муҳаққиқон равшан ва илмӣ асоснок менамоянд.

Ҳамзамон, андешаҳои олимон М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, Н. Файзуллоев., А. Нурзода, У. Зубайдов, Б. Раҳимов, Саидов С. ва дигарон, ки ба масъалаҳои рушд ва такмили тафаккури маънавию ахлоқии хонандагон, нақши адабиёти бадеӣ дар ташаккули сифатҳои инсонӣ ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дахл доранд, дар раванди таҳлил ва ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ нақши муҳим бозиданд. Маҳз дар асоси ин андешаҳо имконият пайдо гардид, ки гиреҳи мушкилоти ба миёномадаро дар ҷараёни таҳқиқот бо далелҳои илмӣ кушоем ва роҳи дурусти иҷрои ҳадафҳои таҳқиқотро муайян созем.

Таҳқиқи маҷмуи манбаъҳои илмӣ ва методие, ки ба омӯзиши раванди ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ ҳамчун заминаи муҳимми рушди шахсияти инсондӯст равона шудаанд, нишон медиҳад, ки сарчашмаҳо новобаста аз он ки барномавӣ, ҳуқуқӣ-меъёрӣ, консептуалӣ, назариявию методӣ, таҷрибаи инноватсионии педагогҳои пешқадам, ё натиҷаи корҳои илмӣ чун диссертатсия, монография ва маҷмуи мақолаҳои муҳаққиқон бошанд, дар мавқеи муштарак қарор доранд. Мундариҷаи онҳо гувоҳ аст, ки дар фазои тағйирёбандаи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа зарурати такмили ҳадафҳои башардӯстона дар низоми маориф, инчунин инсонмеҳвар гардондани муносибатҳои иҷтимоиву таълимӣ, беш аз пеш афзалияти амалии худиро нишон медиҳад.

Инсонпарварона сохтани мазмун ва равандҳои таълим ҳамчун самти афзалиятноки ислоҳоти низоми маориф шинохта шудааст.

Дар айни замон, ғояи инсонпарварӣ дар нақшаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба солҳои қаблӣ хеле бештар роҳ ёфта, ба сифати ҷузъи

ҷудонашавандаи раванди таълим ва тарбия ҷойгоҳ пайдо кардааст. Ин раванд на танҳо ҳадафҳои стратегии маорифро инъикос менамояд, балки ба ташаккули шахсияти дорои арзишҳои устувори ахлоқӣ-башардӯстӣ, худогоҳӣ, эҳтироми инсон ва масъулияти иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи кишварҳост, ки «Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак»- ро қабул ва имзо намудааст ва аз ин рӯ вазифадор мебошад, ки риоя ва ҳифзи тамоми ҳуқуқҳои дар Конвенсия зикршуда ҳам барои калонсолон ва ҳам барои кӯдакон таъмин карда шаванд.

Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд: «Тарбияи насли наврас бояд ба он равона гардад, ки онҳо шахсони соҳибмаърифат, ватандӯст ва дорои ахлоқӣ баланд бошанд» [206].

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ ислоҳот ва дигаргунсозиҳои демократӣ дар тамоми сохторҳои низоми маориф ба он оварда расонид, ки ҷорӣ намудани муносибатҳои инсонпарварона дар муҳити таълим ба талаботи вақт табдил ёфта, татбиқи он амри ногузир ва ҳатмӣ гардид.

Чи хеле ки қайд кардем, баъзе паҳлуҳои арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ дар омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути АББ (адабиёти бадеии бачагона) то ҳол ба таври кофӣ омӯхта ва таҳлилу коркард нашудааст.

Махсусан, маҳорати фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, аз ҷумла, ташкили хониши асарҳои бадеии кӯдакона бо мазмунҳои башардӯстона, ки хислатҳои неки инсонӣ, мисли меҳрубонӣ, ростқорӣ, эҳтиром, ҳамдардиро тарғиб мекунанд ва хислатҳои манфиро носазоро мазаммат менамоянд, то ҳол дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстии хонандагони хурдсол бо дақиқӣ ва равшании илмӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор нагирифтааст.

Албатта, мақсади мо ин нест, ки гӯё дар ин самт ҳеҷ кор сурат нагирифта бошад. Адабиёти ғановати баланди классикӣ ва муосири тоҷик саршор аз ғояҳои инсондӯстона аст ва мутахассисону муҳаққиқони миллӣ зимни таҳқиқоти худ ба таври ҷузъӣ ба нақшу мақоми он баҳо додаанд. Ин таҳқиқоти амиқ, таҳияи моделҳои илмӣ-методӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои муассири ворид

кардани адабиёти бадеӣ ба раванди тарбия ва омӯзиши хонандагони хурдсолро боз ҳам ошкортар менамояд.

Бинобар ин, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар масъалаи самтҳои инсонпарварона кардани таҳсилоти ибтидоӣ то ҳол ақидаи дақиқу ягона ва методологии мушаххас ташаккул наёфтааст. Мафҳуми «башардӯстӣ» бештар дар доираи муносибатҳои байни инсонҳо шарҳ дода мешавад, дар ҳоле ки талаботи давру замон воқеиятҳои васеътар ва амиқтарро тақозо мекунанд. Ҷомеа ва инсон имрӯз ба рафторҳое ниёз доранд, ки на танҳо ба муносибати нек бо одамон, балки ба эҳтиёт ва ҳифзи табиат, дарки моҳияти аслии инсондӯстӣ, баҳо додани нақши меҳнати эҷодкорона дар тарбияи шахсият ва масъулияти умумиинсонӣ нисбат ба ҳаёти рӯйи замин равона шудаанд.

Инсонпарварӣ ва инсондӯстӣ мафҳумҳое мебошанд, ки ҳам табиати зинда ва ҳам ҷаҳони ғайризиндаро фаро гирифта, дар маркази онҳо инсон ҳамчун мавҷуди хирадманд қарор дорад. Инсон вазифадор аст, на танҳо дар бораи манфиати худ ё гурӯҳи иҷтимоии худ, балки дар бораи муътадил нигоҳ доштани ҳаёт дар кураи Замин, ҳифзи муҳити зист, муносибати оқилона бо мавҷудоти дигар ва пос доштани арзишҳои иҷтимоӣ ғамхорӣ кунад. Танҳо дар ин сурат инсон метавонад сазовори унвони баланду масъулияти «Инсон» ягона мавҷуди дорои шуур, хирад ва виҷдон бошад.

Боиси қаноатмандист, ки дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон китобҳои зиёди кӯдакона бо забони ноби тоҷикӣ, бо ороиши зебо, мазмунҳои баланди тарбиявӣ ва ба талаботи замон мувофиқ ба нашр расида истодаанд. Илова бар ин, афзоиши тарҷумаҳо аз адабиёти кӯдаконаи халқҳои ҷаҳон ба забони тоҷикӣ фазои маърифатии кӯдаконро ғанӣ гардонда, имкони шиносоии хонандагони синни хурд бо гуногунрангии ҷаҳонбинии фарҳангҳои дигарро дар онҳо хеле васеъ менамояд.

Бо вуҷуди ин, агар ба умқи мафҳуми инсонпарварӣ амиқтар назар афканем, мебинем, ки як қатор ҷузъиёту паҳлуҳои муҳиме вуҷуд доранд, ки то ҳол аз ҷониби назариячиёни соҳа пурра таҳқиқ нашудаанд. Ҳарчанд ин мафҳум дар адабиёти бадеии тоҷик густурда таҷассум ёфтааст, аммо аз мавқеи педагогӣ ва

равоншиносӣ тарзи истифодаи он бо мақсади ташаккули шахсияти муосир, созанда ва мутобиқ ба талаботи ҷомеаи имрӯз дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ нашудааст.

Гарчанде дар Консепсияи миллии тарбия ва таҳсилот ба ин масъала ишораҳои муфассал карда шудааст. Ин вазъ нишон медиҳад, ки барои ба роҳ мондани раванди устувори тарбияи башардӯстӣ тавассути адабиёти бадеӣ зарурати ҷиддии таҳияи дастурҳои методии нав, барномаҳои таълимии таҷдидшуда ва роҳҳои самараноки амалисозии хониши тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба миён омадааст.

Бояд қайд кард, ки дар ҷараёни омӯзиши ЗТ-ии синфҳои ибтидоӣ пеш аз ҳама, ҷараёни таълимию тарбиявии забон ва қонунияти алоқамандии онҳоро муайян кардан лозим аст.

Педагоги маъруфи тоҷик М. Лутфуллоев дар китоби Осор 4. «Асосҳои таълими ибтидоии забони тоҷикӣ» ҷараёни таълимию тарбиявии забонро дар асоси се вазифаи асосӣ пешниҳод кардааст:

1) Вазифа ва мазмуни таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ (чиро омӯзонидан лозим?);

2) Принсип, метод ва тарзҳои таълим (чӣ тавр омӯзонидан лозим?);

3) Шартҳои мувофиқтару самараноктари аз нуқтаи назари илмӣ асоснок кардашудаи таълим (чаро он тавр не, ин тавр омӯзонидан лозим?) [93, с 9].

Методикаи омӯзиши забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ на танҳо вазифаҳои грамматикию имло, азхудкунии дониш, инкишофи нутқ, машқи хат ва инчунин роҳҳои тарбияи ахлоқӣ- башардӯстиро дар хонандагон низ меомӯзонад [95, с. 9].

Ҳамчунин, педагоги маъруф М. Лутфуллоев методикаи таълими забони тоҷикиро, ки он дорои усулҳои илмӣ- таҳқиқотӣ мебошад, чунин муайян намудааст:

1. «Омӯхтан ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадами муаллимон (мушоҳидаи фаъолияти педагогии муаллим дар дарс ва берун аз дарс аз он суҳбат, омӯхтани ҳуҷҷатҳои мактаб, таҳлил, ҷамъбаст).

2. Омӯхтани фаъолиятҳои таълимии хонандагон (мушоҳида бурдан дар дарс: суҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳӣ бо бачаҳо, гузарондани корҳои гуногуни хатии пешакӣ, санҷишӣ, мушоҳидаи нутқи гуфтор ва фаъолияти эҷодии талабаҳо, истифодаи саволномаҳо, сабти овоз, тестҳо ва ғайра.

3. Таълим ва таҷрибаҳои махсусе, ки барои санҷиши системаи муайяни методӣ ташкил карда мешавад (доир ба таълими ягон мавзуъ, фасл ва ё тамоми мавзуъҳо).

4. Ташкили озмоиш ё таҳқиқоте, ки мақсадаш муайян намудани самаранокии ин ё он метод, тарз, шакли таълим ё воситаи таълим мебошад.

5. Омӯхтан ва таҳлил намудани мероси пешқадами педагогҳо-методистони гузашта ва муосир» [95 с. 9].

Ҳар як омӯзгор саъи менамояд, ки роҳу усулҳои гуногуни таълимиро интихоб намояд, то ки шогирдаш дар ҳалли масаъалҳои марбути таълим худаш мустақилона амал намояд. Аз ин лиҳоз, дар омӯзиши ЗТ истифода аз методҳо ба фаъолияти мустақилонаи амалӣ омода намудани хонандагон мебошад. Барои ҳар як омӯзгор лозим меояд, ки навъҳои гуногуни дарсҳоро бояд донад ва ҳар як дарсро ба нақша дарорад. Дар асоси банақшагирии дарс ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дар ҷараёни дарс кадом методҳоро ба кор мебарад ва дар раванди он хелҳои гуногуни матнҳо, ҳикояҳо, талаботи машқҳоро ба назар мегирад.

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои таъмин намудани таълими самарабахши забон барои хонандагони синни хурди мактабӣ наздик кардани маводи таълимӣ ба муҳиту ҷаҳонбинии кӯдак ва ҷолибу шавқовар сохтани он бо роҳҳои гуногун мебошад. Дар интихоби матнҳо ва мавзуъҳои маводи таълимии ЗТ хусусиятҳои синну солии бачагони хурдсолро ба назар мегирем.

Дар омӯзиш мавзуъҳоеро интихоб мекунем, ки моҳияти тарбиявию ахлоқӣ дошта, дар он хасташавии хонандагон мушоҳида нагардад. Ҳосил кардани дониш, маҳорату малака дар дарсҳои грамматикӣ, имлоӣ ва мустаҳкамкунӣ сурат мегирад, ки омӯзгор тавассути дарси ЗТ илова бо супоришҳои машқҳои китоби дарсӣ ва дигар корҳои хаттию шифоҳӣ ва унсурҳои такрорӣ ба роҳ мемонад. Масалан, ёфтани ҳиссаҳои нутқ (исм, сифат,

феъл), тартиб додани ҷумлаҳо, навиштани ЭССЕ, ба сутунчаҳо ҷудо кардани калимаҳо, луғат ва ғайра. Иҷроиши ҳар машқ тарзҳои гуногун дорад, аз ин рӯ мазмуни дарс рангоранг ва шавқовар мегузарад.

Забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ, ба қавли К.Д. Ушинский, «фанни марказист. Вай оғози ҳамаи фанҳо буда ҳамчун гулзори ҳамешабаҳор накҳат ва таровати тозае мебахшад. Забони тоҷикиро дар мактаб омӯзгоре дуруст ва мувофиқи мақсад дарс медиҳад, ки :

- фикри солим, зеҳни мунаввар, тафаккури миллӣ дошта бошад;
- миллат, ватан, забон, адабиёт, таърих ва шогирдони худро дӯст дорад;
- ба арзишҳои миллӣ арҷ гузорад;
- эҷодкору фидокор бошад;
- нисбат ба заҳмати худ ва шогирдон дилсӯзона муносибат намояд»[ 93,с.155]

Дарс сохтори гуногун дорад ва мақсади он аз мазмуни мавод баррасӣ мегардад. Бинобар ин, омӯзгор мебояд дар ҳар лаҳзаи дарс машқҳои мувофиқро ба роҳ монад. Моҳияти ин равиш чунин аст, ки матнҳо, шеърҳо ва парчаҳои бадеӣ дар китоби дарсӣ ба тавре интихоб ва тарҳрезӣ мешаванд, ки хонанда дар ҷараёни хондан, таҳлил ва иҷрои вазифаҳо тарбияи ахлоқӣ, арзишҳои инсонӣ, меҳру муҳаббат, масъулиятшиносӣ, эҳтироми калонсолон, дӯст доштани табиат ва Ватанро тадриҷан аз худ намояд.

Дар асоси модели таҳиянамуда мо якчанд намунаҳои машғулиятҳои таълимии синфҳои ибтидоиро дар заминаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ башардӯстӣ дар дарсҳои ЗТ нишон додем.

Тарҳи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар ҷадвал нишон дода шудааст.

Ҷадвали № 3.

| **Мақсад** | **Мазмун** | **Метод** | **Фан** | **Синф** | **Шакл** | **Натиҷа** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ | Ҳикояи «Ёрии дӯст» | Хониши матн, муҳокима, Саволу ҷавоб, | Забони тоҷикӣ | 1 | Кори гуруҳӣ, муҳокима дар гурӯҳҳо, | Инкишофи нутқ,некӣ ва ёрӣ, қабули қоидаҳои ибтидоӣ |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | навишти иншои ЭССЕ. | | | муқоиса | |
| Инкишофи сифатҳои ахлоқӣ, инсондӯстӣ, ҳамдардӣ, дилсӯзӣ, дӯстӣ | «Мусич ва рӯбоҳ» | Хониши матн, саволу ҷавоб, усули Кластер | Забони тоҷикӣ | 1 | Иҷрои машқ, пур кардани сутунчаҳ навиштани се ҷумла. | Рушди фикррронӣ, инкишофи нутк, луғатомӯзӣ ва инкишофи тарбияи ахлоқӣ-башардӯстӣ |
| Инкишофи тарбияи ахлоқи-башалдӯстӣ, сифатҳои некӣ, дӯстӣ, ёрӣ. | «Дар одоби нарм будан» | Саволу ҷавоб, таҳлили шеър, кори ду нафара ва гурҳӣ | Забони тоҷикӣ | 2 | Муайян кардани шакли дурусти калимаҳо и ахлоқӣ-башардӯстӣ | инкишофи нутк, тарзи дурсти имлои калимаҳо, рушди одоби гуф"тору рафтор, қобилияти муошират и дуруст. |
| Фарқгузорӣ байни муомилаи нек ва бад, ташаккул додани сифатҳои меҳнатдӯстӣ,татбиқи риояи қоидаҳои ахлоқӣ-муоширатӣ дар ҳаёт. | Матни «Хислатҳ ои хуби инсонӣ» | Усули «Чархи андешаҳо», Хониши матн, сохтани ҷумлаҳо. | Забони тоҷикӣ | 2 | Калимаҳо и ахлоқӣ – башардӯстиро ҷудо кардан, сохтани ҷумлаҳо бо калимаҳо и «ҳунар, меҳнат, некӣ, дӯстӣ" | Ошноӣ бо имлои калимаҳо, рушди одоби гуфтор бо лутфу марҳамат, рафтори намунавӣ. |
| Риояи қоидаҳои ахлоқӣ дар муоширати байниҳамдигарӣ, ташаккули сифатҳои ҳамдардӣ, мушфиқу меҳрубонӣ, инсондӯстӣ. | «Дар бораи дӯстию душманӣ» | Хонаши матн, кор бо луғат, сохтани ҷумла, кор бо усули «Рӯзнома» | Забони тоҷикӣ | 2 | Кори гурӯҳӣ, ошноӣ бо калимаҳо и башардӯстӣҷумлаҳ оро ба қисмҳои ҳикоя. | Ташаккули сифатҳои ҳамдардӣ, мушфиқу меҳрубонӣ, инсондӯстӣ ва башардӯстӣ |
| Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ | «Одоби ҳамида» | Усули «Аҳром», муқоисаи некӣ ва | Забони тоҷикӣ | 3 | Тартиб додани ибора бо калимаҳо | Дарки арзиши инсон, муҳаббат якдигарӣ, ва |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | бадӣ, кор бо гурӯҳ, машқ. | | | и «бача, меҳрубон, накӯкор”, дар сутунчаҳо сифатҳои ҳамидаро навиштан. | неруи ақлу דониш. Ташакули сифатҳои некӣ ва накӯкорӣ. |
| Ташаккули сифатҳои ҳамида, ҳамдардӣ, дӯстӣ, мушфиқу меҳрубонӣ, инсондӯстӣ. | Ҳикояи «Қадри падар» | Хониши матн ва нақли он, саволу ҷавоб, баҳс,тарзи дурусти имло, бозии нақшофарӣ | Забони тоҷикӣ | 3 | Бозидани нақши падару модар,қироати ифоданок и шеърҳо васфи падару модар. | рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, фикрронӣ, эҷодӣ, инкишофи нутқ, эҳтироми падару модар, дӯст доштан, ёриву ёварӣ ба падару модар. |
| Инкишофи тарбияи ахлоқӣ-башардӯстӣ дар заминаи жанрҳои адабӣ | «Дӯсти ҳақиқӣ» | Хониши матн ва нақли он, саволу ҷавоб, кор бо луғат, корҳои ду нафарӣ, бозии «Ки зуд меёбад» | Забони модарӣ тоҷикӣ | 4 | Фарқи дӯстро аз душман ҷудо кардан, иҷрои супоришҳо, қироати шеър васфи дӯст. | Инкишофи нутқ, тарзи матиқии фикр, тарзи дурусти имло, рушди сифатҳои неки инсонӣ, нафрат исбат ба сифатҳои бади инсонӣ. |
| Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ, одаму одамгарӣ, раҳмдилӣ, покию ростқавлӣ. | Матни «Рафиқи бад» | Хониши матн ва нақл, кор бо луғат, муқоиса, усули диаграмма и «Венн», машқ. | Забони тоҷикӣ | 4 | Муқаррар намудани дӯст аз душман, сифатҳои дуст, шинохти дӯсти воқеӣ. | Ташаккули сифатҳои неки инсонӣ, меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, раҳму, шафқат, одаму одамгарӣ, бадбинӣ нисбати амалҳои зишт. |

Арзишҳои инсондӯстиро, аз қабили эҳтиром, ҳамдардӣ, раҳму шафқат, дилсӯзиро. дар хонандагон тарбия намуда, муносибати шоистаи ҳамдигарфаҳмиро дар онҳо ташаккул додан лозим аст.

Дар ин замина гуфтаҳои пурмуҳтавои Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмонро баҳри тарбияи ахлоқӣ-башардӯстӣ ироа намудааст: «Арзишҳои башардӯстӣ, аз ҷумла, меҳрубонӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми ҳамдигар, асоси пешрафти ҷомеа мебошанд» [209].

Дар асоси омӯзиши ЗТ тавассути адабиёти бадеии бачагонаи мо барои ХСИ мавзуҳоеро интихоб мекунем, ки ба тарбияи ахлоқӣ-башардӯстӣ онҳоро ҳидоят намоянд. Масалан:

Ҳикояи «Ёрии дӯст»

Мазмуни ҳикояи «Ёрии дӯст»-и Боқӣ Раҳимзода аз дӯстии ду рафиқ Анвар ва Азиз оғоз мегардад, ки онҳо ҳамсоя ва ҳамсинф буданд. «Рӯзе муаллим ба хонандагон супориш медиҳад, ки масъалаи душвори риёзиро ҳал кунанд. Азиз дар ҳалли масъала душворӣ мекашад ва наметавонад онро мустақилона иҷро намояд. Вақте ки Азиз ба назди Анвар меояд, Анвар ба ҷойи он ки роҳи ҳалро ба ӯ фаҳмонад, дафтарашро медиҳад, ки Азиз танҳо кӯчонад. Оқибат рӯзи дигар дар дарс муаллим Азизро ба назди тахтаи синф даъдат мекунад. Азиз, ки танҳо ҷавобро аз дафтари дӯсташ кӯчонда буд, наметавонад тарзи ҳалли масъаларо фаҳмонад ва дар назди синф шармсор мешавад» [130, с.34].

Сипас омӯзгор таваҷҷуҳи хонандагонро ба он нигаронид, ки рафтори кадоме аз қаҳрамонҳо мақбули онҳо гардид.

Муҳокима дар синф: Хонандагон фикрҳои худро баён карданд.

**Ҷавоб ба саволҳо:**

1.Бачаҳо кӯчонидан аз дафтари дӯст оё амали дуруст аст?

2.Оё Анвар ба дӯсташ муносибат дуруст кард?

3.Агар ту мебудӣ, ҳамин тавр рафтор мекардӣ?

Хулосаи омӯзгор: Бачаҳо кӯчонидани вазифа одамро танбал мекунад ва дониши ӯро зиёд намекунад. Аз ин рӯ бояд дар омӯзиш ба кӯчонидан роҳ

надиҳем, балки роҳи ҳалли масъалаҳоро кушоем. «Кӯмак ба дӯст қарзи инсонӣ аст, на масъулияти беандоза- мегӯяд» шоир Б.Раҳимзода.

Омӯзгор: Аз забони мутафаккири забардаст С.Шерозӣ гуфтанием:

«Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,

Дар парешонҳолию дармондагӣ...» [147].

**Супориш:**

1. Навиштани иншо дар шакли «ЭССЕ» «Дӯсти ман».

2. Шумо дар худ чӣ гуна сифатҳоро мехоҳед ташаккул диҳед, бо усули «Рӯзнома» пур намоед:

| № | **Ман мехоҳам чунин сифатҳо дошта бошам.** |
|---|---|
| 1. | Хоксор, |
| | |

Натиҷа: Аз ин ҳикоя чунин хулоса баровардан лозим аст, ки шоир тавассути ин ҳикояҳои пурмазмуни ахлоқӣ ба хонанда таъкид менамояд, ки дар интихоби дӯстӣ воқеии ва дар ҳама ҳолатҳо барои дастгирии дӯст омода бошад, на дӯсте, ки ба монанди Анвар ба ту имкон диҳад, ки аз дафтар кӯчонӣ, балки дӯсте, ки ба ту омӯхтани корро ёд диҳад.

### Ҳикояи «Мӯсича ва рӯбоҳ»-и Б. Раҳимзода

Мазмуни ҳикоя аз он оғоз мегардад, ки «парандагон ҳар баҳорон дар шохи дарахтон лона ва насл мегузоранд. Мӯсича низ дар шохи дарахт лона мегузорад, вале ҳар баҳорон рӯбоҳе омада бачаҳои ӯро мехӯрад ва ӯ ноумед, маъюсу ғамгин мегашт. Дар ҳамсоягии мӯсича зоғчае зиндагӣ мекард ва ин вазъиятро дида ба мӯсича кумак мекунад. Дар натиҷа мӯсича бар муқобили рӯбоҳ ғолиб мебарояд ва бачаҳояшро эмин нигоҳ медорад». [107, с. 31-32]

Роҳ ва воситаҳо:

Супоришҳо:

1.Марҳилаи хониш: Хондани матни ҳикоя.

2.Ҷудо кардани ҷумлаҳое, ки мафҳуми арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстиро дар бар мегиранд.

**Марҳилаи фаҳмиш**: Саволҳо:

1.Мӯсича чаро ғамгину маъюс гардид?

2.Ба кумаки мӯсича кӣ омад?

3. Оё ин рафтори зоғчаро «дӯстӣ» гӯем, дуруст аст?

4.Оё шумо парандагонро дӯст медоред?

**Марҳилаи забонӣ:** ёфтани калимаҳои ахлоқӣ (меҳрубонӣ, ёрӣ, ғамхорӣ);

Сохтани ҷумла бо калимаи «дӯстӣ». Навиштани се ҷумла дар мавзуи «Мададӣ дӯст».

Омӯзгор ба бачаҳо муроҷиат карда мегӯяд: Бачаҳо ростӣ, некӣ ва ҳақиқат ба бадӣ, маккорию фиребгарӣ ҳамеша пирӯзӣ меорад.

Бо усули «Кластер» мафҳумҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ, ки дорои кадом сифатҳо мебошад, доирачаҳоро пур кун




**Расми 1. Модели сифатҳои асосии башардӯстӣ**

Натиҷаи дарс: Тавассути ин дарс хонандагон бо калимаҳое, ки ифодакунандаи мафҳуми башардӯстӣ мебошанд шинос мешаванд, рушди фикрронӣ, инкишофи нутқ, ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон ва инкишофи тарбияи ахлоқӣ- башардӯстии хонандагон дар ин ҳикоя, ки дар заминаи афсонаи халқӣ эҷод гардидааст, аҳаммияти муҳим пайдо мекунад.

Шеъри М. Миршакар «Дӯстӣ» Хонандагон баъд аз хонда баромадани шеър:

«Дӯстӣ – зӯру тавонои мо,

Дӯстӣ- нури таҷаллои мо.

Дӯстӣ- сарчашмаи бахту зафар,

Дӯстӣ – боғи пур аз шаҳду шакар...» [106, с.27].

**Супориш:**

1. Дар сутунчаҳо ҷудо кардани сифатҳои дӯстӣ;

2. Дар бораи «Хислатҳои дӯстӣ ман» навиштани ЭССЕ;

Хонандагон аз матни шеър бо имлои калимаҳои «дӯст», «боғи шакар» ва «сарчашмаи зафар» ошно шуда, ҷумлаҳо месозанд. Иҷроиши ин супоришҳо имкони васеи ТАБ-ро дар хонандагон фароҳам меорад.

Бо мақсади нишон додани самаранокии чунин равиш, якчанд намунаҳои таҳлили дарсҳоро аз китоби «Забони тоҷикӣ»–и синфҳои ибтидоӣ, истифода аз роҳу усулҳои таълим бар роҳ монда шудааст, меорем, ки ҳар кадоми онҳо ҳадафҳои забономӯзӣ ва тарбияи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстиро ба таври муназзам алоқаманд мекунанд.

### Дарси 7-8 дар синфи 1-ум: Омӯзиши забони тоҷикӣ дар заминаи хониши адабӣ

### Афсонаи«Оҳу, Гунҷишкак ва Муш»

«Буд, набуд, оҳуе буд. Вай дар баландии хушобуҳаво ва сералафи кӯҳсор зиндагӣ мекард. Рӯзе ӯ гунҷишки беқарорро дид. Оҳу сарашро бардошта, ба вай гуфт:

-Чӣ ин қадар ҷастухез дорӣ, магар ба саёҳат омадӣ?

-Не ман се шабу се рӯз парвоз карда, назди ту омадам. Дӯст меҷӯям. Ман мехоҳам бо ту дӯст шавам,-ҷавоб дод Гунҷишкак. Оҳу розӣ шуд. Онҳо аз ҳамон рӯз дӯстона зиндагӣ мекарданд. Як рӯзи тобистон Оҳу ва Гунҷишкак дар саҳро бозӣ мекарданд. Ногоҳ Мӯши ғамгинеро диданд.

-Муш, чаро ту ғамгинӣ?- пурсид Оҳу.

-Ман се шабу се рӯз аз як деҳаи дурдаст омадам. Танҳо ва хеле гуруснаам. Мехоҳам дӯст пайдо кунам. Шумо маро ба дӯстӣ қабул мекунед? –гуфт Муш. Оҳу ва Гунҷишкак маслиҳат карданд ва розӣ шудаанд. Онҳо дӯстона зиндагӣ мекардад ва хостанд, ки хона созанд. Ҳар яки онҳо ба якдигар кумак мерасониданд, вале мебинанд, ки дӯсташон Оҳу ба дом меафтад ва ба ӯ кумак

мерасонанд. Ҳамин тавр дӯстон хушу хурсандона умр ба сар мебурданд» [76, с.24-26].

Баъди хондани матни афсона омӯзгор ба хонандагон савол ва супориш пешниҳод мекунад:

**Супориши 1. Ба саволҳо ҷавоб диҳед.**

1.Се симои асосии афсонаро номбар кунед?

2.Чӣ тавр Оҳу ва Гунҷишк дӯст шуданд?

3.Як рӯз ба Оҳу чӣ ҳодиса рух дод?

4.Чӣ тавр Муш ва Гунҷишк ба Оҳу ёрӣ расонданд?

5.Афсона бо чӣ анҷом меёбад?

Супориши 2. Дар дафтаратон сифатҳои мусбати қаҳрамонҳоро нависед.

1. Ҳикояро хонед, сифатҳои хуби қаҳрамононро нишон диҳед ва нависед.

2. Агар дӯсти Шумо ба ягон душвори рӯбарӯ шавад, кумак мерасонед?

**Бозии нақшофарӣ :** Дар синф хонандагон тавассути ин метод яке нақши оҳу дигаре нақши гунҷишкак ва сеюмин нақши мушро мебозанд.

Дар заминаи ин бозӣ дар хонандагон нутқи шифоҳӣ, муоширатӣ, оҳанги талаффузи нутқ, воҳидҳои забонӣ, тарзи навиштани исмҳои хос, инчунин дар онҳо сифатҳои неки инсонӣ, аз қабили дӯстӣ, ҳамдардӣ, ваҳдат, ягонагӣ, муттаҳидӣ ва инсондӯстӣ ташаккул меёбанд.

## Дарси 9-10 «Рӯбоҳ ва Лаклак»

«Дар як замоне, дар як маконе Рӯбоҳ ва Лаклак бо ҳам дӯст буданд. Рӯбоҳ гуфт:

Ҷӯраҷон ту камнамо нашав! Ба хонаи ман биё, туро як зиёфат кунам!

Лаклак ба хонаи Рӯбоҳ рафт. Рӯбоҳ шавла пухт ва ба табақ кашида овард.

-Марҳамат, ҷӯраҷон, хӯрдан гир,- гуфт.

Лаклаки бечора ба табақи паҳн нӯл зад, нӯл зад, аммо шавларо дуруст хӯрда натавонист.

Рӯбоҳ табақи шавларо дар як дам лесида, тоза карда, ба Лаклак гуфт:

-Ҷӯраҷон, ками маро ба ҷойи зиёд дон, хӯроки дигар надорам.

-Ба ҳаминаш ҳам раҳмат,-гуфт Лаклак,-пагоҳ ба хонаи ман биё!

Рӯбоҳ ба хонаи Лаклак меҳмон шуд. Лаклак дар кӯзаи гарданборик ош овард.

-Хӯр, ҷӯраҷон, хӯр,-гуфт,- ками маро ба ҷойи зиёд шумор, хӯроки дигар надорам. Рӯбоҳ кӯзаро лесид, бӯй кард. Аммо аз ош сер хӯрда натавонист. Лаклак нули дарозашро ба даруни кӯза дароварда, баҳазур хӯрдан гирифт. Рӯбоҳ бо шиками гурусна ба хонааш омад. Бо ҳамин дӯстии онҳо ба охир расид».

«Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,

Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз...» [76,с. 28-29].

**Мустаҳкамкунии дарс:**

**1. Муҳокима**

1. Ба фикри шумо, ба меҳмон чӣ тавр муносибат кардан лозим аст.

2. Барои вайрон нашудани дӯстӣ Рӯбоҳ ва Лаклак ба фикри шумо, бояд чӣ тавр хӯрокро пешкаш кардан лозим.

**2. Савол ва супориш:**

1. Рӯбоҳ дар чӣ ба Лаклак шавла овард?

2. Чаро Лаклак шавларо хӯрда натавонист?

3. Рӯбоҳ чӣ кор кард?

4. Лаклак кадои хӯрокро пухт?

5. Чаро Рӯбоҳ аз кӯза хӯрда натавонист?

6. Чаро даклак чунин кард?

7. Рӯбоҳ ба чӣ ҳолат афтод?

**Иҷрои машқ:**

**3.** Дар дафтаратон ду ҷумла бо калимаҳои «рӯбоҳ» ва «лаклак» нависед.

Аз китоби У. Кайковус «Қобуснома», ки дар боби 12 «Дар бораи қабули меҳмон ва рафтан ба меҳмонӣ ва одоби он» як порчаи хурдакакро ёдрас мекунем. «Эй писар, меҳмонро хоҳ дӯст бошаду хоҳ бегона иззату икром бикун. Агар айёми мева бошад, пеш аз таом меваҳои тару хушк пеш биёр, то бихӯрад. Меҳмон то яку ду бор нагӯяд, ки бинишин, аз пеши худ манишин. Меҳмон аз ту бузургтар бошад, манишин. Бо меҳмон нишастӣ, бо вай суҳбат

оро, нон бихӯру хоксор бош. Агар ба меҳмони равӣ, гурусна марав ва сер низ марав, то нон битавонӣ хурдан, ки мизбон наранҷад. Аз дастархон чизе бо худ мабар, ки хорист. Бисёр махӯр, ки зишт аст. Ҳамин тавр одоби меҳмондорӣ ва меҳмоннавозиро бояд омӯхт» [76]

Матни додашударо таҳлил намуда, тарзи одоби меҳмондориро омӯзед.

**Кор бо луғат:**

Мизбон- соҳиби хона

Зишт –бад

Хоксор –фурутан

Хорӣ –хорузор, залилӣ

**Корҳои гурӯҳӣ:**

Хонандагонро ба гурӯҳо ҷудо менамоем:

**Усули кор:** Дар дафтаратон одоби меҳмондорӣ, ба меҳмонӣ рафтанро бо усули «**Аҳром**» ҷудо намоед: Гурӯҳи якум: Тарзи меҳмондорӣ, гурӯҳи дуюм тарзи ба меҳмонӣ рафтан. Кадом гурӯҳ зудтар бо ин усул тарзи меҳмондорӣ ва меҳмонравиро пур мекунад.




## Дарси 11-12

## «Саги Оташнишонҳо»

«Оташнишонҳо сагҳои махсус доранд, ки барои аз оташ наҷот додани кӯдакон кумак мекунанд. Яке аз ин гуна сагҳо Пайгир ном дошт. Вай кӯдакони зиёдеро ҳангоми сӯхтор наҷот додааст. Рӯзе хонае оташ гириф. Вақте ки ба назди он хона оташнишонҳо омаданд, зане давида омад. Вай бо оҳу фиғон гуфт, ки духтарчааш даруни хона мондааст. Оташнишонҳо Пайгирро ба хона равон

карданд. Вай дар байни дуду оташ ғоиб шуда рафт. Панҷ дақиқа гузашту саг намоён шуд. Пайгир бо дандонҳояш як духтаракро аз либосаш гирифта, бардошта овард. Модари кӯдак давида духтарчаашро ба оғӯш гирифт. Саг саросема боз давида ба хона даромад. Дере нагузашта вай боз чизеро бардошта овард. Оташнишонҳо ва дигарон инро дида, оҳи сабук кашиданд ва табассум карданд. Пайгир лухтакеро наҷот дода буд» [76,с. 51-52].

**Ба саволҳо аз матн ҷавоб ёбед.**

1.Кадом сагҳоро сагҳои махсус меноманд? Онҳо чӣ кор мекунанд?

2.Чӣ ҳодиса рӯй дод?

3.Кӣ ба назди оташнишонҳо омад? Е чӣ гуфт?

4.Оташнишонҳо барои наҷоти духтарак чӣ кор карданд?

5.Пайгир духтарчаро чӣ тавр овард?

6.Модари духтарак чӣ кор кард?

7.Чаро Пайгир бори дуюм ба хона даромад?

**Муҳокима дар синф:**

1. Бачаҳо ба фикри шумо, амали саг дуруст аст.

2.Чӣ лозим шуд, ки саг дуюм маротиба хона даромад.

Омӯзгор: Бачаҳо матни «Саги оташнишонҳо»-ро муайян кунед: ҳикоя, шеър, афсона.

Ҷумлаҳоро ба қисмҳои ҳикоя мувофиқ гузоред.

| | |
|---|---|
| Оғоз | Одамон инро дида, оҳи сабук кашиданд ва табассум карданд. Пайгир лӯхтакеро наҷот додааст. |
| Қисми асосӣ | Яке аз ин гуна сагҳо Пайгир ном дошт. Вай кӯдакони зиёдеро наҷот додааст. |
| Анҷом | Рӯзе хонае оташ гирифт |

Таҳлили намунаҳои дарс тавассути роҳу усулҳои гуногуни таълим.

Дарси забони тоҷикӣ дар синфҳои 2-юм.

**Дарсҳои 27-28**

Дар бораи одоби муомила чӣ медонед? Фикратонро баён кунед.

**«Дар одоби нарм будан»**

«Ба тундиву тезӣ одат накун, нармдил бош. Дағалӣ накун. Дуруштиву дағалӣ кунӣ, меҳрубонӣ намебинӣ.

Ҳеҷ гоҳ бадӣ накун, ки бадӣ некӣ намеорад. Агар касе туро озорад диҳад, бикӯш, то беозор ҷавобаш бидиҳӣ. Беозорӣ сифати хуби инсон аст» [71, с. 30].

(Унсурмаолии Кайковус).

**Савол ва супоришҳо:**

**Супориши 1. Ба саволҳо ҷавоб диҳед.**

1. Кайковус бештар чиро таъкид кардааст?
2. Бо дӯсту душман созиш кардан чӣ маънӣ дорад?
3. Барои чӣ шахси беозорро ҳурмат мекунанд?
4. Шеърро таҳлил кунед.

**Нек дарёбу бад макун зинҳор,**

**Ки баду нек боз хоҳӣ дид.** (Ҳусайн Воизи Кошифӣ)

Мафҳуми нек ва бадро чӣ тавр мефаҳмед:

**Мафҳуми нек-**

**Мафҳуми бад-**

Бо калимаҳои «**нек**» ва «**бад**» ҷумла созед.

**Супориши 2.**

1.Ҷумлаи чорумро рӯбардор кунед. Калимаҳоро шуморед.

2. Бо калимаҳои тезӣ, дӯстӣ, дағалӣ ҷумла созед. Нависед.

Калимаҳои муқобилмаънои сутуни чапро аз калимаҳои сутуни рост ёфта нависед [71,с. 30].

| **Сутуни рост** | **Сутуни чап** |
|---|---|
| Сулҳ | Шом |
| Субҳ | Некӣ |
| Бадӣ | Душманӣ |
| Дӯстӣ | Ҷанг |

**Матни«Хислатҳои хуби инсон»**

«Бо касбу ҳунар ва меҳнати ҳалоли худ зиндагӣ кунед. Ҳунари худро хор накунед. Онро дӯст доред. Бе нуқсону бе фиреб кор кунед. Ба халқ некӣ кунед. Касеро ғайбату туҳмат накунед. Бо одамон ғамхор бошед. Илм омӯзед. Хоксору

фуртан бошед. Одоби сухбат, нишастан, хӯрдан, нӯшидан, саломро риоя кунед. Суҳбат бо некон кунед. Ба молу чизи одамон ҳасад набаред. Эҳтироми устодон ва падару модарро ба ҷо оред. Одобу кирдори некро ҳамеша ва дар ҳама ҷо риоя кунед» [71, с.42].

Супориш:

1. Матнро хонед, дар сутунча сифатҳои неки инсониро ҷо намоед.

2. Ба калимаҳои «**ҳунар**», «**меҳнат**», **хоксор**», «**салом**», «**некӣ**» ҷумла тартиб диҳед**.**

Дар дафтаратон сифатҳои меҳнатдӯстиро дар усули «**Чархи андешаҳо**» нависед.




**Расми 2. Сифатҳои меҳнатдӯстӣ**

Ҳадаф ва самти омӯзиш аз матн:

Дар ин қисми таълимӣ таваҷҷуҳ ба инкишофи нутқ, тарзи дурсти имлои калимаҳо, рушди одоби гуфтору рафтор, қобилияти муоширати дуруст, фарқгузорӣ байни муомилаи нек ва бад, инчунин ташаккул додани сифатҳои меҳнатдӯстӣ. Хонандагон бояд қоидаҳои ахлоқӣ-муоширатиро дар ҳаёти воқеӣ татбиқ кунад.

**Дарсҳои 25-26**

Матнро хонед. мазмунашро нақл кунед. Дар бораи ҳамсояатон хотираҳоятонро ба ёд оред.

**Ҳамсояҳо**

«Карим ва Ниёз дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекарданд. Як рӯз бузғолаҳои Карим ба ҳавлии Ниёз даромада, полизашро поймол карданд. Ниёз бузғолаҳоро дағалона аз ҳавлӣ берун кард. Карим ба назди Ниёз омада узр пурсид:

- Ҳамсоя, маро бубахш, ки бехабар монда.

Ниёз ба узри Карим эътибор надода, бо ӯ ҷанҷол кард.

Карим дар ҷавоби ин муомила чизе нагуфт, бузғолаҳояшро гирифта бурд.

Рӯзе ҳезумхонаи Ниёз оташ гирифт. Алангаи оташ доман паҳн мекард. Ниёз дар танҳоӣ оташро хомӯш карда наметавонист.

Карим зуд ба ёрӣ шитофт. Ҳамсояҳо якҷоя оташро хомӯш карданд.

Ниёз аз ёриву ғамхории Карим ҳайрон шуда гуфт:

-Ман туро ранҷонда будам, вале ту ба ман некӣ кардӣ.

-Карим гуфт:

- Мо ҳамсояем. Аз байни ҳамсояҳо ҳар гуна гапу кор мегузарад. Аз ҳар чӣ ранҷидани ҳамсояҳо хуб нест. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Ҳамсояи наздик аз хеши дур беҳтар аст».

1. Ниёз аз кирдори худ пушаймон шуд ва аз Карим узр хост» [71,с. 28-29].

**Савол ва супоришҳо:**

**Супориши 1.**

1. Бузғолаҳо ба куҷо даромаданд ва чӣ карданд?
2. Ниёз бузғолаҳоро чӣ кард?
3. Ниёз ба Карим чӣ гуна муносибат кард?
4. Дар хомӯш кардани оташ кӣ ба Ниёз ёрӣ расонд ва барои чӣ?
5. Ба фикри шумо Ниёз ба чӣ хулоса омад?

**Супориши 2.**

1. «Ифодаҳои зери по кардан» ва «оташ паҳн кардан »-ро шарҳ диҳед.
2. Ҷумлаи «Одам бародари одам-ро» шарҳ диҳед.

***Дарахти дӯстӣ бишон, ки коми дил ба бор орад. (Ҳофизи Шерозӣ)***

**Супориши 3.**

1. Аз ҷумлаи дуюми матн ду ҷумла созед.
2. Фарқи миёни Карим ва Ниёзро маънидод кунед.

3. Аз Карим узр хостани Ниёз чӣ маънӣ дорад? Шарҳ диҳед.

**Супориши 4.**

2. Пандро аз ёд кунед.

3. Онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?

4. Дар бораи дӯсти худ 2-3 ҷумла нависед [71, с. 28-29].

**Дар сутунчаҳо фазилатҳои нек ва бадро ҷудо кунед.**

| **Фазилатҳои хуби инсонӣ** | **Фазилатҳои бади инсонӣ** |
| --- | --- |
| Хоксорӣ | Хасисӣ |

Дарсҳои 29-30 «»

1. Калимаи «Ватан»-ро шарҳ диҳед. Аз харита Ватани азизамонро ёбед.

2. Суруди миллии Тоҷикистонро сароед.

3 .Шеъри Ашӯр Сафар хонед.

Ватан

«Хоки Ватанам сурмаи чашмони ман аст,
Рӯйи Ватанам оинаи рахшони ман аст.
Нури Ватанам офтоби тобони ман аст,
Меҳри ватанам дар дили ҷӯшони ман аст.
Манро Ватанам тарбия бисёр намуд,
Фарзанди ба худ неку вафодор намуд.
Дарвозаи иқбол ба рӯям бикушод,
Пас хидмати ӯ хитоби виҷдони ман аст...» [71, с. 31-32]. (Ашӯр Сафар)

**Савол ва супоришҳо:**

**Супориши 1.**

1. Мазмуни шеърро нақл кунед.

2. Ватан ба шоир чӣ корҳо кардааст? Сатрҳои 5-6-7-ро нависаед.

3. Чаро шоир хоки ватанро ба сурмаи чашм, оинаи рахшон, офтоби тобон монанд кардааст?

**Супориш 2.**

1. Шеър аз чанд сатр ё мисраъ иборат аст? Мисраъҳои 2 ва 3-ро нависед, аз ёд кунед. Калимаҳои ин сатрҳоро ё мисраъҳоро ҳисоб кунед [71,с. 31-32].

Ситораҳои дурахшони ватанро дар ситорача нависед.




Синоними калимаи «**Ватан**»-ро ёфта, дар дафтаратон нависед.

Меҳри Ватан аз зодгоҳ сар мезанад.Тавассути шеъри «Ватан»-и А.Сафар дар хонандагони хурдсол ифодаҳои забонӣ, имлои дурусти навиштани калимаҳо, оҳанг, ифоданок қироати шеър, инкишофи нутқ, тарзи фикркронӣ ва инчуни ҳисси муҳаббат ба Ватан, ватандӯстӣ, ҳифзи марзу буми он, дӯст доштани миллат, қарзи Ватан–Модар, содиқона хизмат кардан ба халқу ватанро дар онҳо бедор карда, сифатҳои шуҷоатмандӣ, далерӣ, нотарсӣ, инсонпарварӣ, дӯстию бародариро ташаккул медиҳем.

**Дарсҳои 31-32**

Ҳикояи «**Қадри падар**»

«Мегӯянд, ки рӯзе як ҷавон бо марде дучор шуд. Мардро ба хонааш бурда, бисёр эҳтиром кард ва чаҳор ҳазор дирам ба ӯ дод. Он мард дар ҳайрат монду гуфт:

- Эй ҷавон, ман ба ту ҳаргиз некие накардаам. Ин инъом ба чӣ сабаб кардӣ?

- Ҷавон гуфт:

- Ба сабаби он ки ту дӯсти падарам ҳастӣ. Падарам туро эҳтиром мекард.

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,

Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.

Ҳосил аз фарзанд гирад коми мард,

Зинда бо фарзанд монад номи мард...» [ 71, с. 32-33]. (А.Ҷомӣ)

**Савол ва супоришҳо:**

1. Матнро хонед. Мазмуни онро нақл кунед.

2. Дар бораи падар ва дӯстони падаратон ҳикоя кунед. Онҳо чӣ хел одамонанд?

**Супориши 1. Ба саволҳо ҷавоб диҳед.**

1.Ҷавон дар роҳ киро дид ва ӯро ба куҷо бурд?

2. Чаро мардро он ҷавон эҳтиром кард?

3. Чаро он мард аз корҳои кардаи шахс дар ҳайрат монд?

4. Ҷавон дар ҷавоби ҳайрати мард чӣ гуфт?

Аз асари «Гулистон»-и мутафаккири бузург Саъдии Шерозӣ бачаҳо як ҳикояро мехонем.

«Меҳмони пире шудам дар Диёри Бакр, ки моли фаровон дошт ва фарзанде хубрӯй. Шабе ҳикоят кард, ки маро ба умри хеш ҷуз ин фарзанд набудааст. Дарахте дар ин водӣ зиёратгоҳ аст, ки мардумон ба ҳоҷат хостан ба он ҷо раванд. Шабҳои дароз дар пои он дарахт ба Ҳақ бинолидаам, то маро ин фарзанд бахшидааст. Шунидам, ки писар бо рафиқон оҳиста ҳамегуфт: Чӣ будӣ, гар ман он дарахт бидонистаме куҷост, то дуо кардамею падар бимурдӣ.

Хоҷа шодикунон, ки писарам оқил аст ва писар таъназанон, ки падарам фартут.

«Солҳо бар ту бигзарад, ки гузор

Накунӣ сӯйи турбати падарат.

Ту ба ҷойи падарат чӣ кардӣ хайр,

Ту ҳамон чашм дорӣ аз писарат?...» [ 136 ,с.176].

**Муҳокима:**

Бачаҳо оё рафтори писар ба Шумо писанд омад. Агар Шумо мебудед, бо падаратон чӣ гуна муносибат мекардед?.

**Супориши 2. Ба дафтаратон нависед.**

1. Дар мавзуи «Қадри падар» матни мухтасар тартиб диҳед.

2. Матнро ин тавр сар кунед.

**Намуна:** Падарам ҳар саҳар ба кор меравад.

**Супориши 3.**

1.Шеърро аз ёд кунед.

2.Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ ёфта, ҷумлаҳо тартиб диҳед:

Диёри Бакр … ба Ҳақ

фарзанд … дарахт

водӣ … фартут [71, с. 32-33].

Натиҷа хонандагон аз матнҳои омӯхташуда, тарзи тартиб додани ҷумлаҳо, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, фикрронӣ, эҷодӣ, инкишофи нутқ, ошноӣ бо имлои дурусти калимаҳо ва дар баробари ин тарбияи эҳтироми падару модар, муносибати меҳрубонона бо калонсолон, ҳамдардӣ, дӯст доштани падару модар, ёриву ёварӣ ба падару модарро вазифаи аввалиндараҷаи худ бояд донанд ва амалӣ созанд.

**Дарсҳои 35-36**

**Афсонаи «Дӯсти ҳақиқӣ»**

«Буд, набуд, Хораку Хасак ном ду хорпуштаки бо ҳам дӯст буд. Рӯбоҳе ба дӯстии онҳо ҳасад бурд ва хост, ки ҳар дуро бо ҳам душман кунад. Аввал ӯ назди Хорак омад. Хорак дар теппачае занбурӯғ мечид.

Рӯбоҳ гуфт:

- Хорак, ҳой, Хорак! Медонӣ, Хасак дар ҳаққи ту чиҳо мегӯяд?

- Медонам,-ҷавоб дод Хорак.

Рӯбоҳ гаранг шуд. Вай ин ҷавобро интизор набуд, зеро ӯ ба Хорак сухани дурӯғу бофтаи худро гуфтанӣ буд.

- Ин гапҳоро ҳоло касе намедонаду ту аз куҷо медонӣ? – пурсид Рӯбоҳ.

Аммо Хорак дигар ба сухани Рӯбоҳ гӯш надоду ба тӯби кулӯлаи пур аз сӯзан табдил ёфта, ғелон-ғелон аз теппа фуромад. Рӯбоҳ, ки ҳиллаш нагузашт, сахт ба ғазаб омад ва назди Хасак рафт.

-Хасакҷон, медонӣ, Хорак дар ҳаққи ту чиҳо мегӯяд? –айёрона пурсид Рӯбоҳ.

-Медонам, - ҷавоб дод Хасак ва ба Рӯбоҳ эътибор надода, ба роҳаш рафт.

Зоғи пире, ки дар шохи дарахт нишаста кирдори Рӯбоҳро тамошо мекард, гуфт:

-Худатро ин қадар азоб надеҳ. Наход як чизи одиро надонӣ: дӯсти ҳақиқӣ медонад, ки дӯсташ дар бораи вай ягон сухани бад намегӯяд» [72, с. 36-37].

(Азизи Азиз).

**Савол ва супоришҳо:**

**Супориши 1. Ба саволҳо ҷавоб диҳед.**

1. Хораку Хасак чӣ гуна дӯст буданд?
2. Рӯбоҳ чӣ мақсад дошт?
3. Вай ба Хасак чӣ гуфт?
4. Хасак чӣ кор кард?
5. Рафтори Рӯбоҳро чӣ тамошо мекард?
6. Зоғ ба Рӯбоҳ чӣ гуфт?
7. Дӯсти ҳақиқӣ чӣ хел мешавад?

**Супориши 2. Калимаҳои зерини матнро дар дафтар нависед.**

1. Чаро калимаҳои Хорак, Хасак бо ҳарфи калон навишта шудааст?
2. Калимаҳоро нависед ва ба онҳо ибораҳо тартиб диҳед: ҷонӣ, ҳасад, гаранг, дурӯғ, ҳила, айёрона.
3. Байтро беғалат нависед ва ба зери калимаҳои ӯ-дор хат кашед.

«Барои дӯстон ҷонро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун» [72, с. 36-37].

(Абдураҳмони Ҷомӣ).

4. Калимаҳои ҳаммаънои дӯст, фидо-ро ёбед.
5. Дар бораи дӯсти ҳақиқӣ ду ҷумла нависед.

**Супориши 3.** Кор дунафарӣ:

Хонандаи 1-ум: ваъда, воқеъ, шеър, таъна, раъд, маъмул

Хонандаи 2-юм: аъло, маълум, меъда, таъриф, эълон, толеъ [72, с. 36-37].

Ҷавоби дурустро ба давра гиред.

| | |
|---|---|
| 1 | Ҳайвонҳои хонагӣ: рӯбоҳ, паланг, хирс, хорпушт, маймун |
| 2 | Ҳайвонҳои ваҳшӣ: гов, саг, гурба, гӯсфанд, буз, асп |
| 3 | Сабзавот: турб, шалғам, лаблабу, пиёз, картошка, сабзӣ |
| 4 | Меваҳо: нок, гелос, анҷир, анор, себ, хурмо, лимӯ, зардолу |

Навиштани иншо(ЭССЕ) дар мавзуи «Дӯстӣ»

Хонандагон мавриди ифоданок қироат кардани шеър, хондани ҳикояҳо, афсонаҳо бо имлои калимаҳои нав шинос мешаванд, инкишофи нутқ, тарзи беғалат навиштани калимаҳо, чудо кардани исм хос ва ҷинс ва инчунин бо мафҳумҳои дӯстӣ, дӯсти ҷонӣ, дӯсти забонӣ, дӯсти бовафо, шодии дил аз дӯстӣ, гулафшонӣ аз дӯстӣ, дӯсти доно, дӯсти нодон ошно мешаванд. Хонандагон дар натиҷаи хонда баромадани матнҳои тарбиявӣ сифатҳои дӯстӣ, дуруст интихоб кардани дӯсти беҳтарин, дасти ёрӣ дароз кардан ва ҳамдардиро дар худ ташаккул медиҳанд.

**Хониши шеър «Гулбаҳор».**

Савол: Амали қаҳрамон хуб аст? Чаро?

Агар духтаре ҳамном бошад → эҳтиёт дар муносибат, мазоҳ манъ.

1. Хатнависӣ

Тамрини ҳарфи «г».

Назорати нишаст, масофа, дастгирии инфиродӣ.

2.Ҷамъбаст ва арзёбӣ

Шеър боз хонда мешавад.

Калимаҳои омӯхташуда, саволу ҷавоб.

Иҷрои машқҳои китоб - интихобӣ.

Калимаҳое, ки дар сутунча нишон додааст, илова намуда мувофиқи сифатҳо дуруст гузоред?

| Хислати «Бад» | Хислати «Нек» |
|---|---|
| Ростқавл, меҳрубон, | Дурӯғгӯ, фиребгар, |

Хонанда 3 дӯсташро навишта → барои ҳар кадом бо 3 хислати нек ҷумла месозад.

**Намуна:** Гавҳар ростгӯй аст. Гавҳар ҳалолкор аст.

Вазифаи хонагӣ - машқи китоб ва ё замима бо интихоби омӯзгор;

ба хонандагони сустхон - матни осоншуда, машқи хат бештар.

**Арзёбӣ**

Арзёбии пурра ё интихобӣ тибқи ҷадвали салоҳият; 2–3 хонанда ба таври инфиродӣ баҳогузорӣ мешаванд.

**Натиҷаи дарс:** Ин дарс ба ташаккули эҳтиром ба неъмат, парвариши ахлоқи нек, ҷалби кӯдак ба мутолиа ва рушди малакаҳои забонӣ равона шудааст.

Матн «Одоби ҳамида». Ба муаллим

Дар мавзуи мазкур таваҷҷуҳ ба симои омӯзгор равона мешавад. Дар оғози дарс бо хонандагон суҳбат ташкил мегардад: хонандагон хотироти солҳои 1-3-юмро дар бораи устодон ба хотир меоранд, мисол меоранд ва бамаъноии «вожаҳои муаллим”, «устод», «омӯзгор» таваҷҷуҳ мекунанд. Баъдан матни дарсӣ коркард мешавад: вожаҳои душвори луғавӣ шарҳ дода шуда, бо онҳо ҷумлаҳои мустақил сохта мешаванд.

Хониши матн ду марҳила дорад - аввал хомӯшона, баъдан бо овози баланд ва ифода. Дар ҷараён омӯзгор ба оҳанг, суръати нутқ, имову ишора, нафасгирӣ, баланд-пастии садо ва фасоҳати нутқ таваҷҷуҳ мекунад. Баъд аз хониш, хонандагон калимаҳо ва ибораҳои тавсифкунандаи симои омӯзгорро ҷудо мекунанд, имлои дурусти онҳоро дар дафтар сабт менамоянд

**Баҳс**

«Акрам дар қоғазе навишту аз Акбар пурсид:

-Ин кадом рақам аст?

Акбар гуфт:

-Нуҳ!

Акрам қоҳ-қоҳ хандид.

-Нодон!- гуфт вай. – Ин нуҳ не, ин шаш аст! Дурусттар зеҳн бимон!

Акбар ранҷид.

-Худат нодонӣ, - гуфт вай норозиёна, - нуҳро шаш мегӯӣ! Боз механдӣ?

-О, ин шаш аст!

-Не Нуҳ!

Ин дам Аскар омад. Ба баҳси онҳо геш доду хандааш омад. Вай маслиҳатомезона гуфт:

- Фикри ҳардуятон ҳам дуруст аст. Барои он ки рӯ ба рӯ нишастаед» [72,с. 23].

(Азизи Азиз )

**Супориш ва саволоҳо**

1. Дар ҷумлаҳо зер калимаҳои мувофиқро гузоред.

Акрам .......... хандид. Ин .....не, ин ....аст! Ин дам .....Аскар омад. Вай гуфт.

**Бозии «Нақшофарӣ».**

1. Дар нақши Акраму Акбар ва Аскар бозӣ кунед.

2. Рақами шашро тавре гузоред, ки аз тарафи муқобил ба 9 монанд бошад.

3. Як муколама дар мавзуи «Шиносоӣ» тартиб диҳед.

**Намуна:**

Номи ман Собира.

Натиҷаи дарс Аз манти хондашуда дар хонандагон инкишофи нутқ, тарзи муошират, ғанӣ гардидани захираи луғавии калимаҳо, такмили малакаҳои имло ва навишт, инчунин фаҳмиши ададҳо ва ҳисоб ба амал меояд. Ҳамзамон тавассути матн дар онҳо тарбияи ахлоқӣ, муносибати байниҳамдигарӣ, ҳамдардӣ, дӯстии рафиқона, кумак ба ҳамдигарӣ ва дигар сифатҳои инсонӣ ташаккул меёбад.

«**Дар бораи дӯстию душманӣ**»

«Чун дӯсти нав гирӣ, дӯсти кӯҳнаро фаромӯш накун. Дӯст онро дон, ки туро дӯст дорад.

Агар душман дошта бошӣ, аз ӯ натарс ва дилтанг нашав, зеро ҳама кас душман дорад. Ба душманат душманӣ макун. Агар аз душман шакар ёбӣ, онро

заҳр шумор. Душмани худро кам мабин ва нагӯй, ки ӯ хурду нотавон аст» [72, с.66]

(Унсурмаолии Кайковус).

**Савол ва супориш:**

1. Дар матни боло доир ба дӯстию душманӣ чӣ гуфта шудааст, бигӯед.
2. Мазмуни ҷумлаи охирони матнро бо панди зер муқоиса бикунед:

| **Душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон** |
|---|

**Супориш:**

1. Дар сутунчаҳо сифатҳое, ки ба дӯст ва душман мансуб аст, дар шакли дуруст ҷудо намоед.

| **Сифатҳои дӯст** | **Сифатҳои душман** |
|---|---|
| Бахилӣ, ҳасудхӯр, қасосгир, нопок, бераҳм, бешафқат, носипос. | Меҳрубон, ғамхор, дилсӯз, раҳмдил, поксиришт, накӯкор, мададгор. |

2. Бо калимаҳои «**дӯсти нав**», «**дӯсти куҳна**», «**дӯсти доно**», « **дӯсти нодон**» ва «**душман**» ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Дарси 44-45. **«Каждум ва Сангпушт»**

«Каждуме бо нияти бад ба сафар баромад. Ногоҳ ба лаби оби паҳновар расид. Сангпуштеро бар вай раҳм омад, бар пушташ савор кард ва худро дар об андохт. Ҳангоми шино ба гӯши Сангпушт садои неши Каждум, ки ба пушти вай мезад, расид.

Сангпушт пурсид:

- Ин садои чист?

Каждум ҷавоб дод:

- Ин садои неши ман аст, ки бар пушти ту мезанам.

Ҳарчанд медонам, ки бар он таъсире намерасад, аммо одати худро наметавонам гузошт.

Сангпушт ба об фуре рафт, Каждумро мавҷи об бурд» [72,с.187].

(Абдураҳмони Ҷомӣ)

**Савол ва супориш:**

1.Сангпушт ба Каждум чӣ некӣ кард?

2.Каждум нисбат ба Сангпушт рафтори дуруст кард?

Маънои зарбумасали «**Чоҳкан зери чоҳро**» бо мазмуни ин ҳикоя муқоиса кунед.

3.Тарҳи пешниҳодшударо муайян созед.




Натиҷа хонандагон аз матни ҳикоя бархурдор гардида, дар онҳо инкишофи нутқ, тарзи матиқии фикр, тарзи дурусти имлои навишти калимаҳо ва инчунин рушди сифатҳои неки инсонӣ, меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, раҳму шафқат ташаккул ёфта, нисбат ба сифатҳои бади инсонӣ, аз қабилӣ бахилӣ, нопокӣ, макру фиребгарӣ, дурӯғгӯӣ ва ғайра нафрат пайдо мекунанд.

Намунаи дарси забони тоҷикӣ дар синфи 4-ум.

**Дарси 8 «Ҷашни Меҳргон»**

«Аз рӯйи солшумории ниёгони мо 22-юми сентябри моҳи Меҳр аст. Рӯзи шонздаҳуми моҳи меҳрро, ки рӯзи Меҳр ном дошт, эрониёни қадим муборак шумурда, ҷашн мегирифтанд ва ин ҷашнро Меҳргон меномиданд.

«Меҳрубонӣ кун ба ҷашни меҳргону рӯзи меҳр,

Меҳрубонӣ беҳ зи рӯзи меҳру ҷашни Меҳргон» [72,с. 51-52].

(Маъсуди Саъди Салмон)

Ин моҳро аз он сабаб Меҳрмоҳ мегӯянд, ки мардум дар ин моҳ ба якдигар бештар меҳрубонӣ мекунанд. Аз ҳосили ғаллаву мева ба ҳамдигар ҳадя

медиҳанд. Дар замони мо ҷашни Меҳргонро ҳамчун ҷашни ҳосил қайд мекунанд. Дар рӯзҳои ҷашни Меҳргон зироати ғалладона пухта мерасад. Ҳосили сабзавоту меваҳо фаровон мешавад. Рӯйи дастархонро ҳама гуна дастранҷи деҳқонону боғдорон зебу зинат мебахшад.

Меҳргонро, аз рӯйи ривоятҳо, аз рӯзи ғалаба ё пирӯзии Фаридун бар Заҳҳок ҷашн мегиранд [72 с. 51-52].

**Савол ва супориш:**

1.Барои чӣ ин ҷашнро Меҳргон мегуфтанд?

2. Барои чӣ ин моҳро Меҳр мегуфтанд?

3. Дар чандуми моҳи Меҳргонро ҷашн мегиранд?

4. Бо солшумории мо Меҳрмой кай оғоз мешавад?

5. Агар моҳи Меҳр 22-юми сентябр оғоз шавад, 16-уми Меҳр ба кадом рӯз баробар аст.

**Машқи 86.** Дар маҳаллаи шумо Меҳргонро чӣ тарз ҷашн мегиранд?

Ҳикоя кунед.

**Машқи 87.** Машқи «Худамро месанҷам».

«Меҳрубони кун ба ҷашни меҳргону рӯзи меҳр,

Меҳрубони беҳ зи рӯзи меҳру ҷашни Меҳргон».

**Машқи 88**. Монанди намуна ду ҷумла тартиб дода нависед.

Ман ба модарам, падарам, хоҳаронам, бародаронам ва ҳамсинфонам меҳрубонӣ мекунам. Хоҳарам, бародарам, модарам, падарам, бобоям ва бибиям ба ман меҳрубонӣ мекунанд.

Бахшида ба ҷашни Меҳргон ҳамсинфон, дӯстон, падару модар ва хоҳару бародари аввал ба тарзи шифоҳӣ, баъд аз хаттӣ табрик кунед. Аввал сохтор ва мазмуни табрикномаро бо ҳамдигар баррасӣ намоед.

Бачаҳо Шумо боз кадом ҷашнҳои миллиро медонед сутунчаро пур кунед

| **№** | **Ҷашнҳои миллӣ** | **Фаслҳои сол** |
|---|---|---|
| 1. | Ҷашни «**Наврӯз**» | Март |
| 2. | | |

| | | |
|---|---|---|
| 3. | | |

Натиҷа хонандагон аз матни пешниҳодгардида, дар бораи ҷашни қадимаи «Меҳргон» маълумот ба даст оварданд, ки дар он муборизаи ду қувва «**некӣ**» **ба** «**бадӣ**» пирӯзӣ насиб гардидааст ва бо ҳамдигар дар муносибат меҳрубонӣ, инсондӯстиро меомӯзанд ва амал мекунанд.

**Боби 3.** Матни «**Дӯсти ҷонӣ, нонӣ ва забонӣ**»

**Машқи 92**. Матнро хонед ва муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом дӯст меравад?

«Собир ном бача қалами худро дар мактаб банохост шикаст. Қалами дигар надошт. Ба Аҳмадҷони шарикдарсаш гуфт: «Агар қалами дигар дошта бошӣ, ба ман амонат бидеҳ, ки хат нависам». Аҳмадҷон хурсанд шуда қаламдони худро во карда, панҷ дона қалам бароварда гуфт: «Аз инҳо кадомаш, ки даркор бошад бигир. Коғаз ҳам,чӣ қадар даркор бошад, медиҳам. Ману ту шарик ҳастем. Ҳар чиз ки ман дошта бошам мисли чизи худ гирифта, сарф кун» [72, с. 54-55].

(Саддридин Айнӣ)

**Супориш: Муҳокима:**

Дар бораи рафтори дӯстон фикри худро баён кунед.

Тартиб додани ибора бо калимаҳои «**қалам**», «**шарик**»**,** «**бача**», «**ҳамсинф**»**,** «**қаламдон**».

**Машқи 93**. Матнро хонед ва муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом дӯст меравад?

«Гавазне дар наздикии сабзазоре бемор буд. Дӯстону азизон ҳама ба дидани вай омаданд, то ҳолашро бипурсанд. Вақте дӯстон ба дидани вай меомаданд, аз алафи сабзазор барои хӯрдани худ истифода мекарданд ва тамоми сабзаҳоро хӯрданд. Дар охири кор гавазни бечора ҷон дод, на аз беморӣ, балки аз гуруснагӣ. Зарари дӯстони бад нисбат ба фоидаашон бештар аст» [72, с. 54-55].

**Машқи 94.** Таркибҳоро хонед ва аз рӯйи намуна ба се гурӯҳ ҷудо карда нависед.

**Намуна :**

«Дӯсти ҷонӣ – сирри дилашро мегӯяд.

Дӯсти забонӣ- хушомад мегӯяд.

Дӯсти нонӣ – фоида меҷӯяд». (Мақоли халқӣ)

Хушомад мегӯяд, фоида меҷӯяд, дар наздат як чиз мегӯядду дар ақиб чизи дигар, сирри дилашро мегӯяд, сиррашро пинҳон мекунад, то иҷро шудани кораш хубӣ мекунад, чизеро дареғ намедорад, ҳамеша дӯст буданро таъкид мекунад, ғалатҳоро нишон медиҳад, баҳона мекобад, суханҳои туро ба дигарон хабар медиҳад, ваъдаҳои хушку холӣ медиҳад, агар пул надошта бошӣ , бо дигарон дӯст мешавад.

**Машқи 95.** Машқи имло. Панди зеринро бонавбат ба ҳамнишини худ бигӯед ва нависед. Дафтарҳои худро иваз карда, ғалатҳои ҷойдоштаро ислоҳ кунед.

«Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,

Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.

Ҳеҷ талхӣ нест дар дил талхтар

Аз фироқи дӯстони пурҳунар...» [72, с. 54-55]. (Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ).

Дар доирачаҳо сифатҳои неки дӯстро нависед.




**Машқи 101.** Матнро хонед ва ба рафтори дӯстон баҳо диҳед.

Матни «**Рафиқи бад**»

«Хуршед ва Ҷамшед дар байни кӯҳҳо роҳ мерафтанд. Нохост ба онҳо як хирс дучор омад. Ҷамшед тарсид ва давида ба як дарахт баромад. Хуршед гурехта натавонист ва худро мурда вонамуд карда, хобид.

Хирс омада, пой ва рӯйи Хуршедро бӯйи карду ба роҳаш рафт.

Ҷамшед аз дарахт поён фуромада хандиду гуфт:

Хирс ба гӯшат чӣ гуфт?

Хуршед чунин ҷавоб дод:

Хирс гуфт, ки одаме, ки дар вақти мусибат рафиқи худро партофта мегурезад, рафиқи бад аст» [72,с. 60- 61].

**Савол ва супориш:**

1. Симоҳои матн киҳоянд?
2. Онҳо ба куҷо рафтанд?
3. Барои чӣ рафтанд?
4. Онҳо бо чӣ вомехӯранд?
5. Ин воқеа кай рух дод?
6. Ин воқеа дар куҷо рух дод?
7. Оё онҳо ба ҳамдигар ёрӣ расонданд? Барои чӣ?
8. Чаро хирс ба одам зарар нарасонд?

**Супориш 2.**

1. Худро дар ҷойи онҳо тасаввур кунед. Чӣ гуна рафтор мекардед?
2. Агар онҳо шуморо ба сафар даъват кунанд, бо онҳо меравед? Чаро?
3. Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?
4. Ба матн сарлавҳаи мувофиқ интихоб кунед.

**Машқи 102.** Мазмуни матнҳоро бо ҳам муқоиса карда, умумият ва фарқи онҳоро дар диаграммаи Венн нишон диҳед.



Расми 3. Диаграммаи Венн

**Машқи 105.** Дар бораи дарси имрӯза бо аҳли хонавода суҳбат кунед. Бо онҳо маслиҳат намуда, панҷ сифати рафиқи хуб ва бадро фикр карда нависед.

Рафиқи хуб:

Рафиқи бад:

**Дӯст ё бародар?**

Шеърро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

**Шодӣ ва Ҳодӣ**

«Дар як бинои барҳаво,
Андар чаҳорум ошён.
Ҳамсояи якдигаранд,
Шодию Ҳодӣ, ҷӯраҷон.
Шодӣ ба гулҳо резад об,
Хонад гаҳу бегаҳ китоб.
Ҳодӣ вале рӯзи тамом
Дар фикри зикри хӯрду хоб.
Шодӣ, набошад модараш,
Бозӣ кунад бо додараш.
Ҳодӣ намеҷунбад зи ҷо,
Ҳарчанд гиряд хоҳараш.
Ман ҷӯраам бо он яке,
Аз ҷӯраҳои қадрдон.
Оҳиста гӯйи акнун ба ман:
Шодист ё Ҳодист он?» [72, с.62-63].

(Убайд Раҷаб).

**Савол ва супориш:**

1.Дар матн сухан дар бораи киҳо меравад?

2.Онҳо дар куҷо зиндагӣ мекарданд?

3.Гуфтору кирдори онҳоро номбар кунед.

4.Ба гуфтору рафтори онҳо баҳо диҳед.

**Омӯзгор аз бачаҳо пурсон мешавад.**

1.Бачаҳо шумоён бо кадоме аз симоҳои матн дӯст будан мехоҳед? Барои чӣ?

2.Ба фикри шумо, муаллиф бо навиштани ин шеър ба мо чиро таъкид мекунад?

Бачаҳо шоир дар образҳои қаҳрамонон Шодӣ ва Ҳодӣ дар шеър чӣ гуна сифатҳои шахси комилро нишон додааст. Бояд мо ба кӣ пайравӣ кунем, то ки бачаи боодобу боақл шаваем.

**Машқи 108**. Ба ҷойи нуқтаҳо амалҳои Шодӣ ва Ҳодиро нависед.

Намуна:

Шодӣ – ба гулҳо об мерезад,

Ҳодӣ – дар фикри хӯрдану хоб рафтан аст,

**Машқи 195.** Шеърро ифоданок хонед ва маънидод кунед.

**Дӯстонро гум макун**

«То тавонӣ, дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун.
Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,
Мушкилосонкун касонро гум макун.
Дӯстро аз дӯст, ҷонам, фарқ кун,
Дӯсти пайванди ҷонро гум макун…» [72,с. 115-116].

(Мирзо Турсунзода)

**Машқи 198.** Ибораҳоеро, ки ҳусни зоҳирӣ ва ботиниро ифода мекунанд, муайян карда, дар ду қатор нависед.

Духтари зебо, рафтори дуруст, бачаи доно, шахси меҳнатдӯст, мижгони сиёҳ, қомати рост, абруи ҳамида, одоби ҳамида, сухани нек, чеҳраи зебо,

Намуна:

«Ҳусни зоҳирӣ: духтари зебо,

Ҳусни ботинӣ: рафтори дуруст...» [72,с.117].

**Машқи 199**.Ибораҳоеро, ки хислатҳои хуб ё бадро ифода мекунанд, муайян карда, дар ду қатор нависед.

Шахси дуругӯй, одами ростгӯй, модари меҳрубон, писари ҷанҷолӣ, падари ғамхор, марди кордон, марди танбал, шахси хабаркаш, духтари китобдӯст, одами бетамиз.

Намуна:

«Хислатҳои хуб: одами ростгӯй»**,**

Хислатҳои бад: шахси дуруғгӯй…» [72,с.117].

Мавзуъ: «Одоби муошират» (2 соат)

Натиҷаҳои интизории дарс.

Хонанда пас аз анҷоми дарс метавонад:

1.Мазмун ва мақсади сухани гӯяндаро муайян карда, хулоса барорад;

2.Матлабро бо шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ифода намояд;

3.Ҳикояҳои то 300 калимаро бо 5–6 калимаи нав дарк намуда, фикри асосиро ҷудо кунад;

4. Матни хаттии сохторнок эҷод кунад ва дар навишт имлоро риоя намояд;

5.Одоби муоширатро дар вазъиятҳои гуногун дуруст амалӣ созад.

Мақсади дарс (мушаххас)

Хонандагон бояд:

- қаҳрамонони матнро шиносанд ва рафторашонро муқоиса кунанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳо баҳо диҳанд;
- фикри асосии матнро ҷудо намоянд;
- калимаҳоро дуруст нависанд (беғалат);
- дар амали воқеӣ одоби суханро риоя кунанд.

Воситаҳо: китоб, панду мақол, зарбулмасал, варақаҳои корӣ.

Равиши дарс (бозофарӣ-шуда, ихчам ва методӣ)

Қисми ташкилии дарс: Одоби салом, танзими синф, омодагии хонандагон, гузориш аз вазифаи хонагӣ.

Суҳбат: дар доираи мавзуъ бо хонандагон суҳбат намудан.

Оё бо калонсолон ва бо ҳамсолон якхел сухан мекунед? Чаро?» «Оё калонсолон дар бораи тарзи муошират ба шумо чизе омӯхтаанд? »

3. Муколамаи муқоисавӣ

Синф ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

| **Гурӯҳ 1 - Муоширати хуб** | **Гурӯҳ 2 - Муоширати нодуруст** |
|---|---|
| Мисол меоранд, чаро чунин рафтор хуш аст | Мисол меоранд, чаро чунин рафтор номатлуб аст |

Баъд аз муҳокима панд дар тахта сабт мегардад:

«Ҳар бад, ки ба худ намеписандӣ»,

Бар кас мannounced, эй бародари ман».

(Хонандагон шарҳ медиҳанд ва ба дафтар менависанд.)

3. Кор бо матн

Матни «Одоби беодоб»-ро мехонанд → симоҳо муайян карда мешаванд → гуфтору рафтори онҳо баҳогузорӣ мешавад.

Саволҳои роҳнамо:

1. Кадом қаҳрамон хушмуомила буд?

2.Чӣ нишонаи беодобӣ дар матн пайдо шуд?

3.Агар ту дар ҷойи ӯ мебудӣ, чӣ мекардӣ?

4. Тақсим ба гурӯҳҳо - кор бо вазъиятҳо

Ҳар гурӯҳ як ҳолатро мегирад ва қоидаҳои муоширатро месозад:

1. Дар меҳмонӣ бо калонсолон
2. Вақте меҳмон ба хона меояд
3. Дар ҷойи бегона роҳгум шудан
4. Гум кардани падару модар дар бозор

Муаллим иҷрои гурӯҳҳоро назорат мекунад → пас муаррифӣ → таҳлил.

5. Иловагӣ

Машқи навишт: калимаҳои «муоширати нек» ва «муоширати бад».

Ҷумласозӣ аз рӯйи қоидаҳои таҳияшуда.

Муколамаи кӯтоҳ бо оҳанги дуруст.

6. Ҷамъбаст ва арзёбӣ

Хонанда ба забони худ ҷавоб медиҳад:

Муоширати хуб чӣ маъно дорад?

Кадом рафтор номуносиб аст?

баҳогузорӣ аз рӯйи фаъолият, ифодаи фикр, хатнависӣ.

7. Вазифаи хонагӣ

Бо хонавода 10 қоидаи муошират бо калонсолон тартиб диҳанд.

Мисол (дар шакли намунавӣ):

1. Бо калонсолон бо калимаи «Ба Шумо муроҷиат мекунем».

2. то 10 банд.

Нишондиҳандаҳои хислатӣ ва арзёбии сатҳи ташаккули онҳо.

Матни зерин ҳамчун ҷадвале мебошад, ки воситаи арзёбии инкишофи хусусиятҳои шахсии хонандагон хидмат мекунад. Ин нишондиҳандаҳо хусусияти инфиродӣ дошта, ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки сатҳи пешрафт, масъулият, муошират ва муносибати кӯдакро дар раванди таълим воқеъбинона мушоҳида ва сабт кунад. Ҳангоми баҳогузорӣ омӯзгор ба рафтор, ангеза, масъулиятпазирӣ ва тарзи иҷрои вазифаҳои таълимӣ такя менамояд.

**Ҷадвали №4.**

**Худтанзимкунӣ ва идоракунии рафтор**

| Хислат | Нишондиҳандаи хислатӣ |
|---|---|
| **Мустақилият дар амал** | Хонанда мекӯшад супоришро аввал мустақилона иҷро кунад, роҳҳои ҳалли худро ҷустуҷӯ менамояд ва танҳо дар ҳолати зарурат аз дигарон кумак мепурсад. |
| **Интизориҳои баланд аз худ** | Дар иҷрои ҳар вазифа меъёрҳои баланд мегузорад, ба сифати натиҷа аҳаммият медиҳад ва ҳатто берун аз баҳогузорӣ низ супоришро бо масъулият анҷом медиҳад. |

| Хислат | Нишондиҳандаи хислатӣ |
|---|---|
| **Таваккал дар омӯзиш** | Омода аст таҷриба кунад, роҳҳои навро санҷад ва иштибоҳро ҳамчун қисмати рушди шахсӣ қабул намояд - бо назардошти он, ки хатар барои ӯ вуҷуд надошта бошад. |
| **Тобоварӣ ва устуворӣ** | Ҳангоми душворӣ ё нокомӣ ақиб намегардад, фаъолиятро то анҷом расондан идома медиҳад ва қобилияти барқароршавиро нишон медиҳад. |
| **Виҷдон ва арзишмандӣ** | Дар рафтор ростқавл аст, бо меҳрубонӣ бархӯрд мекунад, адолатро риоя менамояд, ба гуфтаи худ содиқ мемонад, масъулиятро эҳсос мекунад, рафтори шаффоф дорад ва фарҳанги дигаронро эҳтиром мегузорад. |

**Ҷадвали №5.**

**Муносибат бо дигарон**

| Хислат | Тавсиф |
|---|---|
| **Аҳаммият ба дигарон** | Бо ҳамсолон боэҳтиром ва ором рафтор мекунад, ба сухани дигарон бодиққат гӯш медиҳад, сухани онҳоро қатъ намекунад ва фазои муоширати солимро нигоҳ медорад. |
| **Таҳаммулпазирӣ** | Иқдоми ақидаҳои гуногунро мепазирад, ба фикрҳои дигарон эҳтиром мегузорад ва фарқияти назарияҳоро ҳамчун монеъа не, балки ҳамчун имкони омӯзиш қабул мекунад. |
| **Қобилияти ҳамкорӣ** | Дар кори гурӯҳӣ фаъолона иштирок менамояд, ба аъзоёни гурӯҳ эҳтиром мегузорад, ҳиссаи худр дар иҷрои вазифаҳо эҳсос мекунад ва барои анҷоми вазифаҳои муштарак муносибати дуруст ва кумаки ҳамсолонро ба назар мегирад. |

**Ҷадвали №6.**

**Иштирок ва саҳмгузорӣ дар фаъолият**

| Хислат | Тавзеҳ |
|---|---|
| **Эътимод ба қувваи худ** | Дар муҳокимаҳо фикрашро равшан баён мекунад, ҳангоми иҷрои супоришҳо бештар ба қобилиятҳои худ такя мекунад ва кумакро танҳо дар ҳолати зарурӣ дархост мекунад. |
| **Масъулият пазирӣ** | Ҳангоми супориши кор онро бо масъулият қабул намуда, омода аст барои натиҷа посух гӯяд ва иҷрои вазифаро ба таъхир намегузорад. |
| **Фаъолият ва ташаббус** | Дар раванди дарсӣ фаъол аст, интизор намешавад, ки танҳо дигарон оғоз кунанд; пешниҳодҳо мекунад ва барои пешбурди фаъолият саҳм мегузорад. |

**Ҷадвали №7.**

**Андешаронӣ ва фаъолияти зеҳнӣ**

| Хислат | Тавсиф |
|---|---|
| **Фикрронии сатҳи боло** | Барои ҳалли масъалаҳо усулҳои таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ ва стратегияҳои фикрронӣ истифода мебарад. |
| **Эҷодкорӣ** | Идеяҳои тоза пешниҳод мекунад, роҳҳои ғайриоддӣ пайдо менамояд ва дар иҷрои вазифаҳо равишҳои навро меҷӯяд. |

Тавассути омӯзиши АББ дар дарсҳои ЗТ хонанда на танҳо хондан, навиштан, калимасозӣ ва ҷумласозиро меомӯзад, балки тадриҷан малакаи фикрронӣ, суханпардозӣ ва баёни мустақили андешаро низ рушд медиҳад. Машқҳои имло, луғатҳо, сохтани калима аз реша, таркиби ҷумлаҳои сода ва мураккаб, бозгӯй намудани матн, нақл, саволу ҷавоб ва муколама дар ҷараёни дарс ба кӯдак имконият фароҳам меорад, ки калимаҳоро дуруст истифода барад, аз матн ибораҳои калидиро ҷудо намояд, аз рӯйи онҳо ҷумла бисозад ва дар шакли мустақил порчаи хурд нависад.

Истифодаи матни бадеӣ дар якҷоягӣ бо фаъолиятҳои амалӣ -монанди хондани ифоданок, нақшбозӣ, хулосабарорӣ ва навиштани порчаҳои хурд ё иншо - шароитеро ба вуҷуд меорад, ки дониш аз сатҳи калима ба сатҳи маънӣ гузарад. Дар ин раванд хонанда на танҳо мазмуни матнро дарк мекунад, балки онро бо суханони худ бозгӯй намуда, хулоса мебарорад ва баён мекунад, ки кадом рафтор хуб ва кадом нодуруст аст.

Дар натиҷа, раванди таълими ЗТ ба рушди нутқ, тафаккур ва саводнокии кӯдак мусоидат намуда, ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ низ замина мегузорад, зеро тавассути образҳои адабӣ хонанда бо идеалҳои инсондӯстӣ, эҳтироми калонсолон, ростқавлӣ, меҳрубонӣ, ватанпарварӣ ва масъулиятшиносӣ ошно мегардад ва онҳоро тадриҷан ба рафтори ҳаррӯзаи худ ворид мекунад.

Бояд қайд кард, ки адабиёти бачагон дар синфҳои ибтидоӣ на танҳо воситаи забономӯзӣ, балки омили тарбиявии муассир гардида, дар ташаккули шахсияти фарҳангӣ ва инсонгароии хонанда нақши калидӣ мебозад.

## 2.2. Адабиёти бачагона ҳамчун воситаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагон дар таълими забони тоҷикӣ

Дар замони муосир масъалаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ дар ташаккули ақлу хиради насли наврас яке аз вазифаҳои муҳим раванди таълиму тарбия ба ҳисоб меравад. Адабиёти бадеии бачагона ҳамчун воситаи пуртаъсири тарбия имкониятҳои фарох барои рушди сифатҳои инсонӣ, аз қабили инсондӯстӣ, ростқавлӣ, адолатпарварӣ, меҳнатдӯстӣ ва эҳтиром ба дигарон дорад.

Бо дарназардошти дигаргуниҳои босуръати иҷтимоӣ ва болоравии талаботи ҷомеаи муосир, низоми таълиму тарбия бояд пайваста такмил ёбад ва усулҳои омӯзиш ба тавре ташкил карда шаванд, ки дар баробари донишҳои зеҳнӣ, тарбия ва ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ низ таъмин гардад.

Марҳилаи кӯдакӣ яке аз давраҳои муҳим ва мусоид барои ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии шахсият ба ҳисоб меравад, зеро дар ин синну сол пояҳои шахсият гузошта шуда, сифатҳои ахлоқии кӯдак тадриҷан ба шакли фаъол рушд мекунанд. Ин раванд таваҷҷуҳи пайвастаи омӯзгорон ва волидонро тақозо мекунад. Зарурати омӯзиши ин масъалаҳо аз вазъи нави ахлоқӣ ва равонии ҷомеа, махсусан аз хислати мураккаб ва баъзан мушкили муносибатҳо дар байни кӯдакон, наврасон ва аъзои оила сарчашма мегирад. Имрӯз ба рушди арзишҳои умумиинсонӣ таваҷҷуҳи хосса дода мешавад, зеро маҳз ин арзишҳо пойгоҳи асосии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстӣ ба шумор мераванд. Танҳо дар чунин раванд муҳити мактаб метавонад шароити мусоид барои парвариши эҳтиром, ҳамдардӣ, масъулиятшиносӣ ва нигоҳи инсондӯстона ба ҷаҳон фароҳам оварад. Ин гуна муносибати ягонаи педагогӣ имконият медиҳад, ки ХСИ тадриҷан ба шахсиятҳои дорои фарҳанги муоширати солим, рафтори нек, худогоҳӣ ва муносибати инсонпарварона ба дигарон табдил ёбанд.

Дар заминаи ҳамгироии омӯзиши ЗТ бо АББ (адабиёти бадеии бачагона) амалӣ намудани чунин фаъолиятҳо рафтори инсондӯстонаи кӯдак ғанӣ гардида, сифатҳои ахлоқӣ ва инсондӯстӣ дар ӯ таҳким меёбанд ва дар маҷмуъ, заминаи

устувор барои ташаккули босифати арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ фароҳам оварда мешавад.

Таҳқиқ ва баррасии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии кӯдак аз зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бевосита ба тавзеҳ ва таҳлили мафҳумҳои «арзиш», «ахлоқ», «инсондустӣ», «муносибатҳои инсондӯстона» ва «тарбияи ахлоқӣ-башардӯстӣ» вобаста аст, ки дар раванди омӯзиш нақши асосӣ мебозанд.

Ин мафҳуми мазкур «муносибатҳои башардӯстона» шакли муносибатҳои байнишахсӣ ва байнигурӯҳӣ мебошанд, ки дар асоси принсипҳои инсондӯстӣ ташаккул меёбанд ва маҷмуи ҳамгироии субъект бо ҷаҳони ҳастӣ, бо дигар одамон ва худи шахсиятро фаро мегиранд.

Ба андешаи бисёре аз муҳаққиқони мутааллиқи башардӯстии таълим (Б.С. Братусь, В.А. Ситаров, А.В. Зосимовский ва дигарон), моҳияти фарҳанги маънавии шахс дар тамоюли башардӯстона нуҳуфтааст. Ин тамоюл мавқеи ахлоқии инсон мебошад, ки танҳо ба мавҷуде, ки дорои шуур буда, ҳамчун шахсият амал мекунад, хос аст.

Муҳаққиқон робитаи зичи омилҳои барангезанда ва ҳолатҳои эҳсосии шахсияти кӯдакро таъкид намуда, қайд мекунанд, ки эҳсосот муҳаррики асосист, ки ангезаҳои дохилиро ба фаъолият табдил медиҳад ва рафтори воқеии кӯдакро амалӣ месозад.

Онҳо зарур медонистанд, ки дар синф фазои рафоқат, ҳамкории самимӣ ва дастгирии мутақобил ташаккул дода шавад, зеро маҳз чунин муҳит ба рушди эҳсосоти нек, муносибатҳои солими байнишахсӣ ва тарбияи инсоният мусоидат мекунад.

Таҳқиқоти муҳаққиқон исбот карданд, ки фаъолияти якҷоя, муоширати доимӣ ва таҷрибаи ҳамкорӣ муносибатҳои эҳсосӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии хонандагонро шакл дода, ба ташаккули шахсияти дорои арзишҳои инсонӣ - масъулият, эҳтиром, дӯстӣ ва ҳамдардӣ замина мегузорад.

Педагог И.Ф. Харламов бар он андеша аст, «муҳити баландсифати ахлоқӣ дар муассисаи таълимӣ яке аз омилҳои калидии ташаккули ахлоқи солим ва арзишҳои инсонӣ дар хонандагон маҳсуб мешавад». Ӯ қайд мекунад, ки

«методикаи илмии асосёфтаи тарбия бояд на танҳо дониш диҳад, балки ба тамоми қувваҳои руҳӣ, маънавӣ ва ҳиссии хонанда таъсир расонад; ниёзҳои ботинии ӯро қонеъ намуда, барои бедор сохтани ангезаи солими рафтор ва ташаккули шуури ахлоқӣ шароит фароҳам оварад ва танҳо дар чунин раванд рафтори арзишманд, муносибати инсондӯстона ва масъулиятшиносӣ дар шуури кӯдак устувор мегардад» [161,с. 65].

Муҳити мазкур бояд бар пояи принсипҳои инсондӯстона ва фарҳанги ҳамдигарфаҳмӣ ташкил ёфта, ба ташаккули муносибатҳои эҳтиромомез, инкишофи одоби муошират, ҳисси масъулият, меҳрубонӣ ва дигар арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ такон бахшад.

Арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар натиҷаи якҷояшавии унсурҳои гуногуни ахлоқи нек, дониш ва малакаҳои иҷтимоӣ, фарҳанги муошират, одобу рафтор, сифатҳои миллӣ-қавмӣ ва мероси таърихиву фарҳангии ҷомеа ташаккул меёбанд. Онҳо на танҳо маҷмуи қоидаҳои рафторӣ мебошанд, балки таҷассумгари таҷрибаи иҷтимоӣ, ҷаҳонбинии инсон ва эҳсоси масъулияти ӯ дар муносибат бо атрофиён ба ҳисоб меравconfigure.

Бо ташаккули пурраи ин арзишҳо аз овони кӯдакӣ, шахс ба як фардияти баркамол табдил меёбад ва дар рафтораш намунаи ахлоқи нек нишон медиҳад, дар фаъолияти маърифатӣ ва меҳнатӣ худтакмилдиҳиро пайгирӣ мекунад ва дар ҳаёти иҷтимоӣ мавқеи фаъол мегирад.

Бояд қайд кард, ки арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ ҳосили ҳамбастагии сифатҳои инсонӣ - инсонгароӣ, инсондӯстӣ, некбинӣ ва эҳтиром ба дигарон буда, имконият медиҳанд, ки кӯдак ҷаҳонро бо воқеияти инсонпарварона дарк намояд. Ин арзишҳо ӯро водор месозанд, ки идеалҳои башардӯстиро бифаҳмад, ҳодисаҳои иҷтимоиро бо назари арзишмандона баҳогузорӣ кунад ва муносибаташ бо табиат, ҷомеа ва атрофиёнро дар асоси эҳтиром, масъулият ва ҳамдардӣ танзим намояд.

Дар омӯзиш мақом ва масъулияти омӯзгор дар ташаккули шахсияти ХСИ хусусияти муайянкунандаи педагогӣ дорад. Таъсири омӯзгор ба равандҳои

рушд ва иҷтимоишавии кӯдак дар ин синну сол ҳамчун яке аз омилҳои асосии инкишофи шахсият шинохта мешавад.

Аз ин рӯ, омӯзгор бояд дар бораи аҳаммияти муносибатҳои нек байни одамон, зарурати ташаккули эҳтиром ба дигарон ва парвариши ҳисси ғамхорӣ огоҳ бошад. Омӯзгор вазифадор аст ба хонандагон талқин намояд, ки инсон арзишмандтарин ва олитарин мавҷуди зиндаи олам аст. Ҳамчунин, ӯ бояд ба шогирдон фаҳмонад, ки чунин хислатҳои манфӣ, чун бепарвоӣ, беэҳтиромӣ, поймол намудани ҳуқуқи дигарон, муфтхӯрӣ ва танбалӣ на танҳо ба муносибатҳои байнишахсии кӯдакон ва омӯзгор таъсири манфӣ мерасонанд, балки боиси коста шудани нуфузи шахс дар миёни ҳамсолон шуда, мақоми иҷтимоии ӯро паст мегардонанд.

Нақш ва мақоми омӯзгор дар тарбия ва камолоти шахсияти ХСИ дорои аҳаммияти хос буда, таъсири он дар ташаккули ҷаҳонбинии ҳанӯз шакл нагирифтаи кӯдак, роҳнамоии рафтору андешаи ӯ ва гузоштани пояҳои аввали хислатҳои инсонии устувор басо бузург арзёбӣ мегардад. Таъсири омӯзгор ба рушди шахсият дар ин синну сол бебаҳост ва ин ҳақиқат аз ҷониби тамоми педагогон ва равоншиносони классикӣ ва муосир тасдиқ гардидааст. Назари равоншиносон бар он аст, ки ХСИ ба тарҳи шахсии «идеали ҳаётӣ» эҳтиёҷманд мебошанд, ки онро бештар дар симои устоди ғамхору меҳрубон дида метавонанд.

Таҳлилҳо нишон дод, ки ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ раванди бисёрҷабҳа буда, ба чор унсури асосии сохторӣ такя мекунад:

**1. Унсури маърифатӣ.** Ин унсур ба азхудкунии донишҳои ахлоқӣ, фаҳмиши қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор, инчунин ба усулҳои ба даст овардан ва тавсеаи донишҳо вобаста мебошад. Он асоси маърифатии муносибатҳои башардӯстонаро ташкил медиҳад.

**2. Унсури фаъолиятӣ.** Ин унсур майл ва омодагии шахсро барои амалӣ кардани сифатҳои олӣ, ба монанди некӯкорӣ, ҳамдардӣ, масъулият ва ҳифзи дигар мавҷудоти зинда дар бар мегирад. Яъне арзишҳои ахлоқӣ танҳо дар заминаи рафтор ва амалҳои воқеӣ маъно пайдо мекунанд.

**3. Унсури аксиологӣ (арзишшиносӣ).** Ин унсур инсонро ҳамчун мавҷуди олӣ ва соҳибшаъну шараф эътироф мекунад. Дар баробари ин, он эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, риояи қоидаҳои ҳамзистӣ, эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ ва фарҳанги ҷомеаро дар мадди аввал мегузорад.

**4. Унсури инфиродӣ (шахсӣ).** Ин унсур бар он асос меёбад, ки инсондӯстӣ ва хушахлоқӣ бояд ҳосили интихоби озодонаи шахс бошанд. Интихобе, ки дар заминаи таҷрибаи шахсӣ, ибратгирӣ аз муносибатҳои инсондӯстонаи атрофиён ва фаҳмиши шахсии некиву бадӣ ташаккул меёбад.

Мафҳуми арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ маҷмуи хусусиятҳо, муносибатҳо ва қобилиятҳои шахсиро дар бар мегирад, ки барои рушди комили шахсият ва фаъолияти самараноки ӯ дар ҷомеаи демократӣ аҳаммияти муҳим доранд. Ин арзишҳо руҳияи некӯкорӣ, ахлоқи писандида, эҳтироми инсон ва масъулияти иҷтимоиро инъикос намуда, зербинои рафтори солими иҷтимоиро ташкил медиҳанд. Дар чорчӯби ин мафҳум унсурҳои зайл мавқеъ мегиранд:

**1. Донистан ва эътирофи сифатҳои нек.** Шахс бояд зоти азалии ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, зарурати вуҷуди онҳо дар ҳаёти ҳар як фард ва таъсири мусбати ин сифатҳоро ба муносибат бо дигарон дарк намояд.

**2. Фаҳмидани аҳаммияти иҷтимоии ахлоқи нек.** Арзишҳои инсонӣ танҳо хусусияти шахсӣ надоранд, балки ба ҳамзистӣ, тартиби иҷтимоӣ ва манфиати умумии ҷомеа мусоидат мекунанд. Фард бояд бидонад, ки рафтори нек ба беҳбудии худ ва муҳити иҷтимоӣ таъсири мустақим дорад.

**3. Шинохти сифатҳои манфӣ.** Шахс бояд мафҳумҳо ва зуҳуроти рафторҳои носолимро, аз қабили худпарастӣ, бераҳмӣ, беинсофӣ ва таҷовуз дарк намуда, хатар ва зарари онҳоро барои худ ва ҷомеа бифаҳмад.

**4. Огоҳӣ аз ҳуқуқҳо ва қобилияти амалисозии онҳо.** Арзишҳои башардӯстӣ инҳоро дар бар мегиранд: донистани ҳуқуқу озодиҳои шахс, малакаи истифодаи онҳо дар чорчӯбаи қонун ва эҳтироми ҳуқуқи дигарон.

**5. Масъулияти шахсӣ ва иҷтимоӣ.** Шахс бояд дарк кунад, ки ҳар амал ва интихоби ӯ дар назди ҷомеа, давлат ва қонун масъулияти мушаххас дорад. Рафтор бояд бо меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мутобиқ бошад.

6. **Муносибати танқидӣ ва фаъоли шаҳрвандӣ.** Ин арзишҳо қобилияти баҳогузорӣ ба воқеияти иҷтимоӣ, тарқиби баробарҳуқуқии шаҳрвандон, пуштибонии соҳибихтиёрии халқ ва интихобҳои озодонаи ахлоқиро дар бар мегиранд.

7. **Қобилияти муколама ва ҳамкорӣ.** Шахс бояд тавонад бо дигар шаҳрвандон, гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ муколамаи созанда ба роҳ монад, баҳсҳоро бо эҳтиром ва маданият ҳал намояд.

8. **Огоҳии шаҳрвандӣ ва ҳувияти миллӣ.** Арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ фаҳмиши мансубият ба кишвар, ҷомеа ва давлатро тақвият медиҳанд. Ин ҳам огоҳӣ аз муҳити ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва забонии кишвар ва ҳам эҳтирому ифтихор аз онҳост.

Рафтори арзишмандонаи ахлоқӣ, ки аз синни кӯдакӣ ташаккули худро меёбад, тадриҷан ба одатҳои устувори рафторӣ мубаддал мешавад.

Адабиёти бадеии бачагона, пеш аз ҳама, дорои аҳаммияти баланди тарбиявӣ буда, тавассути каломи бадеӣ, образҳои равшан ва қиссаҳои дорои ғояи ахлоқӣ, дар зеҳни кӯдак арзишҳои инсониро, аз ҷумла, накӯкорӣ, меҳрубонӣ, ростқавлӣ, адолат ва эҳтиром тадриҷан ташаккул ва тақвият мебахшад.

Адабиёти бадеии бачагона на танҳо воситаи фароғат, балки омили пурқудрати тарбия мебошад. Тарбия бошад, омили тақдирсозест, ки самти рушди шахсиятро муайян мекунад. Аз ин рӯ, адабиёт бадеии бачагона ҳамчун «китоби зиндагӣ» амал мекунад, он роҳи дурустро нишон медиҳад, ҷаҳонбинӣ месозад ва ба кӯдак имкон медиҳад, ки моҳияти зиндагиро амиқтар дарк намояд.

Дар чанд соли охир адабиёти бадеии бачагона, ҳам дар соҳаи назм ва ҳам дар наср, марҳилаи пурмаҳсул ва рушдёбандаро паси сар намудааст. Дар ин давра хонандагон бо силсилаи асарҳои арзишманду тарбиявӣ шинос гардиданд, аз ҷумла, китобҳои М. Миршакар – «Онҳоро дӯст медорам» ва «Аз ҳама ширин», асари А. Шукӯҳӣ – «Об аз куҷо меояд?», китоби Г. Сулаймонӣ - «Шаддаи марҷон», повести сегонаи А. Баҳорӣ - «Аҷоиботи Нодар» ва достони

«Саргузашти Усмон». Ҳамчунин асарҳои Ғаффор Мирзо - «Гулҳои дастабаста» ва «Насиҳатҳои Бобосалом», навиштаҳои А. Шарифӣ - «Ҳадя», Б. Ортиқов - «Бачаҳои лолазор» ва «Ҳандалак», асари А. Атобоев - «Шиносоӣ», китоби Н. Розиқ - «Лона», асари Алӣ Бобоҷон - «Некӣ ба некӣ», навиштаҳои Н. Баҳозода - «Оши ҳалол», китоби М. Ҳайдаршо - «Дарё омад», инчунин маҷмуаи ашъори шоирон Бобо Ҳоҷӣ, Гулрухсор, Мавҷуда Ҳакимова ва маҷмуи ҳикояву повестҳои Бахром Фирӯз ба табъ расида, ба дасти хонандагон расиданд. Ин осор, ки дорои арзишҳои ахлоқӣ ва башардӯстонаи баланд мебошанд, дар рушди зеҳнӣ ва маънавии хонандагони хурдсол саҳми назаррас гузоштаанд.

Асарҳои зиёди адибон ганҷинаи адабиёти бадеии бачагонаро ғанӣ гардонданд, аз ҷумла, як қатор асарҳои муаллифони маъруфи тоҷик ва рус, аз қабили М.Миршакар, Б.Раҳимзода, А.Деҳоти Г.Сулаймонова С. Маршак, К. Чуковский, А. Барто, С. Михалков, Н. Носов ба забони содаю рангин эҷод гардида, ба хонандагони синни хурди мактабӣ ва наврас пешниҳод шудаанд.

Илова бар ин, дар солҳои охир ба саҳнаи адабиёти бадеии бачагона насли нави нависандагони боистеъдод ворид гардид. Муҳаммад Ғоиб, Ҷӯра Ҳошимӣ, Латофат Кенҷаева, Маҳбуба Неъматова, Ҳабибулло Имомиддинов, Н. Баҳозода, Азизи Азиз ва дигарон бо фаъолияти эҷодии худ ба ғанигардонии ин самти адабиёт саҳми назаррас гузоштанд. Беҳтарин намунаҳои асарҳои онҳо дар маҷмуаи дастаҷамъии «Гулдаста» гирд оварда шудаанд, ки ба густариши арзишҳои ахлоқӣ - башардӯстӣ ва эстетикии адабиёти бадеии бачагона мусоидат менамояд.

Мавзуъҳои асосии адабиёти бадеии бачагона, услуби эҷодии нависандагон ва тарзи ба миён гузоштани масъалаҳо дар солҳои охир рангоранг ва ғанитар гардиданд. Муаллифони адабиёти тоҷик масъалаҳои муҳимми зиндагии миллатро ба маркази диққати худ табдил дода, тавассути образҳои равшан ва ҳикояҳои таъсирбахш хонандаро ба арзишҳои инсонӣ, ахлоқӣ ва ватанпарастӣ раҳнамоӣ мекунанд. Мавзуъҳои бахшидашудаи адабиёти бадеии бачагона гуногунмазмун буда, хонандаи имрӯзаро ба масъалаҳои инсондӯстӣ, ахлоқӣ, раҳму шафқат, ғамхорӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ҳидоят менамояд. Махсусан,

мавзуи ватандӯстӣ дар адабиёти тоҷик решаҳои таърихии устувор дорад. Ин андеша дар романҳои устод Садриддин Айнӣ - «Ятим», дар достони Абулқосим Лоҳутӣ - «Ватани шодӣ», ҳамчунин дар ашъори ватандӯстонаи Ҳ. Юсуфӣ ва М. Турсунзода равшан инъикос меёбад ва яке аз самтҳои муҳимми тарбиявиро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, барои хонандагони синни хурдсол эҳсоси муҳаббат ба ватан бештар аз шеъри маъруфи М. Миршакар - «Ман калон мешавам» оғоз меёбад ва аз ҳамин матн дар зеҳни онҳо тухми ватандӯстӣ сабзиш меёбад.

Кӯдаконе, ки ин шеърро солҳои гузашта шунидаанд, имрӯз ба синни калонсолӣ расида, худ бобо ё бибӣ шуданд, аммо наслҳои нав наберагон ва аберагони онҳо низ ин сатрҳоро пеш аз оғози таҳсил дар мактаб ёд мегиранд ва лабрез аз эҳсоси меҳру муҳаббат ба Ватан мешаванд. Мавзуи ватандӯстӣ меҳвари асосии офаридаҳои М. Миршакар ба шумор рафта, ин эҳсоси баланд дар шеъри «Мо аз Помир омадем» ва «Чистонҳои Бобосалом» бо шевоии махсус низ инъикос ёфтааст.

Ҳарчанд аз офарида шудани «Чистонҳои Бобосалом» солҳо гузаштааст, ин асар то имрӯз таровати тарбиявии худро гум накардааст. Ҳангоме ки саволҳое мисли «аз ҳама ширинтар чист?», «аз ҳама тезравтар чист? « ё » аз ҳама фарбеҳтар чист? » ба забон меоянд, дар зеҳни хонанда ҷавобҳо худ ба худ шакл мегиранд: ширинтарин - нону намаки ҳалол ва меҳмоннавозии мардумони тоҷик, тезтарин - қадамҳои устувор ва қавииродагии халқи тавонои мо ва фарбеҳтарин - замини ҳосилхез ва пурбаракати Ватани маҳбубамон Тоҷикистон мебошад. Хонанда, бо мутолиаи чунин осор, на танҳо аз рӯйдодҳои Ватан огоҳ мешавад, балки дар ниҳоди худ эҳсоси масъулиятро нисбат ба сарнавишти ҷомеа ва шаҳриравадии худ ташаккул медиҳад. Кӯдак мефаҳмад, ки ӯ ҷузъи ҷудонашавандаи Ватан аст ва ҳар амалаш ба ободиву пешрафти он таъсир мегузорад.

Ифодаҳои меҳнат, заҳматкашии мардум ва қадршиносии кори ҳалол бо самимият дар шеърҳои эҷодкардаи адибони адабиёти бачагон инъикос ёфтааст.

Шоир М.Миршакар бо забони содда, аммо пурмазмун арзишҳои меҳнатдустӣ ва эҳтироми заҳмати дигаронро ба хонанда мерасонад:

«Меҳнат кун, эй бачаҷон,
Меҳнат - калиди ҷаҳон.
Касе, ки заҳмат кашад,
Комёб шавад бегумон...» [105, с 55].

Ин сатрҳо дар зеҳни хонанда андешаи муҳимро шакл медиҳанд: ҳар луқмаи нон, ҳар қатраи об ва ҳар як амали хурди инсони меҳнаткаш арзиши бузурге дорад, ки бояд онҳоро эҳтиром кард ва қадр намуд.

Асарҳое, ки барои кӯдакон офарида мешаванд, дар аксар маврид ба масъалаҳои меҳнат, манзараҳои зебои табиат, муҳити деҳот, покиву тозагӣ, ахлоқи нек ва дигар мавзуъҳои дорои моҳияти тарбиявӣ бахшида шудаанд. Яке аз адибони барҷастае, ки дар ин самт саҳми назаррас гузоштааст, Нӯъмон Розиқ мебошад. Эҷодиёти ӯ бештар ба мавзуъҳои меҳнат ва меҳнатдӯстӣ равона шуда, дар ташаккули асосҳои тарбияи меҳнатии хонандагони хурдсол нақши муҳим мегузорад.

Адабиёти бадеии бачагона, ҳамчун бахши муҳимми фарҳанги адабии тоҷик ва ҷаҳонӣ, дар худ маҷмуи арзишҳои маънавӣ, зеҳнӣ, эҳсосӣ ва ахлоқиро таҷассум менамояд. Ҳамин хусусиятҳо боис мегарданд, ки он дар ташаккули сифатҳо ва арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нақши муассир ва назаррас бозад.

Истифодаи самараноки адабиёти бадеии бачагона ҳамчун манбаи муҳимми мазмуни таълими ибтидоӣ ба баланд шудани сифати таълим, рушди фарҳангӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ дар миёни хонандагон мусоидат менамояд. Ин раванд ба низоми муосири маориф шароит фароҳам меорад, то ба ҳадафҳои стратегие, ки ҷомеа пешбинӣ кардааст, бо суръат ва натиҷаҳои муассиртар ноил гардад.

Муайян гардид, ки ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар се марҳилаи зерин сурат мегирад:

1) Зинаи баланд (эҷодкорӣ) - маҷмуи арзишҳо ва маҳоратҳое ташаккул меёбанд, ки ба хонанда имкони мустақилона ҷустуҷӯи сифатҳои инсонии олӣ аз адабиёти бадеӣ, дарёфти идеалҳои башардӯстӣ ва татбиқи онҳо дар рафторро фароҳам меорад. Дар ин марҳила хонанда қобилияти эҷодкорона дар баробари дарки маънавӣ–ахлоқӣ ба даст меорад.

2) Зинаи миёна (сермаҳсулӣ) - шавқи устувор нисбат ба рафтори башардӯстона ташаккул меёбад, хонанда дар фаъолият ташаббус нишон медиҳад, арзиши рафтори некро аз бад фарқ карда метавонад ва муносибати арзёбӣ ба амалҳои худ ва дигарон пайдо мекунад.

3) Зинаи паст (мутобиқшавӣ) - дар ин марҳила шавқи ноустувор ба амалҳои башардӯстона ба вуҷуд меояд, хонанда моҳияти рафтори некро пурра дарк намекунад ва арзишҳои ахлоқиро бештар дар сатҳи такрорпазирӣ қабул мекунад.

Имкониятҳои адабиёти бадеии бачагона дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстии хонандагони хурдсол дар вазифаҳои зерин таҷассум меёбанд:

а) Вазифаи маърифатӣ - хонанда тавассути мутолиаи матнҳои бадеӣ донишҳои иловагӣ ба даст меорад ва ҷаҳонбинии ӯ густариш меёбад.

б) Вазифаи тарбиявӣ - таҷрибаи иҷтимоӣ ташаккул ёфта, фаҳмиши рафтори қобили қабул ва муносибатҳои инсонӣ бой мегардад.

в) Вазифаи эҷодкорӣ - хонанда имконияти истифодаи қобилиятҳои инфиродии худ, аз ҷумла, қобилияти ҳамдардӣ, таҳлил ва ташаккули рафтори башардӯстонаи шахсиро ба даст меорад.

г) Вазифаи ҷубронӣ - адабиёти бадеии бачагона имкон медиҳад, ки баъзе арзишҳои ахлоқии норасо дар муҳити синф ҷуброн ва пурра гарданд, зеро дар ҷараёни дарси оддӣ онҳо суст ташаккул меёбанд.

ғ) Вазифаи ҳамгироӣ - фаъолияти таълимию тарбиявии синфӣ ба як фазои ягона ҳамгиро мешаванд ва раванди тарбияро мустаҳкам месозанд.

д) Вазифаи амалия - арзишҳои бадастомада дар ҳаёти воқеӣ, муносибатҳои ҳаррӯза ва муҳити иҷтимоӣ-табиӣ татбиқ мегарданд.

Истифодаи адабиёти бадеии бачагона дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ–башардӯстии хонандагони хурдсол нақши калидӣ мебозад. Ин раванд ба рушди маънавӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ ва инсондӯстии шахсият мусоидат карда, заминаи муҳимеро барои ташаккули ҷомеаи солим фароҳам меорад.

Риоя ва амалӣ намудани принсипҳои башардӯстӣ дар раванди таълим дорои аҳаммияти стратегӣ буда, барои рушди устувори иҷтимоӣ ва некӯаҳволии ҷомеа, хосса барои хонандагони хурдсол, нақши калидӣ мебозад.

Истифода аз адабиёти бадеии бачагона дар ташаккули шахсияти хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ баҳри рушди қобилиятҳои онҳо шароити мусоиди таълимӣ муҳайё намудан лозим аст. Ин тавсияҳо метавонанд, дар таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ, дарсҳо ва фаъолиятҳое, ки ба рушди ахлоқ, таҳаммулпазирӣ, тафаккури танқидӣ, эстетика ва дигар арзишҳои башардӯстӣ нигаронида шудаанд, татбиқ ёбанд.

Дар адабиёти бадеии бачагона мавзуъҳои тарбиявӣ хонандагонро ҳидоят мекунанд, ки онҳо ба мактаб рафта аз илму дониш баҳравар шаванд. Инро мо аз шеърҳои дар китоби «Алифбо” воридкардаи А. Шакурӣ, ки ашъори пеш аз инқилобии барои бачагон бахшидашудааш, ки Раҳим Ҳошим дар мақолаи «Навҷӯ ва нововар” нишон додааст:

«Вақто ки равӣ ту сӯи мактаб,
Дар роҳ мазан ту ба касе гап.
Дар роҳ бишав ту ҳамеша ҳушёр,
Аз аспу ароба шава хабардор.
Ҳар сӯ манигар, ки аз адаб нест,
Афтода шавӣ ба раҳ аҷаб нест.
Хандида маврав ба роҳу бозор,
Дар назди ҳама адаб нигаҳ дор...» [131, с 8].

Ин гуна шеърҳо хонандагонро албатта, ба доштани сифатҳои ахлоқӣ, тарбияи инсонпарварӣ, илмдӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, суботкорӣ, қавиинродагӣ, масъулиятшиносӣ, ҳақгӯӣ ва ғайра ҳидоят мекунанд, ки тавассути адабиёти

бадеии бачагон дар омӯзиши китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ омӯзонида мешаванд.

Дар раванди ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ симои шахсии муаллим ҷаҳонбинии ахлоқӣ, принсипҳои арзишӣ, тарзи муносибат бо хонанда, фарҳанги гуфтору рафтор, одоби муоширaт ва сатҳи масъулиятшиносии ӯ унсури марказии таъсиррасонии педагогӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд намунаи зиндаи инсондӯстӣ, некхоҳӣ, ҳассосият нисбат ба эҳтиёҷи кӯдак, руҳияи ҳамкорӣ, адолат ва эҳтиром ба шахсияти хонанда бошад.

Маҳз ҳамин неруи ботинию маънавии омӯзгор қодир аст, ки дар зеҳну қалби кӯдак ангезаи муносибати инсонпарварона, ҳисси ҳамдардӣ ва муҳаббат ба атрофиёнро бедор кунад ва шароити мусоид барои ташаккули шахсияти арзишманд фароҳам оварад. Ин таъсир, ки аз дониши касбӣ ва пеш аз ҳама, аз чеҳраи ахлоқии омӯзгор сарчашма мегирад, ба яке аз қавитарин механизмҳои тарбиявӣ табдил меёбад, зеро танҳо шахсияте, ки худ дорои фазилатҳои башардӯстона аст, метавонад дар қалби кӯдак эҳтиром ба инсон, меҳрубонӣ ва ахлоқи солимро парвариш намояд.

Омӯзгор дар раванди  омӯзиши ЗТ ба иҷрои фаъолият оқилона роҳнамоӣ кунад, бо шогирдон бо эҳтиром, гармӣ ва инсондӯстӣ муоширaт намоянд, муҳити хайрхоҳона ва дастгириро дар синф ба вуҷуд орад ва ба муносибатҳои мусбати ҳамсинфон ҳидоят кунад.

Маҳз муҳаббат ба кӯдакон неруи асосии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар муҳити таълимӣ ба ҳисоб меравад, зеро он имконият медиҳад, ки ба шахсияти кӯдак таъсири мусбат ва устувор расонида шавад ва дар ӯ эҳтиром, дӯстию ҳамдардӣ, некӣ ва масъулиятшиносӣ тадриҷан шакл гирад.

Маводи адабиёти бадеии бачагона барои хонандагони хурдсол тавсияшаванда низ бояд ба ин раванд мусоидат намояд. Матнҳо аз ҷиҳати ҳаҷм сода ва фаҳмо бошанд, аммо ҳамзамон дорои ҷанбаҳои фалсафӣ, педагогӣ, равоншиносӣ ва таърихӣ буда, тавонанд ниёзҳои ботинии рушди шахсияти кӯдакро қонеъ гардонанд.

Ҳадаф он аст, ки адабиёт ва сухани омӯзгор дар якҷоягӣ муҳити хонданибоб, некиомӯз ва арзишофарро барои шаклгирии инсонпарварӣ, эҳтиром, меҳрубонӣ ва рафтори масъулонаи хонандагон фароҳам оранд.

И.С.Меренков бо назардошти мушкилоти марбут ба ташаккули шахсияти хонандагони хурдсол таъкид мекунад, ки «мундариҷаи маводи таълимӣ ва асарҳои бадеӣ дар равшан сохтани мафҳумҳои арзишӣ, аз ҷумла, ахлоқ, инсондӯстӣ, инсонпарварӣ, табиатдӯстӣ ва ватандӯстӣ нақши муайянкунанда доранд» [99, с.26].

Маводи адабӣ ба кӯдак имконият медиҳад, ки арзишҳоро на танҳо аз роҳи шунидан, балки тавассути таҷрибаи эҳсосии дарунӣ дарк намояд, дар худ намунаи рафтори шоиста, муҳаббат ба инсон ва эҳтироми муҳити атрофро ташаккул диҳад. Ӯ бар он назар аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоии таҳсилоти муосир истифодаи манбаъҳои иловагӣ, ташкили кори мустақилона ва хониши бадеӣ на танҳо муносиб, балки зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Дар заминаи китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ омӯзиши адабиёти бадеии бачагон имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои тарбиявӣ, мазмунӣ ва эҳсосии матнҳо муайян гардида, амалан дар ҷараёни дарс барои инкишофи инсондӯстӣ, меҳрубонӣ, ҳамдардӣ ва ҳассосияти иҷтимоӣ дар зеҳни кӯдакон истифода шаванд. Ин ҷанбаҳо, аз ҷумла, ба бедор кардани ҳисси хайрхоҳӣ, ҳамдардӣ, эҳтиром, инсонпарварӣ ва масъулияти иҷтимоии кӯдакон мусоидат мекунанд.

Педагоги маъруфи рус А.С.Макаренко дар бораи забон, усул ва тарзи эҷоди асарҳои бачагона ишора кардааст: «Гап дар сари он нест, ки асари бадеӣ барои кӣ навишта шудааст, гап дар сари он аст, ки чӣ гуна навишта шудааст» [102, с.26].

Хонандагони хурдсолро дар омӯзиши асарҳои бадеӣ ва образи қаҳрамонони асарҳои бадеӣ бо мушкилотҳои зиндагӣ рӯбарӯ шуда, онҳоро бо воқеиятҳои ҳаёти худ пайванд намоянд. Ин раванд имконият медиҳад, ки хонандагон дар худ сифатҳои хайрхоҳӣ, ростқавлӣ, поксириштӣ ва адолатро ташаккул диҳанд.

Тадбиқи адабиёти бадеии бачагона ва нақши он дар ҳаёти бачагон аҳаммияти тарбиявӣ дорад, ки бештари мавзуъҳои он ба масъалаҳои тарбияи ахлоқ ва тарбияи инсони комил нигаронида шудааст. Ба андешаи В.Г. Белинский ва дигарон «Китоби бачагона барои тарбия навишта мешавад, тарбия бошад кори бузургест, он тақдири инсонро ҳал мекунад» [37 ,с.88].

Бо такя ба манфиатҳо ва эҳтиёҷоти ботинии хонандагон, омӯзгор бояд дараҷаи ҳассосияти равонии онҳо нисбат ба сарнавишти қаҳрамононро муайян намояд. Бо дарназардошти ин эҳсосот, дар ҷараёни кор шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимиро ташкил додан лозим аст: саҳначаҳо, баҳсҳо, суҳбатҳо, дарсҳои проблемавӣ-лоиҳавӣ ва бозиҳои таълимӣ. Ин шаклҳо мазмуни асарҳоро барои хонандагон зинда, даркшаванда ва таъсирбахш гардонда, ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ мусоидат мекунанд.

Дар синфҳои ибтидоӣ, дарсҳои ЗТ, ки дар онҳо матнҳо бештар истифода мегарданд, барои тарбияи арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони хурдсол нақши хеле муҳим доранд. Аксари мавзуъҳои ин фанҳо дорои мазмуни баланд барои таъсир ба ҷаҳонбинии ахлоқии кӯдакон мебошанд. Ин имкон медиҳад, ки омӯзгор дар ҷараёни дарс масъалаҳои марбут ба фаҳмиши моҳият ва мазмуни матнҳоро фаъолона ба миён гузорад ва мафҳумҳои калидии ахлоқӣ-гуманистӣ «шахсият», «нек», «бад», «арзиш», «ҷамъият», «табиат», «зебоӣ», «ҳаёт», «дӯстӣ», «рафоқат», «хурсандӣ», «ҳамдардӣ» ва дигар сифатҳои инсониро ба хонандагон шарҳ диҳад.

Таҳлили меъёрҳои асосии инсонпарварӣ, дарки арзишҳои умумибашарӣ, истифодаи таҷрибаи ҳаётӣ ва маънавии калонсолон, ҳамгиро намудани раванд ва ҳодисаҳои объективии иҷтимоӣ бо принсипҳои башардӯстии таълим, ҳамчунин ворид намудани мазмуни башардӯстонаи нав ба маводи таълимӣ ва тақвияти робита бо китобхонаи мактаб аз муҳимтарин шароити педагогие ба шумор мераванд, ки ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ мусоидат мекунанд.

Ҳангоми таҳия ва ташкили дарсҳои синфҳои ибтидоӣ бояд диққати асосӣ ба ин равона карда шавад, ки хонандагон тавонанд тавассути хониши бадеӣ

малакаҳои худшиносӣ, худогоҳӣ, худтанқидкунӣ ва худинкишофи шахсияти башардӯстонаи худро рушд диҳанд. Ин раванд ба кӯдак имконият медиҳад, ки арзишҳои инсонӣ ва муносибатҳои некро на танҳо фаҳмад, балки дар рафтор ва амалияи ҳаррӯзаи худ татбиқ намояд.

Тибқи барномаи таълимии омӯзиши фан ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди омӯзиши забони тоҷикӣ мураттабсозии фикр ва баён, риояи қоидаҳои иншонависӣ, нақли хаттӣ, иҷрои супоришҳои мустақилона ва дигар корҳои амалӣ пешбинӣ гардидааст. Иҷроиши шаклҳои корӣ ба кӯдакон кумак мекунад, ки фикри асосиро муайян намоянд, пайдарпайии ҳодисаҳоро риоя кунанд, забони содаву дақиқро истифода баранд ва муносибати шахсии худро ба мавзуъ дуруст баён созанд. Ҳамзамон, ин навъи навиштан дар кӯдакон дарки дурусти арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ, эҳсоси масъулият, ҳамдардӣ ва муоширати созандаро ташаккул медиҳад.

Ин намунаҳо ҳамчун дастури амалии омӯзгор хидмат карда, ба хонанда имкон медиҳанд, ки ҳангоми навиштани иншо ё нақли хаттӣ аз рӯйи матн, расм ҳодиса ё таҷрибаи шахсӣ мустақилона фикр ронад, мазмунро таҳлил кунад ва ба хулосаҳои шахсӣ бирасад. Дар фаъолияти эҷодӣ дар хонандагони хурди мактабӣ арзишҳои ахлоқӣ, эҳтиром ба калонсолон, ёриву ёварӣ, раҳму шафқат ва ғайраҳо рушд мекунад.

Нақли хаттии намунавиро барои ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони хурдсол пешкаш менамоем.

**Машқи навиштани иншо ҳамчун воситаи рушди фикрронӣ ва нутқи хаттӣ**

Яке аз роҳҳои самараноки инкишофи тафаккури эҷодӣ ва нутқи хаттии хонандагон машқи иншонависӣ дар раванди таълим маҳсуб меёбад. Ҳадафи асосии ин шакли ташкили таълим дар он аст, ки шогирдон на танҳо моҳияти кори хаттиро дарк кунанд, балки нақши муҳими амалии онро дар таҳсил ва зиндагии иҷтимоӣ низ дарк намоянд. Дар ҷараёни дарс омӯзгор ба хонандагон мефаҳмонад, ки чаро навиштани иншо муҳим аст, он дар марҳилаҳои

минбаъдаи таълим чӣ гуна истифода мешавад ва кадом маҳорати забонӣ, таҳлилӣ ва фикрронӣ тавассути он рушд меёбад.

Пас аз шарҳи мақсад ва вазифаи дарс, шогирдон мавзуи иншо интихоб намуда, дар бораи қоидаҳои асосии сохт ва тартиби пешниҳоди матн аз гузоштани сархат то риояи робитаи мантиқии ҷумлаҳо суҳбат менамоянд. Дар идома нақшаи умумии кор тартиб дода шуда, хонандагон мувофиқи он матни пурраи иншоро таҳия ва баён менамоянд. Баъд аз анҷоми навиштан, хондани намунаҳои корҳо ташкил гардида, матни ҳар як шогирд бо меъёрҳои муайяни баҳогузорӣ муқоиса мешавад. Дар асоси натиҷаҳо, омӯзгор ба хонандагон тавсияҳои мушаххас ҷиҳатиислоҳи камбудиҳо ва такмили донишу маҳоратҳои иншонависӣ пешниҳод мекунад.

Татбиқи стратегияҳои мувофиқ дар навиштани матнҳои бузургҳаҷм.

Барои он ки хонанда тавонад, матнҳои ҳаҷман калон ва дорои сохтори мураккабро мустақилона эҷод намояд, омӯзиш бояд ба корбурди усулҳои муассир ва стратегияи дуруст равона карда шавад. Дар ҷараёни омӯзиш ба шогирдон ин шароит фароҳам оварда мешавад, ки онҳо малакаҳои заруриро барои таҳияи матни бадеӣ ё илмӣ ба даст оранд, аз муайян намудани мавзуи иншо то шинохти ҳадафи асосии навиштан.

Фаҳмидани меъёрҳои асосӣ, аз қабили риояи сохтори классикии иншо, ки аз муқаддима, қисми асосӣ ва анҷом иборат аст, барои устувор гардидани малакаҳои иншонависӣ замина мегузорад. Омӯзгор дар ин раванд нақши роҳнамо ва дастгириро ба уҳда дошта, аз маводи ёрирасон, ба монанди намунаҳои гуногуни иншо, расмҳо ё дигар манбаъҳои визуалӣ барои ғанӣ гардондани таҷрибаи омӯзишӣ истифода мебарад. Ин таҷриба ба хонанда на танҳо имкони такмили маҳорати навиштанро медиҳад, балки андешаронии мустақилона, идоракунии фикр ва тавоноии баёнро низ тақвият мебахшад.

**Инкишофи малакаҳои нутқи хаттӣ дар омӯзиши забони тоҷикӣ**

Нутқи хаттӣ имконият медиҳад, ки фикр навишта шуда, қобили фаҳм гардад. Омӯзгорон тавассути кори хаттӣ саъй менамоянд, ки ба воситаи далелҳо дигарон фикрашро қабул намоянд. Иҷроиши корҳои хаттӣ малакаҳои хониш ва

дарки маъноро ташаккул медиҳад. Хатнависӣ ин фаъолияти эҷодӣ мебошад, ки дар он вақт бештар сарф карда мешавад. Аз ин рӯ, ба хонандагон тарзи тартиб додани матн ва такмили он зина ба зина ёд дода мешавад, ки аз се марҳила иборат аст:

1.Тайёрӣ- оид ба мавзуъ ақидаҳо пешниҳод гардида, андешаи бартаридошта навишта мешавад. Омӯзгор дар ин марҳила метавонад аз усулҳои фаъоли таълим - кластер истифода барад.

2.Сиёҳнавис – ин намуди фаъолият тарҳи озмоишӣ дошта, фикри худро дар қоғаз навиштан аст. Хонанда аз сиёҳнавис истифода бурда, он барои тозанависӣ ёрӣ мерасонад.

3. Тозанавис – ин марҳилаи охири тартиб додану навиштани матн аст ва фикрҳо фаҳмо баён карда мешавад. Хонанда баъди ислоҳ аз сиёҳнавис дар коғази тоза рӯнавис мекунад [ 93, с.219].

### Аҳаммияти иншонависӣ дар густариши тахайюлот ва рушди нутқи шифоҳӣ

Навиштани иншо аз рӯйи расм яке аз шаклҳои муассири фаъолияти эҷодӣ ба шумор рафта, дар ташаккули зебоиписандӣ, ташаккули тафаккури бадеӣ ва такмил ёфтани қобилияти баёни фикр дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ нақши муҳим мебозад. Тасвир, ки дар он манзара, ашё ё шахсони дар ҳолати ҳаракат инъикос ёфтаанд, барои шогирд на танҳо объекти мушоҳида, балки ангезандаи аввалини андеша ва эҷод мегардад.

Бо вуҷуди он ки расм чаҳорчӯбаи муайяни мазмунӣ пешниҳод менамояд, вазифаи хонанда танҳо шарҳ додани он чизе, ки мебинад нест, балки аз ӯ талаб карда мешавад, ки хаёлоти шахсии худро ба матн ворид созад, ҷузъиёти тасвирро бо диди худ пурра ва рангоранг гардонад, ба он нафаси зинда бахшад ва саҳнаро ба воситаи сухан дубора эҷод намояд.

Иншо аз рӯйи расм на танҳо як амалияи таълимӣ, балки василаи пуриқтидори бедорсозии эҳсос, тавлиди андешаи мустақил ва рушди нутқи шифоҳиву хаттӣ мегардад.

**Тартиби марҳилавии дарс:**

1. Оғози дарс ва омодасозии муҳит.

2. Санҷиш ва муҳокимаи вазифаи хонагӣ.

3. Шарҳи мақсади дарси навбатӣ.

4. Ангезиши тафаккур - суол барои муҳокима: «Чаро мо иншо менависем ва ин ба мо барои оянда чӣ медиҳад?»

5.Тавзеҳи қоидаҳои муҳимми иншонависӣ бо суолҳои роҳнамо:

1.Иншо аз кадом қисмҳо иборат аст?

2.Дар ҳар бахш мо дар бораи чӣ менависем?

3.Муқаддима бояд чӣ гуна оғоз ёбад?

4.Ҷумлаҳо чӣ гуна пайваст карда мешаванд?

5.Қисми асосӣ ва анҷом чӣ накш доранд?

6.Машқи мустақилона барои навиштани матн.

Пеш аз кор шогирдон расмро бодиққат мушоҳида мекунанд, дар гурӯҳ мазмунашро таҳлил менамоянд ва унвони муносиб интихоб мекунанд. Барои иҷрои иншо 30 дақиқа вақт муайян гардида, пас аз анҷом ҳар хонанда навиштаашро аз назар мегузаронад ва матнашро дар синф қироат мекунад. Омӯзгор дар навбати худ кори онҳоро дар асоси меъёрҳо арзёбӣ мекунад.

7.Хулосабардорӣ ва фикру мулоҳизаҳои ҷамъбастӣ.

8.Вазифаи хонагӣ бо тавзеҳоти равшан дар бораи тарзи иҷро, то ҳар хонанда вазифаро дуруст дарк намояд.

**Машқи «Навиштани нақли хаттӣ» (2 соат) - Синфи 4-ум**

Дар ташкили дарси «Навиштани нақли хаттӣ» мақсад аз он иборат аст, ки хонандагон моҳияти ин навъи кори таълимиро дарк намуда, аҳаммияти амалии онро барои таҳсили минбаъда ва зиндагии ҳаррӯзаи худ эҳсос кунанд. Дар оғоз омӯзгор бо шогирдон суҳбат намуда, ҳадафи навиштани нақли хаттиро мефаҳмонад, ба онҳо нишон медиҳад, ки чӣ гуна ин машқ метавонад дар ривоҷи нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ, болоравии савияи фикррронӣ ва тарзи баёни пайдарпайи воқеаҳо мусоидат намояд.

Дар раванди омодагӣ мавзуи нақл интихоб шуда, матни намунавии нақли хаттӣ хонда ва муҳокима мегардад. Омӯзгор такя ба матни пешниҳодшуда,

хонандагонро ба нақл намудани мазмун, ҷавоб гуфтан ба саволҳо ва дарки калимаҳои душвор равона месозад. Калимаҳои номаълум дар тахтаи синф навишта шуда, маънояшон шарҳ дода мешавад. Баъд аз он, гурӯҳбандӣ ё кор дар шакли умумӣ барои тартиб додани нақша сурат мегирад ва шогирдон бо риояи тартибот мувофиқи нақша нақли хаттиро таҳия мекунанд. Дар анҷом ҳар хонанда навиштаи худро каломхонӣ намуда, корҳо тибқи меъёрҳои муайян арзёбӣ мегарданд ва тавсияҳои мушаххас бароиислоҳи ғалатҳо пешниҳод карда мешаванд.

Омӯзиш ба он равона аст, ки хонанда бо истифодаи стратегияҳо ва роҳҳои мувофиқи кори хаттӣ тавонад, матни нисбатан калонҳаҷмро мустақилона офарад, фикрро пайваста баён намояд ва нақли қабулшудаи матнро равону дуруст ба шакли хаттӣ таҷассум созад.

**Маводи таълим:** «Маводи Маҷмуаи нақли хаттӣ ва имло»

Мақсади дарс. Хонандагон бояд:

- мақсади навиштани нақли хаттиро баён карда тавонанд;
- мазмун ва ғояи матнро дуруст дарк намоянд;
- бо истифода аз нақшаи таҳияшуда нақли хаттиро нависанд;
- нақли хаттии омодашудаи худро равшан бихонанд;
- мушкилоти худ дар навиштанро муайян карда, онҳоро шарҳ диҳанд;
- хатоҳои имлоӣ ва мазмунӣ дар корҳои худ ва дигаронро ислоҳ карда тавонанд.

**Тавзеҳ ва муҳтавои методӣ:**

Нақли хаттӣ шакли миёнаи кори хаттӣ буда, байни имло ва иншо ҷойгир аст. Он қабули матн, фаҳмидан, аз худ кардан ва пешниҳод кардани мазмуни онро дар шакли навиштаи пайдарпай дар бар мегирад. Ин фаъолият ба тартиб бахшидани фикрҳои хонанда, тақсим кардани ҳодисаҳои асосӣ ва дуюмдараҷа, инчунин рушди қобилияти таҳлили иттилоот мусоидат менамояд. Дар дарси мазкур тарзи дурусти навиштан, пайдарпайӣ, мантиқ ва расонасозии матн омӯзонда мешавад.

**Маводи таълим:** «Маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ»

Равиши амалигардонии дарс

1. Аз китоб/маҷмуа матни мувофиқи нақли хаттӣ интихоб карда мешавад.

2. Матн бо талаффузи адабӣ, равон ва бехато хонда мешавад.

3. Калимаҳои душвор дар тахта сабт ва маънидод карда мешаванд.

4. Хонандагон мазмуни матнро нақл мекунанд (шахсан ё гурӯҳӣ).

5. Нақшаи умумии нақл бо иштироки хонандагон тартиб дода мешавад.

6. Пеш аз навиштан меъёрҳо муҳокима мегарданд:

- мутобиқати нақли хаттӣ ба мазмуни матни аслӣ;
- пайдарпайии баёни фикр ва робитаи мантиқии ҷумлаҳо;
- риояи сархат ва шакли навишти дуруст.

7. Барои иҷрои қисмати хаттӣ 30 дақиқа ҷудо карда мешавад.

8. Баъди анҷоми кор хонандагон навиштаҳои худро санҷида ва таҳрир мекунанд.

9. Навиштаи анҷомшуда дар синф қироат ва муҳокима мешавад.

10. Омӯзгор дар асоси меъёрҳо баҳо дода, барои беҳбудӣ маслиҳати шахсӣ пешниҳод мекунад.

**Тавсияҳо оид ба арзёбӣ:**

Дар таҷрибаи омӯзгорӣ аксар вақт ҳолате ба назар мерасад, ки кори хаттии хонандагон танҳо бо нишон додани хатогиҳо санҷида мешавад. Гарчанде ин усул барои дарёфти камбудиҳо кумак мекунад, аммо ба рушди малакаи навиштани хонандагон на ҳамеша таъсири мусбат мерасонад. Хонандае, ки баҳои баланд мегирад, қаноатманд мегардад ва дигар кӯшиши иловагӣ намекунад, дар ҳоле ки хонандаи баҳои паст гирифта руҳафтода шуда, шавқаш ба навиштан коҳиш ёбад.

Бинобар ин, ба ҷойи танҳо ишораи хатоҳо, пешниҳоди тавсияҳои возеҳ ва мушаххас барои беҳтар намудани кор самараноктар дониста мешавад. Тавсияи дуруст ба хонанда имкон медиҳад, ки нуқсонҳои худро дарк намуда, дар навбати аввал онҳоро ислоҳ ва маҳоратҳои худро такмил диҳад.

Муҳим он аст, ки хонанда ҳангоми навиштани нақли хаттӣ тавонад мазмуни матни аслро дуруст дарк ва пешниҳод намояд. Ӯ бояд бифаҳмад, ки

кадом рӯйдодҳо асосӣ ва маркази матн мебошанд, кадом ҷузъиёт дуюмдараҷаанд ва чӣ гуна онҳоро ба таври пайдарпай, мантиқӣ баён кардан лозим аст. Нақли хаттӣ на танҳо санҷиши имло ё навишти дуруст, балки раванди ташаккули тафаккури мазмунӣ, инкишофи нутқи муназзам, қобилияти ҷудо кардани маълумоти муҳим ва баён кардани фикр ба шакли эҷодӣ мебошад.

**Усулҳои тавсиядиҳӣ барои такмили кор:**

Барои беҳтар намудани кори хаттии хонандагон тавсияҳоро метавон ба чанд шакл ироа намуд:

1.Хотиррасонӣ - барои хонандагони фаъолу қавӣ, ки танҳо ишораи хурд кофӣ аст.

Мисол*:* «Вақте гӯшу бинии Муки Хурдакак калон шуданд, ӯ чӣ эҳсос дошт?»

2.Ёрии зинавӣ - барои онҳое, ки ба роҳнамо дар навиштан бештар ниёз доранд. Ин усул бо шаклҳои зер амалӣ мешавад:

- бо савол: «Чӣ чиз Мукро ба хӯрдани себи сабз водор кард? »

- бо тасвир: «Сабабҳои ба боғ рафтани Мукро тавзеҳ деҳ »

- бо ҷумлаи нотамом: «Мук себи сабзро хӯрд, зеро»

1.Пешниҳоди намуна – барои хонандагони сатҳи миёна, ки метавонанд аз қолиб истифода карда, матнро ба шакли мустақилона такмил диҳанд.

Мисол: «Ӯ ба боғ даромад, себи сабзро чида хӯрд ва ногаҳон…» (хонанда идомаи хешро эҷод мекунад.)

**Саволҳои худбаҳодиҳӣ:**

Барои таҳкими худназоратӣ ва афзоиши масъулияти шахсӣ дар раванди омӯзиши навиштани нақл, дар анҷоми дарс хонандагон метавонанд, ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд:

1.Дар ҷараёни навиштан бо кадом мушкил рӯбарӯ шудед?

2.Кӣ ё чӣ ба шумо дар иҷрои кор кумак расонд?

3.Дар кадом марҳила ба дастгирии иловагӣ ниёз пайдо кардед?

4.Аз ин машқ чӣ омӯхтед ва барои дафъаи дигар чӣ гуна беҳтар хостед нависед?

**Машқи «Навиштани иншо» (Синфи 4-ум)**

Дар ин дарс кӯшиш ба он равона мешавад, ки хонандагон моҳияти навиштани иншоро дарк намуда, фаҳманд, ки ин навъи кори хаттӣ барои таҳсили минбаъда ва ҳаёти иҷтимоӣ чӣ аҳаммият дорад. Бо мақсади бедор намудани шавқу завқ ба эҷоди матн, омӯзгор ба шогирдон мақсад ва вазифаи навиштани иншоро мефаҳмонад, имкони истифодаи он дар вазъиятҳои гуногун дар мактаб, муошират ва тафаккури мустақилонаро муҳокима менамояд.

Мавзуи иншо – «Раҳму шафқат» - интихоб карда мешавад, сипас дар бораи қоидаҳои асосии иншонависӣ, аз ҷумла, риояи пайдарпайии фикр, гузоштани сархат, алоқамандии ҷумлаҳо ва мутобиқати мазмун ба мавзуъ суҳбат гузаронида мешавад.

Пас аз тавзеҳи қоидаҳо ва баррасии намунаҳо, нақшаи иншо дастҷамъона тартиб дода шуда, хонандагон мувофиқи он матни пурраи иншоро менависанд. Дар марҳилаи ниҳоӣ шогирдон навиштаҳои худро хонда, бо истифода аз нишондодҳои баҳогузорӣ арзёбӣ карда мешаванд. Омӯзгор ба ҳар хонанда тавсияҳои мушаххас пешниҳод намуда, роҳҳои ислоҳи ғалатҳоро шарҳ медиҳад.

**Хониши матн:** Хониши ифоданоки матнҳо барои дуруст дарки асари хондашуда, инкишофи нутқ, луғатомӯзӣ, баёни нутқи хонандагон ёрӣ мерасонад. Хонандагони хурдсол дар омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути адабиёти бадеии бачагона пеш аз ҳама бояд фаҳманд, ки ҷумлаҳо ва ҳиссаҳои нутқро бо аломатҳои китобат: нуқта, нуқта вергул, вергул, аломати баён, тире, нимтире, хитоб, савол ва ғайра ҷудо карда мешаванд ва дар хониши матн оҳанги талаффуз риоя карда мешавад.

Дар ин хусус педагоги маъруфи тоҷик М.Лутфуллоев, ки барои таълими забони тоҷикӣ ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ чунин тавсия додаст, пеши назар меорем: «Кори инкишофи нутқи талабагон ҳам ҳамон вақт самараи нек медиҳад, ки мо онро ба ҷараёни таълими хамаи фанҳо ворид созем. Дар дарсҳои забони тоҷикӣ, хусусан хониши матнҳо бачагон доир ба муҳити гирду атроф, ҳодисаҳои ҷамъият, табиат маълумот мегиранд, захираи луғавиашонро афзун

намуда, нақли мазмуни чизи хондаашон, ифоданок ва системанок баён кардани фикрро ёд мегиранд. Матнҳои хониш ва вобаста ба он мушоҳидаю саёҳатҳо талабагонро ба муҳит, меҳнати одамон, зиндагии онҳо шинос мекунад, талабагон ба воситаи порчаи бадеӣ нормаи ахлоқ, рафтори маданиро меомӯзанд. Баробари ин ҳар як матни хониш ба инкшофи нутқи бачагон, ташаккули он таъсири калон мерасонад»[93, с. 394].

Дар китоби «Методикаи таълими ибтидоии забони тоҷикӣ»-и М.Луфдуллозода, И.Абдуллоев, М.Ҷалилова оварда шудааст, ки ҳангоми хондани асарҳои бадеӣ бештар ба масъалаҳои зерин аҳаммият додан зарур аст.

1. **Порчаҳои бадеӣ.** Ҳар як асари хурди бадеӣ ё порчаи адабӣ, ки дорои мазмуни муайян аст, ки аз 3 қисм таркиб меёбад:

а) қисми аввал (муқаддима);

б) қисми асосӣ (мазмуни воқеи);

в) қисми охир (хотима);

Дар қисми аввал иштирокдорони воқеа муаррифӣ мешаванд ва он барои фаҳмидани маъно муҳим аст. Қисми асосии воқеаро мазмуни он ташкил медиҳад. Дар мазмун саргузашти касе ё чизе тасвир меёбад. Қисми охир низ аҳаммиятнок аст. Талаба аз мазмуни чизи хондааш хулоса мебарорад.

**2.Дарки фикри асосии асар**. Фикри асосӣ бе фахмонидани мазмуни асар аз худ карда намешавад. Вобаста ба мазмун чанд савол дода, ҷавоби талабаҳоро шунида, хулоса мебарорем.

**3.Аҳаммияти тарбиявии асар.** Аз рӯйи мазмуни воқеа омӯзгор ба талабагон муроҷиат мекунад:

- Чаро шумо ин тавр фикр мекунед?
- Дар ин кор кӣ гунаҳкор аст?
- Рафтори кадоме аз иштироккунанда ба шумо маъқул аст? Чаро?
- Кирдори кадоми онҳо маъқул нест? Барои чӣ?
- Агар шумо ба ҷойи он мешудед, чӣ кор мекардед?

2. **Шинос намудани талабагон бо воситаҳои тасвир.** Оид ба забони асар баъзе чизҳоро шарҳ медиҳем. Масалан, дар чистони зер кураи Замин (глобус) ба тарбуз монанд карда шудааст.

**Чистон**

«Мисли тарбуз лӯндаву аммо нарӯяд аз замин,
Бе Замин, аммо намешуд шакли вай тарбуз барин
Гар ту ҳастӣ бохабар аз илму олам, чист он?
Бе ҳамон ҳаргиз надонӣ, рӯйи олам инчунин...» [95, с.102,103].

«Дар вақти омӯхтани асарҳои бадеӣ марҳилаҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

1. Суҳбати муқаддимавӣ.
2. Аз тарафи омӯзгор хондани матн.
3. Ба қисмҳо ҷудо карда хондани матн аз тарафи талабагон ва таҳлили пешакии ҳар қисм.
4. Тартиб додани саволҳо ё нақша.
5. Нақли мазмуни матн мувофиқи (саволҳо).
6. Хониши ифоданоки қисмҳои алоҳидаи матн.

Дар зер ҳар яке аз ин марҳилаҳоро мухтасар шарҳ медиҳем.

**1. Суҳбати муқаддимавӣ** Омӯзгор номи мавзӯъро дар тахтаи синф менависад, дар атрофи мавзӯъ сӯҳбат мегузаронад. Мақсади сӯҳбати муқаддимавӣ омода намудани талабагон ба омӯхтан ва фаҳидани мазмуни матн мебошад.

**2. Аз тарафи омӯзгор хондани матн.** Баъди сӯҳбати муқаддимавӣ хониши матн шурӯъ мешавад. Матнро барои аввал кӣ мехонад? Ба ин савол метадист М.И. Оморокова ҷавоб медиҳад, ки матнро бори аввал худи омӯзгор мехонад. Чунки инро хусусияти хоси асари бадеӣ талаб мекунад.

Дар назди хониш ду мақсад гузошта мешавад:

а) намунаи ибрат шудани хониши омӯзгор;

б) аз тарафи талабагон дарки мазмуни матн.

Барои амали шудани ин мақсадҳо омӯзгор пеш аз ҳама хондан таъкид менамояд, ки талабагон китобҳоро пӯшида, дар гӯшае гузоранд. Агар матни хониш аз адабиёти классикӣ гирифта шуда бошад, муаллим пас аз хондан ва саволу ҷавоб мазмуни матнро нақл менамояд. Вале агар матн аз адабиёти муосир бошад, мазмуни матнро талабагон нақл мекунанд.

**3. Ба қисмҳо ҷудо карда хондани матн ва таҳлили ҳар қисм.** Баъди хондан ва саволу ҷавоб ба қисмҳо ҷудо карда хондани матн ва таҳлили ҳар қисм шурӯъ мегардад. Омӯзгор бо мақсади ҷалб кардани диққати аҳли синф метавонад ҷавоби саволҳоро аз каси дигар пурсад. Ҳамин тавр, бо супориши омӯзгор 5-6 матнро қисм-қисм мехонанд ва мазмуни пораи хондаашонро мувофиқи саволҳо бозгӯӣ мекунанд.

4. **Тартиб додани савол ё нақша.** Савол ё нақша бобати ботартиб баён намудани фикр муҳим аст. Дар синфҳои ибтидоӣ тартиб додани нақша мушкил аст, аз нақшаҳои суратӣ истифода мешавад. Омӯзгор 2-3 расмро, ки мувофиқи мазмуни матни даҳонӣ тасвир кардааст, баён мекунад. Нақшаи суратӣ фантазияи (тахайюлоти) талабагонро бой намуда, нутқашонро инкишоф медиҳад.

5. **Нақли мазмуни матн**. Дар ин марҳила талабагон тамоми мазмуни матнро ботартиб нақл карда, онро ба низом медароранд. Нақли мураттаби мазмуни матнро аз рӯйи нақша аввал омӯзгор шурӯъ мекунад, баъд фаъолон давом медиҳанд, сустхонон ба анҷом мерасонанд. Дар раванди нақл ба хонанда халал расондан лозим нест. Истифодаи расмҳо ба пурратар фаҳмидани мазмуни матн ва шавқоварии раванди дарки маъно боис мегардад.

**6. Хониши ифоданоки қисмҳои алоҳидаи матн.** Вақте, ки хонандагон хониши дурусту равони калимаю ҷумлаҳои матнро машқ карданд, мазмунро фаҳмидан, ба хониши ифоданок омода мешаванд [95, с.105-106].

**Луғатомӯзӣ:** Бе захираи муайяни луғат инкишофи нутқи хонандагонро пиндоштан мумкин нест, зеро луғат қисми таркибии забон ба шумор меравад. Таркиби луғавии забони тоҷикӣ хеле ғанӣ аст ва аз ин рӯ, аз луғат дар дарсҳои забони тоҷикӣ омӯзгорон васеъ истифода мебаранд. Хонандагони синфҳои

ибтидоӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ бояд аз захираи ғании забонамон дурусттар истифода бурда тавонанд. Педагог М.Лутфуллоев дар китоби «Асосҳои таълими ибтидоии забони тоҷикӣ» (2013) қайд кардааст: «Дарсҳои забони тоҷикӣ имконият медиҳанд, ки бачаҳо як қатор мафҳум ва калимаҳоро аз худ кунанд; онҳо ба калимаҳои ифодакунандаи ашё, сифат ва аломати ашё, инчунин миқдору ҳаракати ашё шинос мешаванд, аз тарафи дигар, дар натиҷаи машғулиятҳои грамматикӣ луғати бачаҳо ба тартиб дароварда мешавад: гурӯҳи муайяни калимаҳо ба исм, гурӯҳи дигарашон ба феъл, гурӯҳи сеюмашон ба сифат ва ғайра тааллуқ дорад»[ 95, с. 396].

Шогирдон дар ҷараён ба корбурди стратегия ва усулҳои мувофиқи навиштан одат мекунанд ва тадриҷан қодир мегарданд матнҳои ҳаҷман калон ва мазмунан муназзамро мустақилона таҳия намоянд.

Педагогҳои классик ва муҳаққиқони муосир низ ба ҷанбаи тарбиявии дарс таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, онро на танҳо ҳамчун раванди омӯзиши дониш, балки ҳамчун майдони ташаккули сифатҳои шахсият, ахлоқ ва ҷаҳонбинии кӯдак арзёбӣ мекунанд.

Тадқиқи методикаи иншо ва нақли хаттӣ нишон медиҳад, ки ин навъ машқҳо дар рушди нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, фаъолшавии хаёл ва тафаккури мазмунӣ, инчунин дар ташаккули малакаи баёни фикр нақши пойдор доранд. Барои ноил шудан ба натиҷаи воқеӣ дар ин самт, омӯзгор вазифадор аст, ки муҳити омӯзиширо ба тавре созмон диҳад, ки шогирд дар раванд на танҳо нусхабардор, балки офарандаи мустақили фикр ва сухан гардад. Дар чунин муҳит ҳодисаҳои омӯзишӣ аз шакли дастурӣ-техникӣ ба таҷрибаи зинда ва пурмазмун табдил ёфта, фаъолияти хонандагон ранги эҷодӣ мегирад.

Вақте, ки хонанда дар раванди навиштани иншо ё нақли хаттӣ ба таври мустақил фикр мекунад, мазмунро меофарад, ҷумлаҳоро пайваст месозад ва хатоҳояшро ислоҳ мекунад, эътимод ба худ дар ӯ афзун мегардад. Эҳсоси муваффақият, ситоиши саривақтии омӯзгор, имкони хондани навиштаҳои худ дар синф ва шунидани фикри дигарон муҳити мусоид барои бедоршавии завқи нутқӣ ва меҳру муҳаббат ба забон фароҳам меорад. Чунин таҷриба дар ниҳоят

на танҳо натиҷаи таълимро беҳтар месозад, балки шахсияти кӯдакро аз лиҳози равонӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мутавозин ва некбин тарбия мекунад.

Ҳамин тавр, истифодаи мунтазами машқҳои иншонависӣ ва нақли хаттӣ дар синфҳои ибтидоӣ на танҳо василаи омӯзиши забон аст, балки роҳест барои тарбия намудани хонандаи фаъол, созанда, масъулиятшинос ва дорои қобилияти эҷодӣ дар фаъолияти онҳо мебошад. Ин раванд дар омодагии минбаъдаи таълимӣ, ташаккули фарҳанги муошират ва рушди ҷаҳонбинии наврасон аҳаммияти муҳим дорад.

Дар байни шароитҳое, ки ба сифати таълим ва самаранокии ташаккулёбии арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстии хонандагони хурдсол таъсири мусбат расонида, ба арзишҳои инсондӯстонаашон дар мавриди истифодаи хониши асарҳои бадеӣ мусоидат мекунанд, мо шартҳои зеринро якумдараҷа меҳисобем:

1. Шавқмандии шахсии хонандаи хурдсол ба хониши асарҳои бадеии бачагона, сатҳи ташаккули маҳорату малакаҳои ӯ дар самти хонда тавонистан, дарки маънӣ, кунҷковӣ, ниёзҳои ботинӣ ва майли ҷӯяндагӣ;

2. Вокуниши эҳсосотии хонандаи хурдсол ба маводи омӯхташуда, дарки мазмуни матн ва ҳолати қаҳрамонони асарҳои бадеӣ;

3. Ташхис ва муайян намудани имкониятҳои тарбиявии ахлоқӣ-башардӯстии мавзуъ ва мундариҷаи асарҳои бадеии тавсияшаванда, таваҷҷуҳи хонанда дар омӯзиши маводи таълимӣ;

4. Истифодаи технологияҳои пешрафта ва самараноки таълим;

5. То ҳадди имкон наздик кардани мазмуну мундариҷа ва ҳатто нутқ дар дарс ба хусусиятҳои инфиродии синнусолӣ, равонӣ ва ҷинсии хонандагони хурдсол;

6. Дар амалияи таълими фанҳои синфҳои ибтидоӣ мутобиқи мақсадҳои дарс ва масъалаҳои баррасишаванда истифодаи бештари матнҳо ва асарҳои бадеӣ аҳамияти махсус дорад;

7. Ба яке аз ҷузъиёти асосии фаъолияти мустақилонаи хонандаи хурдсол табдил додани хониши асари бадеӣ;

Татбиқи маҷмуи роҳу усулҳое, ки дар боло зикр гардиданд, боис мегардад, ки ҷараёни таълим хусусияти равияи шахсиятӣ касб карда, шароити фароҳамоварии рушду такомули тафаккури мустақилона, бедории эҳтиёҷи зеҳнӣ ба донишҳои нав, худомӯзӣ, худинкишофдиҳӣ ва худшиносии хонандагони синни ибтидоиро таъмин созад. Дар чунин муҳит фаъолияти омӯзгор на танҳо ба интиқоли дониш маҳдуд намегардад, балки ба идоракунии раванди тарбиявии хонандагон низ равона мешавад.

Омӯзгор ҳангоми ташкили раванди хониши асарҳои бадеӣ ва матнҳои муҳтавоан интихобшуда вазифадор аст, ки аз усулҳо ва тарзҳои коре истифода барад ва ҷанбаҳои муҳимми ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-башардӯстии кӯдаконро фаъол гардонад.

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, таҳкими эҳсосу муносибатҳои арзишмандонаи кӯдак бо муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ равона шудаанд, самараи назаррас дошта метавонанд. Дар раванди ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони хурдсол муносибати эҳтиромона ва арзишманд аҳаммияти муҳим дорад. Чунин муносибат ба инкишофи қобилияти хонанда дар ташкили робитаҳои арзишноку дӯстона бо ҳамсолонаш мусоидат мекунад. Манбаи асосии ташаккули ин муносибатҳо таҷрибаи шахсии ҳаётии худи кӯдак буда, он дар зеҳну рафтори ӯ заминаи устувори ахлоқӣ мегузорад.

**Шароити зарурии инкишофи сифатҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ тавассути истифода аз адабиёти бачагона.**

**Ҷадвали №8.**

| № | Шароит | Нишондиҳанда |
|---|---|---|
| 1 | Шавқмандии шахсии хонанда ба хониши асарҳои бадеии бачагона. | Ташаккули маҳорату малакаҳои ӯ дар самти хонда тавонистан, дарки маънӣ, кунҷковӣ, ниёзҳои ботинӣ ва майли ҷӯяндагӣ. |
| 2 | Вокуниши эҳсосотӣ и хонандаи хурдсол ба маводи омӯхташуда | Дарки мазмуни матн ва ҳолати қаҳрамонони асарҳои бадеӣ. |
| 3 | Ташхис ва муайян намудани имкониятҳои | Бодиққатии хонада дар |

| | | |
|---|---|---|
| | тарбиявии ахлоқӣ- башардустии мавзуъ ва мундариҷаи асрҳои бадеии тавсияша - ванда. | омӯхтани маводи таълимӣ. |
| 4 | Истифодаи технологияҳои пешрафта ва самараноки таълим. | Ташкили маҳфилу чорабиниҳои марбут ба хондани китоб, бозиҳои нақшӣ, шабнишиниҳо ва ғ. |
| 5 | То ҳадди имкон наздик кардани мазмуну мундариҷа ва ҳатто нутқ дар дарс ба хусусиятҳои инфиродии синну солӣ, равонӣ ва ҷинсии хонандагони хурдсол. | Дарки амиқ ва вокуниши эҳсосотии ҳолати қаҳрамонони асари бадеии хондашуда ва вобаста ба он тағйир додани рафтори худ. |
| 6 | Дар амалияи таълими фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ мувофиқи мақсадҳои дарс ва масъалаҳои баррасишаванда зиёдтар истифода бурдани матнҳо ва асарҳои бадеӣ. | Ташаккули фаъолияти ҷӯяндагии хонандагон дар самти дарёфти идомаи матнҳои дар мавзуъҳои ахлоқӣ- башардустии овардашуда, Ба яке аз ҷузъиёти асосии фаъолияти мустақилонаи хонандаи хурдсол таб-дил додани хониши асар бадеӣ. |

Бисёр пажуҳишгарон таъкид мекунанд, ки на ҳар иттилооте, ки омӯзгор ба хонанда мерасонад, метавонад ба дониш ва малакаи устувор табдил ёбад. Аз назари онҳо, танҳо он мавод ва таҷрибае барои кӯдакон арзиши воқеӣ дорад, ки бо синну хусусиятҳои руҳиву иҷтимоии онҳо мутобиқ буда, қобилияти татбиқ дар амал, таҳрик додани фикрронӣ ва ҳавасмандсозии эҷодиро доро бошад. Хонандагони синни хурд солимтарин донишро он вақт дарёфт мекунанд, ки иттилоот барои онҳо фаҳмо, ҷолиб, зиндагисоз ва ба ниёзҳои равонии рушди шахсияташон наздик бошад.

Танҳо он муҳтавои таълимӣ дорои аҳаммияти арзишманд мегардад, ки кӯдак онро на танҳо дарк мекунад, балки бо эҳсоси шахсӣ қабул намуда, дар амалия меозмояд, дар фаъолияти воқеӣ татбиқ мекунад ва онро ба қисми устувори хотираи худ табдил медиҳад. Чунин донишҳо ба таҷрибаи ҳаётии кӯдак ворид шуда, ҳамчун воситаи ҳаллу фасли вазъиятҳои ногаҳонӣ, мушкилоти эҳтимолӣ ва ҳолатҳои ғайричашмдошт хизмат менамоянд. Аз ин рӯ,

мо низ ин мавқеи назариявиро ҷонибдорӣ карда, аҳаммияти ин равандро махсус таъкид менамоем.

Хонандагон дар раванди машғулият ҳамчун субъекти фаъол амал менамоянд ва барои такмили дониш ба фаъолияти худомӯзӣ мепардозанд.

Маҳз ҳамин тағйироти назариявӣ-амалӣ раванди омӯзишро дорои хусусияти шахсиятсозӣ мегардонад ва шароити рушди қобилиятҳо, худфаъолиятӣ ва ташаббуси зеҳнӣ ва иҷтимоии кӯдакро таъмин менамояд.

Сатҳи азхудкунии ин донишҳо ба шинохт ва тасаввуроти шахсии кӯдакон дар бораи инсон ва инсоният, тарзи муносибат бо атрофиён, эҳтироми худ, ҳифзи манфиатҳои инфиродӣ, низоми эътиқоду арзишҳои шахсӣ, таҷрибаи зиндагӣ ва қобилияти ҳамгунсозии ин омилҳо бо муҳтавои раванди таълиму тарбия сахт вобаста аст. Дар давраи томактабӣ кӯдак тадриҷан ба дарки худ ҳамчун шахс мерасад, яъне ҳисси «ман»-и инфиродӣ дар ӯ шакл мегирад.

Ин марҳила на танҳо оғози шинохти худ, балки заминаи ташаккули фикрронииву рафтори мустақили ӯ дар оянда мебошад. Ҳамин раванди ибтидоӣ ҳамчун пояи муҳимми рушди шахсият хизмат карда, ба он мусоидат менамояд, ки кӯдак дар синфҳои ибтидоӣ худро ҳамчун субъекти фаъол дар раванди омӯзиш эҳсос намуда, қодир гардад фикри шахсии худро иброз кунад, масъулият қабул намояд ва ҳангоми иҷрои вазифаҳо мустақилона қарор қабул кунад.

Бо вуҷуди он ки дар ибтидои таҳсил ин раванд то андозае маҳдудтар ба назар мерасад, хонандагон тадриҷан ба худфаъолӣ рӯ меоранд, дар асоси маводи гирифташуда арзёбиҳои интиқодӣ анҷом медиҳанд, ҷустуҷӯи ҳақиқатро меомӯзанд ва қобилияти хулосабарории худро такмил медиҳанд.

Аз ин рӯ, дар амалияи таълим зарур аст, ки омодагии дохилӣ ва субъективии хонандагони синну соли ибтидоӣ таҳсилро нисбат ба дарки арзишҳои инсонпарварона ба таври ҳадафманд рушд диҳем. Дар раванди таълиму тарбия хусусиятҳои тарбияи инсондӯстӣ ва ахлоқии ХСИ рушд меёбад. Дар асоси робитаи таълиму тарбия бо ҳаёт донишҳои назариро хонандагон дар амал татбиқ намуда, моҳияти асосии онро бояд дарк намоянд.

Истифодаи оқилонаи таҷрибаи шахсии хонандагон дар муносибатҳои байнишахсӣ хеле муҳим аст.

Татбиқи таҷрибаи инфиродии кӯдакон, муқоисаи он бо рафтор, кирдор ва паёмадҳои амали қаҳрамонони асарҳои бадеие, ки дар дарс ва берун аз он мутолиа мегарданд, метавонад дар раванди таълим ва хониши мустақилона таъсири мусбат ба бор орад. Ин навъи ҳамнишин кардани таҷрибаҳои зиндагӣ бо муҳтавои тарбиявию маърифатии матнҳои бадеӣ на танҳо сатҳи дарки шогирдонро боло мебардорад, балки ба ташаккули малакаҳои таҳлилӣ, арзёбӣ ва хулосабарории онҳо низ замина мегузорад.

Устувор шудани донишҳои муҳим дар зеҳни кӯдак танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки ӯ онҳоро ҳамчун чизе арзишманд барои худ эҳсос намояд. Вақте маълумот ба таҷрибаи воқеии кӯдак пайваст мешавад ва дар зиндагии ҳаррӯзаи ӯ истифода меёбад, он ба арзиши шахсӣ табдил ёфта, дар хотира боқӣ мемонад. Ҳамин гуна донишҳо тадриҷан қисми таркибии ҷаҳонбинӣ, рафтор ва рушди минбаъдаи шахсияти хонанда мешаванд.

Ташаккули ААБ дар хонандагони синни хурд самаранок амалӣ шудани вазифаҳои тарбиявии таҳсилоти инсонгароёна, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки то кадом андоза шогирд дар раванди таълим мавқеи фаъоли шахсӣ дорад. Агар хонанда дар дарс танҳо қабулкунандаи иттилоот набошад, балки ҳамчун иштирокчии мустақил фикр кунад, ба муҳокимаҳо ҳамроҳ шавад ва донишро ба таҷрибаи шахсии худ пайваст намояд, ҳамин ҳолат боиси он мегардад, ки донишҳои башардӯстӣ тадриҷан ба арзишҳои пойдори рафторӣ табдил ёбанд ва дар шуури кӯдак мустаҳкам ҷой гиранд.

Барои хониши асарҳои бадеӣ аҳаммияти матнҳои бадеӣ дар раванди омӯзиши забони тоҷикӣ дар ХСИ тавассути адабиёти бадеии бачагона хеле босамар буда, вобаста ба қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии онҳо сурат мегирад. Барои ХСИ асарҳое тавсия карда шаванд, ки дар онҳо мавқеи муносибатҳои байнишахсӣ дар муҳити синфӣ бо равшанӣ инъикос ёфта, ҷанбаҳои муҳимми ҳамкорӣ, ҳамдардӣ ва эҳтироми тарафайн дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври муназзам таҷассум ёбанд. Таъсирбахшии тарбиявии матнҳои

бадеӣ дар он вақт натиҷабахш мегардад, ки дар он нақши арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ, эҳтироми калонсолону ҳамсолон, арзишмандии меҳнати дигарон, муносибати шоиста, одобу рафтори намуна ва ғайра инъикос гардида бошад.

Маҳз матне, ки чунин паёмҳоро дар худ дорад метавонад, ба рушди ҳисси масъулият, меҳрубонӣ, инсондӯстӣ ва ахлоқӣ солими хонанда кумак расонад. Дар чунин асарҳо рафторҳои манфӣ, бовару кирдорҳои ғайриахлоқӣ ва зуҳуроти нохуши башарӣ бояд ба таври қатъи мазаммат шаванд, то хонанда тавонад арзишҳои дурусти рафториро дарк ва дар амал татбиқ намояд.

Тавре ки В.А. Сухомлинский, Ш.А. Амонашвили, М. Маҳмудова, А. Нуров, И.Х. Каримова ва дигар муҳаққиқон таъкид менамоянд, муҳтавои таълим бояд ба ташкили фазои хайрхоҳона, созанда ва маърифатӣ дар синф равона гардад. Маҳз чунин муҳит ба баланд шудани сатҳи маънавиёти хонандагон замина гузошта, онҳоро ба қадр кардани арзишҳои инсонпарварӣ, дурӣ ҷустан аз рафторҳои зишти ахлоқӣ ва рушди ҳисси масъулияти иҷтимоӣ ҳидоят мекунад. Ин гуна муҳит ва мазмун ҳамчун пояи асосии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстона баромад карда, дар шаклгирии ҷаҳонбинии инсонгароёнаи хонандагони хурдсол нақши асосӣ мебозад.

Муҳим аст, ки дар раванди хондани асарҳои бадеӣ ва матнҳои интихобшуда омӯзгор на танҳо ба фаҳмидани мазмун аз ҷониби хонанда, балки ба вокуниши эҳсосии онҳо низ таваҷҷуҳ намояд. Таъсири эҳсосӣ яъне ҳамдардӣ, ҳайрат, дарк кардани рафторҳо ва арзишҳои нишондодашуда унсури муҳимме мебошад, ки тарбияро зинда ва муассир месозад. Агар эҳсоси хонанда нодида гирифта шавад ва хондан танҳо ба фаҳмиши хушки матн маҳдуд гардад, эҳтимол дорад, ки фаъолияти тарбиявӣ ба натиҷаи устувор нарасад ва АА (арзишҳои ахлоқӣ) дар зеҳни кӯдак пойдор қарор нагиранд. Ба ибораи дигар, омӯзгор бояд барои он шароит фароҳам оварад, ки хонанда матнро на фақат хонад, балки моҳияти онро дарк намояд, ба қаҳрамон ҳамдардӣ намояд, вазъиятҳоро муқоиса кунад ва эҳсос кунад, ки кадом рафтор шоистаи пайравист. Танҳо дар ин сурат хондан ба объекти тарбия табдил ёфта, арзишҳои инсонӣ ба таҷрибаи шахсии хонанда ворид мегарданд. Эҳсоси амният,

мувофиқати вокуниши кӯдак ба рафтори рафиқон, риояи қоидаҳо ва меъёрҳои муошират ва рафтор дар коллективи синф аз омилҳои муҳимми ташаккули фазои мусоиди равонӣ дар муассисаи таълимӣ ба ҳисоб меравад.

Дар омӯзиши ЗТ тавассути АББ жанрҳои бадеӣ нақши асосиро доранд. Масалан, жанри «Афсона» дар ҳаёти бачагон нақши муҳим мебозад, зеро қаҳрамонҳои афсона дар ҳама мушкилотҳои зиндагӣ пирӯзӣ ба даст меоранд ва писанди хонандагони хурдсол мебошад. Дар афсонаҳои тамсилӣ тасвирҳо дар образи ҷонварон таҷассум гардидааст. Афсонаҳои эҷодкардаи зиёди адибони тоҷик ва рус, аз қабили Ғ. Мирзо, У. Раҷаб, Н. Бақозода, С. Марашак, К.Чуковский ва дигарон аз ҳамин қабил афсонаҳое мебошанд, ки нақши асосиро ҷонварон мебозанд. Дар асарҳояшон бисёре аз ҳайвонҳоро бо хислатҳои табииашон тасвир намудаанд.

Онҳоро дар доираи фаҳмиши кӯдакон эҷод намуда, барои ташаккули ҷаҳонбинии онҳо замина мегузоранд. Хонандагони хурдсол дар омӯзиши афсона дарк менамоянд, ки бошандагони қитъаҳои дигар: баҳру уқёнусҳо ба мисли кит, моҳиён, дар ҷангал, шеър, рӯбоҳ, кенгуруи халтадор, филони бузург ва инчунин ба одати ғайриодии парандагон, аз ҷумла, куку, ки вазифаи модарии худро иҷро накарда, тухмашро дар лонаи дигар парандаҳо мегузорад, булбул ҳамеша дар нола аст, тутӣ парандае, ки ҳамеша такрор мекунад, шинос намуда, тафовути некӣ ва бадиро ба онҳо мефаҳмонад. Дар афсонаҳо рӯбоҳ бо хислати табии худ, ки бисёр ҷонвари маккор ном баровардааст, аз кенгуруи мактабдор хоҳиш мекунад, ки ба бачагони ӯ дарси макру айёриро ёд диҳад, вале аз кенгуруи накӯкор посухи муносибро мегирад:

«Бишнаву дониста мон:

Мактаби ҷангалистон-

Мактаби касбу ҳунар.

На ин ки кори дигар...» [127, с. 18].

Мазмуни баланди афсонаҳо бачагонро ба ваҷҳ оварда, дар қалби кучаки онҳо меҳру муҳабат доштан ба мактабро, аз қабили омӯхтани фазлу адаб дар мактаб, ҷалби онҳо ба омӯхтани касбу ҳунар, инчунин макони ирфон будани

онро ҷой додааст. Тавассути ин гуна афсонаҳо сифатҳои илмдӯстӣ, дар руҳияи коллективзм тарбияёбӣ, эҳтироми байниҳамдигарӣ, эҳсоси ҳамдардӣ, меҳрубонӣ, дилсӯзӣ ва амсоли инҳо дар хонандагон рушд меёбанд.

«Афсонаи «Чӣ гап шуд? »– менависад Р.Амонов, - ба туфайли истифодаи вазни сабуку шӯх, калимаҳою ибораҳои забони зиндаи гуфтугӯиӣ ва пораҳои сурудҳои бачагонаи халқӣ сар то по оҳанги сурурангез ва гушнавоз пайдо кардааст» [22, с.226].

Ба қавли муҳаққиқ М.Пиров: «Дар эҷодиёти даҳонакии халқ ягон жанри адабӣ монанди афсона ба хонандагон таъсири зер бахшида наметавонад»
[ 121, с.9].

Дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо афсона, ҳикояҳо, достон мавқеи хосро ишғол менамояд. Махсусан, дар достон ва афсонаҳои.эҷодкардаи ӯ сифатҳои раҳму шафқат ва дилсӯзии бачагонро нисбати ба парандаҳо, ҳайвонот, ҷонварон ва одамон, ки онҳоро ба тарбияи дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, некӣ ва инсондӯстӣ ҳидоят менамояд, хеле барҷаста инъикос гардидааст. Барои шавқовар, мувофиқи синну сол ва дарки бачагон афсонаҳои халқиро ба назм даровардааст. Чуноне ки Ю.Акбаров назми ӯро арзёбӣ намуда, қайд кардааст: «Вале ин ба мазмуни умумии афсона на танҳо халал намерасонад, балки онро мукаммалу завқовар месозад» [26 с.115].

Достони машҳури ӯ «Достак» бо шуруъ гардидани афсонаҳои халқӣ.

«Буд ё набуд, будгор буд,

Полиз набуд, шудгор буд.

Дар як замин, дар як замон,

Шоҳи халоиқ Мор буд.

Мори калони зӯр буд,

Бадҳайбату хушхӯр буд.

Дар он замон, дар он замин,

Фармонбараш Занбӯр буд…» [26, с. 4].

Адиби бачагона тавассути баёни ин воқеа ду қувваро - некӣ ва бадиро ба хонандагон таъкид кардааст, ки достон боиси таъсирбахшу сеҳрангез низ шудааст:

«Занбӯр зуд парвоз кард,
Кораш сар аз як ғоз кард.
Гӯсоларо, бузғоларо
Ширин газиду ноз кард.
Қурбоқаеро неш зад,
Туф карду худро пеш зад.
Бо қаҳру ғаш бар қасди ӯ
Нешаш ба як говмеш зад.
Як духтарак пуфак ба даст,
Дар рӯи суфа менишаст,
Занбӯр пуфакро газид,
Қарсикунон пуфак кафид…» (128, с. 12)

Достони «Афсонаи сесона, се мурғи дари хона» (1962) мурочиати шоир ба хонанда оғоз мегардад:

«Эй бӯи гули санҷит,
Эй кулчаи рӯзи ид.
Эй себи сари дастам,
Оҳубарраи мастам.
Эй тори дутори ман,
Биншин ба канори ман.
Як духтараке будаст,
Қобилакаке будаст,
Аз хубии андомаш
Гулдаста будас номаш.
Чашмони сиёҳ доштаст,
Се мурғи ало доштаст,

Мурғони алояшро,

Бисёр балояшро

Дон додаст, об додаст,

Хонондаст, китоб додаст,

Аз хурдӣ калон кардааст,

Донои ҷаҳон кардааст… » [128,с. 3-4].   «»

Мавқеи «Ҳикояҳо» ва «Чистон» низ дар ташаккули тарбияи ахлоқӣ-башардӯстии хурдтаракон мақоми арзишманд дорад. ХСИ тавассути жанри ҳикоя ва чистон дар худ сифатҳои накӯӣ, меҳнатдӯстӣ, суботкорӣ, масъулиятпазирӣ, сабурӣ, ватанпарастӣ, ҳисси дилсӯзӣ, раҳмдилиро дар заминаи омӯзиши китобҳои дарсии ЗТ рушд медиҳанд.

Чистон моҳияташ аз он иборат аст дар лаҳзаҳои дамгирӣ, озод будан аз меҳнат ва ҳам дарки ҳаёту зиндагӣ ба кор бурда мешаванд.Чистон як навъи машғулияти бачагон мебошад. Ба воситаи чистон ақлу тафаккур ва хотираи кӯдакон рушду мустаҳкам мегардад. Чистон барои фароғат дар лаҳзаҳои дамгирӣ ва фориғ будан аз меҳнат, инчунин дарк намудани ҳаёту зиндагӣ ба кор бурда мешаванд.

Муҳаққиқ А.Суфиев қайд мекунад, ки «Ҳанӯз дар гузашта дар чистонёбӣ баробари калонсолон бачагони хурдсол низ иштирок менамуданд ва чистонбулбулон барин як навъи чистон ҳамчун машғулияти хоси бачагон дониста мешуд» [141, с.13].

Дар интишори чистонҳо саҳми Я.И.Калонтаров ва Р.Амонов хеле намоён аст ва бо сайъ онҳо нахустмаҷмуаи «Чистонҳо» (1956) ба табъ мерасад.

Масалан, чистон, ки мазмуни ришвахӯрӣ, порахӯрӣ дорад, дар тарбияи бачагон хеле зарур аст, ки аз амалҳои номатлуб онҳо парҳез намоянд.

«Масалан, масал – чистон:

Хонавайрон мешавӣ,

Дидагирён мешавӣ.

Ҷигарбирён мешавӣ,

Аз зиндагӣ дар Ватан,

Безор аз ҷон мешавӣ... » [ 142, с.48].

Педагоги машҳури рус К.Д.Ушинский моҳияти чистонро чунин баҳо додааст: «Чистонҳои завқовари ба тасвири предмету ашёҳои зиндагӣ бахшидашуда, хотироти бачагонро мустаҳкам мегардонад ва диққати онҳоро бо хусусиятҳои аҷоибу ғароиби табиати дилрабо ҷалб мекунад. Суҳбатҳои зинда ва пурҳаяҷон руҳи бачагонро баланд мебардорад» [ 156, с.635]

Аз нигоҳи Ҷ. Бобокалонова чистон менависад, ӯ: «Қадимтарин жанри фолклорист, жанри маъмул ва паҳнгаштаи фолклор ба ҳисоб меравад. Он чун ҳама гуна жанрҳои дигари фолклорӣ дар ташаккули шахсияти инсон, дар пешрафти маънавии ӯ роли муҳим дорад» [40, с.104].

Бояд қайд кард, ки дар тарбияи бачагони хурдсол тезгӯякҳо ва зарбулмасалҳо мавқеи муҳим доранд. Хонандагон як ё якчанд вожаҳои душворталаффузро интихоб мекунанд, байни худ шарт ва мусобиқа менамоянд, ки онҳо бояд ин калимаҳоро тез ва бехато гӯянд.

Масалан:

«Дар лаби кӯча чӯҷа,
Дар лаби чӯҷа Хӯҷа,
Шаш чӯҷаашро Хӯҷа
Об медиҳад аз ҷӯча...» [40, с.139]

«Зарбулмасал» яке аз жанрҳои адабиёти бадеии бачагона буда, дар шакли кӯтоҳи назми шифоҳӣ дар хониши бачагон мавқеи муҳим дорад. Зарбулмасалҳо бештар дар мавзуъҳои одобу ахлоқи ҳамида, мардонагӣ, ҳунармандӣ,оқилӣ ва нодонӣ, дӯст ва душман, падару модар, меҳнат ва меҳнатдӯстӣ бахшида шудаанд, ки дар тарбияи бачагон моҳимияти зарурӣ доранд. Масалан, дар боби омӯхтани касбу ҳунар ва некию накӯкорӣ: «Ҳунар беҳ, аз мероси падар», «Гирди номи падар чӣ мегардӣ, Падари хеш шав агар мардӣ». «Бо бадон бад бош бо некон накӯ», «Ҷон дар бадани беадабон ларзон аст, Сад ҷон диҳию адаб харӣ арзон аст» ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки шеър ва сурудҳои мазмуни баланди тарбиявӣ бахшидаи шудаи адибони бачагона, ба монанди тарбияи ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ,

саховатмандӣ, накӯкорӣ, ҳимматбаландӣ, ки ба хонандагони хурдсол таъсири тарбиявӣ мерасонад, аз аҳаммият холӣ нест. Мо дар мисол шеъри «Суруди сулҳхоҳон» – и А.Лоҳутиро, ки дар он ҳиссиёти амиқи инсондӯстӣ, муҳаббат ба афроди башар, ғамхорӣ ба ояндаи насли наврас, даъват ба якдилӣ, ки дар дили кучаки хурдсолон тавоноӣ ва қувват мебахшад, далели ин гуфтаҳост:

«То кай нори ҷанг
Сӯзонад ҷаҳон,
То кай ғарқи хун
Ҷисми кӯдакон?
Бархез баҳри сулҳ
Эй навъи башар,
Халқи ҳар кишвар
Аҳли ҳар забон!... » [203, с.167]

Суруду таронаҳои эҷодкардаи А.Лоҳутӣ ба мавзуъҳои муҳими сиёсӣ низ бахшида шудааст, махсусан суруди «Султонови номдор» адиб, ки чунин оғоз мегардад:

«Султонови номдор,
Ба аспи худ шуд савор.
Душмани Шеро аз ӯ
Яксара шуд торумор... » [203, с. 64].

Дар бораи ин сурудҳо Ю.Бобоев қайд кардааст: « Лиризми суруд дар он аст, ки на фақат эҳсосоти шахси сароянда, балки инчунин ҳиссу фикри оммаҳои васеи халқро дар ҳар замон ифода мекунад» [ 42, с.300].

Дар бораи суруду таронаҳо хусусан суруди «алла» аз ҷониби модарон эҷод гардида ба фолклори умумӣ ворид карда шудааст.

Муҳаққик Г.Виноградов ба ҷанбаи суруди «алла» дар асри « Фолклори бачагона» (Детский фолклори быт, 1925) ишора кардааст: «Дар таҳқиқоти фолклоршиносони тоҷик, аз ҷумла дар асари Б.Шермуҳаммадов «Назми халқии бачагонаи тоҷик» ҷонибдорӣ ёфтааст» [188, с.8-9].

Фолклоршиноси тоҷик Б.Шермуҳаммадов дар асараш «Назми халқии бачагонаи тоҷик» (1973) овардааст: «Қисми калони фолклори хурдтараконро суруду тарона, бозӣ ва маросимҳое ташкил мекунад, ки сароянда, иҷро ва ташкилкунандаи онҳо худи бачагонанд дар баъзе бозӣ ва маросимҳои мавсимии бачагон иштироки калонсолон ҳатмӣ шуморида мешавад » [167, с.34].

Таҳлили адабиёт бадеии бачагона ва таҷрибаи амалии педагогӣ нишон медиҳад, ки ҳолати эҳсосии хонандагони хурдсол дорои ду шакли асосист, ки ҳар кадоми он ба раванди ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ таъсири мустақим мерасонад.

**1) Ҳолати эҳсоси мусоид.**

Ин навъи ҳолат дар рафтори хайрхоҳона, муносибатҳои эҳтиромомез бо ҳамсолон, эҳсоси боварӣ ва эътимод нисбат ба омӯзгорон ва рафиқон, инчунин иштироки фаъолонаи кӯдакон дар ҳаёти ҷамъиятии синф таҷассум меёбад. Воқеият нишон медиҳад, ки чунин фазои мусоиди эҳсосӣ барои рушди қобилиятҳои иҷтимоӣ, ташаккули ҳамдардӣ ва муоширати созанда асос мегузорад.

**2) Ҳолати эҳсоси номусоид.**

Ин шакл бештар дар тағйирёбии пайиҳами кайфият, хашмгинӣ, асабоният, бегонашавӣ, нобоварӣ ба худ, саркашӣ, эҳсоси нооромӣ ва эътимод надоштан нисбат ба омӯзгорону ҳамсолон зоҳир мешавад.

Дигаргунии рафтору муносибат, ҳолати равонӣ вазъи муносибат ва муоширатро дар фазои синф муташанниҷ гардонда, раванди таълиму тарбияро халалдор мегардонад. Ба вуҷуд овардани фазои солими таълиму тарбия боиси эҳсоси мусбат ва ташаккули тарбияи ахлоқӣ- башардӯстии ХСИ мегардад.

Чунин муҳит ба рушду камоли ахлоқии кӯдак таъсири муассир расонида, ба ӯ имкон медиҳад, ки хислатҳои мусбати шахсият, қобилиятҳои инфиродии худро инкишоф диҳад. Ташаккули ибтидоии арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар ин синну сол, пеш аз ҳама, дар шакли ғамхорӣ нисбат ба ҳамдигар, таваҷҷуҳ ба эҳсосоти дигарон ва ташаккули услуби инсондӯстонаи муошират зоҳир

мегардад. Ин раванд ба татбиқи консепсияи педагогии инсонгароёна, ки ба рушди шахсият равона шудааст, мусоидат мекунад.

Бояд қайд кард, ки хонандагон ҳангоми хониши асарҳои бадеӣ, бояд бештар ба рушди нутқ, фарҳанги муошират, ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ ва қавӣ гардонидани ҳофиза таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Зеро яке аз нишонаҳои аслии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ – нутқи равон, бо лутфу марҳамат, меҳрубон ва беолоиш мебошад, ки муҳити дӯстдоштанӣ ва муоширати солимро дар синф ба вуҷуд меорад.

Дар маҷмуъ, адабиёти бадеӣ ва матнҳои ба таври мақсаднок интихобшуда дорои неруи баланди тарбиявӣ буда, истифодаи мунтазами онҳо дар раванди таълим ба ташаккули шахсияти хонандагон ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи ҷомеаи мутамаддини муосир мусоидат мекунад. Адабиёти бадеии бачагонаи миллӣ ва ҷаҳонӣ, ки арзишҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеаро инъикос менамояд, дар ташаккули ҷаҳонбинии ахлоқӣ ва иҷтимоии кӯдакон нақши муҳим мебозад.

Бо назардошти зарурати рушди арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, сатҳ ва меъёрҳои ташаккули ин арзишҳо дар марҳилаҳои ташкилию амалӣ, ҷустуҷӯӣ, иттилоотӣ ва андешакунӣ муайян карда шуданд.

Таҳқиқҳо нишон доданд, ки яке аз омилҳои таъсиргузор дар баланд бардоштани сатҳи ташаккули арзишҳо, истифодаи мақсадманд ва синнусолӣ мутобиқгардидаи адабиёти бадеӣ мебошад. Ин гуна матнҳо, агар дуруст интихоб карда шаванд, метавонанд дар инкишофи тафаккури ахлоқӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии инсонпарваронаи хонандагон нақши аслӣ дошта бошанд.

Аз таҳлилҳо муқаррар гардид, ки адабиёти бадеии бачагона дар руҳияи ахлоқӣ, умумибашарӣ, меҳнатдӯстӣ тарбия намудани насли наврас нақши муҳим дорад. Нақши адабиони рус ва тоҷик дар офаридани жанрҳои адабӣ хеле бузург аст, зеро ба воситаи офаридани қаҳрамонҳои асар мавқеи кӯдакон дар ҳаёт, фаъолияти минбаъдаи онҳо, ташаккули хислату сифат, пайравӣ ба

қаҳрамонҳои мусбат, ки идеали ҳаётии кӯдакон мегарданд, аҳаммияти хосро мансубанд.

Тазаккур мебояд, ки асарҳои эҷодгардидаи адибони мо бо чандин забонҳои гуногун нашр гардидаанд, ки дар байни хонандагони адабиёти бадеии бачагона мақомро соҳиб шудааст. Асарҳои таълифнамудаи П. Толис, С.Айнӣ, С.Улуғзода, Ҷ.Икромӣ, С.Ҷавҳаризода ва дигарон намунаи беҳтарини асарҳои бачагона ба шумор меравад.

Дар адабиёти бадеии бачагона офаридани образҳои қаҳрамонҳои асар, хислату сифатҳои табии онҳо, дар ташаккули тарбияи ахлоқӣ- башардӯстии хонандагон таъсирбахш буда, дар ҳаёт ва зиндагӣ онҳо идеалӣ худро интихоб намуда, ба онҳо пайравӣ менамоянд.

Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ маҳз дар ҳамин давра аҳаммияти хеле зиёд пайдо карда, дар заминаи ин худшиносӣ, ахлоқӣ ва ҷаҳонбинии хонанда ташаккул меёбад.

Ҳамин тавр, дар омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути адабиёти бадеии бачагона тарбияи ахлоқӣ-башардӯстӣ дар ХСИ ба воситаи корҳои таълимию тарбиявӣ созмон дода мешаванд:

- дар омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути адабиёти бадеии бачагона матнҳои адабӣ, ҳикояву афсонаҳо, шеъру таронҳо ва дигар жанрҳои адабӣ ташаккули арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстии ХСИ;

- ташаккули арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстии ХСИ дар омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути адабиёти бадеии бачагона ба воситаи бозиҳои нақшофарӣ;

- ташкили корҳои мустақилона, иҷрои машқҳо, луғатомӯзӣ, корҳои гурӯҳӣ истифода бо усулҳои фаъоли таълим, аз қабили усули «Кластер», «Диаграммаи Венн», «Чархи андешаҳо» ва ғайра.

Ҳамаи ин боиси он мегардад, ки ба воситаи омӯзиши фанни забони тоҷикӣ дар рушди арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстии ХСИ омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бадеии бачагона таъсири мусбат мерасонанд.

## БОБИ СЕЮМ « НАТИҶАҲОИ ОЗМОИШИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ- БАШАРДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ТАВАССУТИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНА ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

### 3.1. Ташкил ва гузаронидани озмоиши таълимӣ бобати ташаккули арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона

Муайян намудани сатҳ, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо дар раванди омӯзиши масъалаҳои ташаккули ААБ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад. Ин имконият медиҳад, ки дараҷаи рушди сифатҳои ахлоқӣ дар хонандагон ба таври объективӣ арзёбӣ гардида, самаранокии корҳои таълимию тарбиявӣ ва методикаи пешниҳодшуда муайян карда шавад.

Дар таҳқиқот меъёрҳои зерин ҳамчун асос қабул карда шудаанд:

1. Меъёри маърифатӣ – сатҳи дониши хонандагон оид ба меъёрҳои ахлоқӣ, фаҳмиши мафҳумҳои некӣ, адолат, эҳтиром, ростқавлӣ, қобилияти шарҳ додани рафтори ахлоқӣ тавассути намунаи мисолҳо;

2. Меъёри арзишӣ- муносибатӣ – муносибати мусбат нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ, эҳсоси эҳтиром ба калонсолон ва ҳамсабақон, омодагӣ ба ёрии дигарон ва ҳамдардӣ;

3.Меъёри рафторӣ- амалӣ -зоҳир намудани рафтори ахлоқӣ дар вазъиятҳои таълимӣ ва ғайритаълимӣ, риояи қоидаҳои рафтор дар мактаб, иштирок дар корҳои гурӯҳӣ ва тарбиявӣ.

Дар асоси ин меъёрҳои муайяншуда нишондиҳандаҳои зерин пешниҳод мегардад:

- риояи одоби муошират бо омӯзгорон ва ҳамсабақон;
- зоҳир намудани ростқавлӣ дар фаъолияти таълимӣ;
- масъулиятшиносӣ нисбат ба супоришҳои хонагӣ ва синфӣ;
- меҳрубонӣ, ҳамдардӣ ва ёрии ҳамдигарӣ;
- иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ.

Дар таҳқиқот се сатҳи асосии ташаккул муайян карда шудааст:

1.Сатҳи баланд – хонандагон дониши устувор ва муносибати бошуурона нисбат ба АА ( арзишҳои ахлоқӣ) доранд. РАБ (рафтори ахлоқию башардӯстӣ) дар фаъолияти ҳаррӯза мустақилона ва пайваста зоҳир мегардад.

2.Сатҳи миёна- хонандагон дониши муайян оид ба ААБ доранд, онҳоро дар аксари ҳолатҳо риоя менамоянд. Муносибати мусбат ташаккул ёфтааст, аммо устувории рафтори ахлоқӣ ҳанӯз пурра таъмин нашудааст.

3.Сатҳи паст-хонандагон дониши нокифоя дар бораи меъёрҳои ахлоқӣ доранд, РАБ (рафтори ахлоқӣ – башардӯстӣ) бештар зери таъсири назорати беруна зоҳир мегардад. Муносибат ба арзишҳои ахлоқӣ ноустувор буда, дар вазъияти гуногун зуд тағйир меёбад.

Нишондиҳандаҳои ТААБ имконият медиҳад, ки раванди тарбияи ахлоқии ХСИ ба таври самаранок ба роҳ монда шавад.

Дар шароити кунунии рушди маориф ТАБ насли наврас яке аз масъалаҳои афзалиятнок ва муҳимми низоми таҳсилот ба шумор рафта, хусусан дар синфҳои ибтидоӣ, ки марҳилаи асосии ташаккули шахсият ба ҳисоб меравад, рушди ААБ аҳаммияти махсус дорад. Бо назардошти ин зарурати муайян намудани сатҳи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ТАБ ба миён меояд, ки имкон раванди таълим арзёбӣ гардад.

Ҷорӣ намудани муносибати башардӯстона ба низоми таҳсилот, ки пояи он бар эътирофи арзишмандӣ, нодирӣ ва такрорнопазирии ҳар инсон гузошта шудааст, ҷараёни таълимро ба модели равияи шахсиятӣ равона месозад. Дар чунин равиш хонанда аз мавқеи қабулкунандаи сустӣ берун рафта, ба субъекти мустақили омӯзиш ва меҳвари раванд табдил меёбад. Омӯзиш дар ин ҳолат на танҳо интиқоли дониш, балки ташкили муҳите мебошад, ки имкони рушди инфиродӣ, нигаҳдории эҳтиром ба шахсият ва ташаккули худшиносии кӯдакро фароҳам меорад.

Дар ин замина маводи таълимӣ бояд дорои мазмуни баланд бошад, то ки ҷанбаҳои фалсафӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии таълимро инъикос кунад. Ба рушди тафаккури мантиқӣ ва эҳсосоти хонандагони синни хурди мактабӣ, пеш

аз ҳама саҳми илм ва техника, робитаи пешрафти иқтисодӣ бо арзишҳои ахлоқӣ ва башардӯстиро, ки инъикос менамоянд, мусоидат менамоянд.

Мазмун ва мундариҷаи таълим яке аз омилҳои асосӣ дар ташаккули шахсияте ба ҳисоб меравад, ки дорои ААБ мебошад. Маҳз мундариҷаи дуруст интихобшуда метавонад, дар шуури хонанда фаҳмиш, рафтор ва муносибатҳои инсонпарваронаро ташаккул диҳад. Маҳз тавассути интихоби дуруст ва ҳадафмандонаи маводи таълимӣ, ки арзишҳои инсондӯстӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад, имкон фароҳам меояд, ки шахсияти кӯдак ба таври ҳамҷоя зеҳнӣ, ахлоқӣ ва эҳсосӣ рушд ёбад.

Дар педагогикаи анъанавӣ, ки бештар ба иҷрои вазифаҳои таълимии низоми маориф равона гардидааст, мазмуни омӯзиш ҳамчун маҷмуи донишҳо, малакаҳо, муносибатҳо ва эътиқодҳои ба тартиб даровардашуда фаҳмида мешавад. Маҳз ҳамин мазмун сатҳи рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва зеҳнии хонандагонро муайян намуда, нишон медиҳад, ки онҳо то чӣ андоза донишро дар амал истифода бурда метавонанд. Дар чунин равиши таълим дониш натиҷаи азхудкунии мундариҷа дониста шуда, ҳамчун қисми муҳимми таҷрибаи таърихӣ ва фарҳангии инсоният арзёбӣ мегардад.

Дар анъанаи классикии омӯзиш, дониш на танҳо ҳамчун маҷмуи иттилооти омӯхташуда, балки ҳамчун натиҷаи таҷрибаи тулонии башарият арзёбӣ мегардад. Дониш ба шахс имкон медиҳад, ки ба муҳити иҷтимоӣ ворид шавад, бо талаботи ҷомеа созгор гардад ва дар фаъолияти ҷамъиятӣ иштирок намояд, ки ин ҳолат ҷараёни иҷтимоишавӣ ва рушди шахсиятро тақвият мебахшад.

Мақсади таълиму тарбия ба рушди мутаносиби ҳамаҷонибаи шахс нигаронида шудааст ва дар заминаи мақсаду вазифаҳои таълим ғояҳои инсонгароёна, рушди ҷаҳонбинӣ, арзишҳои башардӯстона дар ХСИ омӯзиши фанни забони тоҷикӣ тавассути адабиёти бадеии бачагона бо ҳамин ҳадаф ба роҳ монда мешавад.

Мафҳуми инсонгароӣ дар таълим, ки бо равиши омӯзиши равияи шахсиятӣ ҳамоҳанг мебошад, нақши муҳим дар шаклгирии мазмун ва сохтори барномаҳои таълимӣ дорад. Дар чунин фаҳмиш омӯзиш на танҳо интиқоли

донишҳои тайёр аст, балки раванде мебошад, ки ба ташаккули шахсияти мустақил, дорои тафаккури озод ва меҳвари арзишҳои инсонии нек ҳидоят меёбад. Ин гуна дидгоҳ дар таҳқиқотҳои педагогии солҳои охир ҳамчун асоси методологӣ пазируфта шудааст ва ба рушди низоми маорифи инсонмеҳвар замина мегузорад.

Равиши инсонмеҳвари таълим, ки асосаш бар қабули арзишҳои башардӯстӣ гузошта шудааст, ба хонанда имкони интихоби мундариҷаи омӯзишро мувофиқи завқу талаботи шахсӣ фароҳам меорад. Чунин раванд ба қонеъсозии эҳтиёҷоти маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии фард мусоидат намуда, таълимро ба василаи рушду худтакмилдиҳии шахсият табдил медиҳад. Чунин раванд на танҳо муносибати эҳтиромона ва инсондӯстона нисбат ба шахсияти рушдёбандаро тақвият медиҳад, балки фазои тарбиявиро ба вуҷуд меорад, ки дар он худшиносӣ, худтанзимсозӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва баҳри худшиносӣ ҳамчун меъёрҳои муҳимми фарҳанги иҷтимоӣ ташаккул меёбанд [182, с.38-43].

Адабиёти бадеӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми ташаккули шахсияти хонанда дар раванди таълиму тарбия муайян гардидааст. Дар ин раванд нақши осори адибони бачагона хеле арзишманд аст. Ин жанрҳо дар ташаккули ТАБ (тарбияи ахлоқӣ-башардӯстӣ), ки муҳаррики рафтор ва муносибатҳои иҷтимоии кӯдак мебошанд, таъсири амиқ доранд.

Муҳаққиқ Л. Лидак қайд мекунад, ки «истифодаи асарҳои бадеӣ барои инкишофи андешаҳои инсонгароёна дар хонандагон аҳаммияти махсус дорад» [96].

Дар чунин матнҳои бадеӣ аксар вақт ҳолатҳои зиддиятнок ва мунокишаҳои образӣ тасвир мешаванд, ки дар онҳо арзишҳои «нек» ва «бад» муқоиса мегарданд. Ин муқоиса ба хонанда имкон медиҳад, ки паёмҳои ахлоқиро амиқтар эҳсос намуда, зиштии рафтори нодуруст ва аҳаммияти интихоби рафтори инсонпарваронаро дарк кунад

А. Д. Кошелева низ ба аҳаммияти эҷоди вазъиятҳои проблемавӣ, ки дар онҳо хонандагон метавонанд мустақилият, фаъолияти эҷодӣ ва мавқеъи шахсии худро нишон диҳанд, таъкид мекунад. Ба фикри ӯ, «омӯзгор бояд ҳодисаҳои

инъикосёфтаро дар асарҳои бадеӣ ҳамчун манбаи асосӣ барои инкишофи огоҳии ахлоқӣ ва муносибатҳои башардӯстонаи кӯдакон истифода барад. Дар чунин вазъиятҳо хонандагон ҳодисаҳоро на ҳамчун воқеа, балки ҳамчун ҳолати ахлоқӣ арзёбӣ карда, имкони дарки арзишҳои инсонпарваронаро пайдо мекунанд» [199,с.159].

Муҳаққиқ Е.Е. Шишлова «равиши башардӯстонаро ба унвони модели фаъолсозандаи имкониятҳои инсонӣ дар шахсияти кӯдак» тавсиф кардааст. Ин модел дорои самтгирии амалӣ буда, пешбинӣ менамояд, ки кори таълимӣ дар ҳамкории омӯзгор ва хонанда бо риояи қадамҳои пайдарпайи фаъолият ташкил ёбад [164, с.160].

Дар дарсҳои хониш, таҳлили муфассали хислатҳои мусбӣ ва манфии қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ, муқоисаи башардӯстии воқеӣ бо инсонпарварии зоҳирӣ, баррасии адолати иҷтимоӣ ва зуҳуроти беадолатӣ ба хонандагони хурдсол имконият медиҳад, ки бо ҷаҳони пурра ва гуногуни муносибатҳои инсонӣ ошно шаванд. Ин раванд на танҳо дидгоҳи ахлоқии кӯдаконро густариш медиҳад, балки онҳоро ба дарк, эҳтиром ва қадршиносии ғояҳои башардӯстона роҳнамоӣ мекунад.

Мундариҷаи таҳсилоти муосир набояд танҳо бар дастовардҳои илмӣ ва пешрафтҳои техникии замон асос ёбад, балки барои ташаккули комили шахсият зарур аст, ки дар баробари донишҳои фаннӣ, унсурҳои инсоншиносӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ низ тарбия карда мешавад.

Мундариҷаи дуруст интихобшудаи арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки на танҳо дониш андӯзад, балки муносибат ва ҷаҳонбинии инсонпарварона эҳё гардида, дар раванди иҷтимоӣ шудан, арзишҳои умумибашариро ҳамчун меъёри рафтор қабул намояд.

Арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ шахсиятӣ дар ҳоли ташаккулёбӣ зери таъсири маҷмуи омилҳо фарҳанги сиёсӣ, ҳуқуқӣ-иқтисодӣ, маънавӣ, омодагии ҷисмонӣ, таҷрибаи муоширати байнимиллӣ ва байнишахсӣ шакл мегиранд ва моҳияти воқеии худро пайдо мекунанд. Адабиёт ва донишҳои инсонгароёна ҳамчун воситаҳои калидии ташаккули ҷаҳонбинии ахлоқӣ амал карда, ба фард

имкон медиҳанд, ки муносибати арзишманд, масъулона ва огоҳона нисбат ба худ, дигарон ва муҳити иҷтимоӣ шакл диҳад.

Бояд як ҷиҳати дигарро қайд кардан зарур аст, ки дар китобҳои дарсӣ хеле кам ба матнҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки ба мазаммати рафторҳои номақбули инсонӣ, ба монанди қаллобӣ, ҳаннотӣ, фиреб, гирифтани ҳаққи дигарон, беэҳтиромӣ ба меҳнати дигарон, беҳурматӣ нисбат ба беморону калонсолон ва ҳамсолон нигаронида шуда бошанд. Маҳз ин гуна матнҳо метавонанд, имкони муҳимми ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар хонандагон бошанд, зеро онҳо бо роҳи бадеӣ паёмадҳои рафтори нодурустро нишон дода, кӯдакро ба дарк кардани арзишҳои некӣ, ростқавлӣ, эҳтиром ва ҳамдардӣ роҳнамоӣ мекунанд.

Хусусияти башардӯстонаи таълим на танҳо дар азхудкунии мундариҷа ва ташаккули маҳорати хондани асарҳои бадеӣ ифода меёбад, балки пеш аз ҳама, ба рушди эҷодкорӣ, озодии фикрию зеҳнӣ, покизагии ахлоқӣ ва тавсеаи ҳамгироии шахсии омӯзгор ва хонандаи хурдсол равона мешавад. Ин раванд ба тарзи фаъол ва ҳадафманди инкишофи шахсияти кӯдак мусоидат мекунад ва муҳити таълимиро ба фазои инсонгароёна табдил медиҳад.

Бо мақсади муайянсозӣ ва дарёфти моҳияти мушкилоте, ки дар ташаккули ААБ ба миён меоянд, миёни 44 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз МТМУ №10-и ш. Душанбе, МТМУ №15- ш. Ҳисор, МТМУ № 132-и ш. Ваҳдат пурсишнома гузаронидем. Саволҳои пурсишнома ба таври зерин тарҳрезӣ гардида буданд:

1. Шумо ба хонандагони синфҳои I-IV кадом намудҳои малака ва унсурҳои фаъолияти мустақилона меомӯзонед?

2. Кадом воситаҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсолро дар марҳилаи омодагӣ ба азхудкунии матни нав, дар марҳилаи дарки мазмуни он ва дар марҳилаи татбиқи донишҳо истифода мебаред?

3. Бо мисолҳои мушаххас нишон диҳед, ки принсипҳои муносибати арзишнигоронаро дар шароити гуманизатсияи таълим чӣ гуна дар марҳилаи шиносоӣ бо маводи нав ва дар марҳилаи татбиқи донишҳои нав амалӣ месозед?

4.Дар хониши асарҳои бадеӣ ва фаъолгардонии қобилиятҳои маърифатии ХСИ бо кадом мушкилиҳо бархурд гардидед?

Амалисозии ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар омӯзиши хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз ҷониби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар ҷадвал ва диаграмма пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали № 9.**

| № | МТМУ | Микдори омӯзгорони СИ | Ҳа | % | Не | % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | №10-и ш.Душанбе | 10 нафар | 8 | 80% | 2 | 20% |
| 2. | №132-и ш.Ваҳдат | 19 нафар | 16 | 84,2% | 3 | 15,8% |
| 3. | №15-и ш.Ҳисор | 15 нафар | 11 | 73,3 % | 4 | 26, 7% |
| 4 | Ҷамъ: | 44 нафар | 35 | 79,5 % | 9 | 20,5% |




**Диаграммаи 1. Муайянсозии ташаккули сифатҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ дар омӯзиши хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз ҷониби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Таҳлилҳо нишон дод, ки аз 44 нафар омӯзгорони МТМУ доир ба саволҳои пешниҳодгардида чунин натиҷа гирифтем, ки аз 35 нафар омӯзгорон ба саволҳо посухи қонеъкунанда, ки 79,5%-ро ташкил дод. Аз 9 нафар омӯзгорон ба саволҳо ҷавобҳои пурра дода натавонистанд, ки 20, 5%- ро ташкил медиҳад.

Барои баланд бардоштани сатҳи арзёбии ААБ дар синфҳои ибтидоӣ (440 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ №10-и ш. Душанбе,

№15-и ш. Ҳисор ва №132- ш. Ваҳдат) дар омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути адабиёти бачагона назарсанҷӣ гузаронидем.

Сатҳи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ - башардӯстӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

**Ҷадвали № 10.**

| № | Арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ | МТМУ №10 | Синф 1- 4 | Пеш аз озмоиш | % | Баъд аз озмоиш | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Эҳтиром ба калонсолон | 150 | | 102 н. | 68% | 146 н. | 97,3% |
| 2. | Ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигар | 150 | | 90 н. | 60% | 138 н. | 92% |
| 3. | Ростқавлӣ | 150 | | 80н. | 53,3% | 126 н. | 84% |
| 4. | Масъулиятшиносӣ | 150 | | 78н. | 52% | 118 н. | 78,7% |
| 5. | Меҳрубонӣ ва ҳамдардӣ | 150 | | 120н. | 80% | 138 н. | 92% |




**Диаграммаи №2. Сатҳи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ - башардӯстӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ**

**Сатҳи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ - башардӯстӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ.**

**Ҷадвали №11.**

| № | Арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ | МТМУ №15 | Синф 1- 4 | Пеш аз озмоиш | % | Баъд аз озмоиш | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Эҳтиром ба калонсолон | 120н. | | 96 н. | 80% | 113 н | 94,2% |
| 2. | Ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигар | 120н. | | 78 н. | 65% | 96 н. | 80% |
| 3. | Ростқавлӣ | 120н. | | 82 н. | 68,3% | 101н. | 84,2% |
| 4. | Масъулиятшиносӣ | 120 н. | | 68 н. | 56,7% | 93 н. | 77,5% |
| 5. | Меҳрубонӣ ва ҳамдардӣ | 120 н. | | 103 н. | 85,8% | 118 н. | 98,3% |




**Диаграммаи №3. Сатҳи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ - башардӯстӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ**

**Сатҳи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ - башардӯстӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ.**

**Ҷадвали №12.**

| № | Арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ | МТМУ №132 | Синф 1- 4 | Пеш аз озмоиш | % | Баъд аз озмоиш | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Эҳтиром ба калонсолон | 170 н. | | 132 н. | 77,7% | 163 н. | 95,9% |
| 2. | Ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигар | 170 н. | | 113 н. | 66,5% | 148 н. | 87,1% |
| 3. | Ростқавлӣ | 170 н. | | 98 н. | 57,6% | 137 н. | 80,6% |
| 4. | Масъулиятшиносӣ | 170 н. | | 96 н. | 56,5% | 132 н. | 77,6% |
| 5. | Меҳрубонӣ ва ҳамдардӣ | 170 н. | | 156 н. | 91,8% | 166 н. | 97,6% |




**Диаграммаи №4. Сатҳи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ - башардӯстӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ**

Натиҷаҳои озмоиш нишон медиҳанд, ки баъд аз татбиқи корҳои мақсадноки сатҳи ТААБ дар ХСИ ба таври назаррас баланд гардидааст.

Корҳои таълимию тарбиявӣ тавассути матнҳои ахлоқӣ ва суҳбатҳои методӣ гузаронида шуданд, ки ҷадвали он нишон дода шудааст.

**Натиҷаи корҳои таълимию тарбиявӣ дар дарсҳои хониш ва забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоии МТМУ №10-и ш.Душанбе.**

**Ҷадвали №13**

| № | Нишонди-ҳандаҳо | Шумораи хонандагон | Сатҳи баланд | (%) | Сатҳи миёна | (%) | Сатҳи паст | (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Пеш аз таҷриба | 150 н. | 30 | 20% | 70 | 46,7% | 50 | 33,3% |
| 2. | Баъд аз таҷриба | 150 | 100 | 66,7% | 32 | 21,3% | 18 | 12% |




**Диаграммаи №5. Натиҷаи корҳои таълимию тарбиявӣ дар дарсҳои хониш ва забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоии МТМУ № 10-и ш. Душанбе**

Натиҷаи корҳои таълимию тарбиявӣ дар дарсҳои хониш ва забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоии МТМУ № 15- ш.Ҳисор.

**Ҷадвали №14.**

| № | Нишонди ҳандаҳо | Шумораи хонанда гон | Сатҳи баланд | (%) | Сатҳи миёна | (%) | Сатҳи паст | (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Пеш аз таҷриба | 120н. | 25 | 20,8% | 60 | 50% | 35 | 29,2% |
| 2. | Баъд аз таҷриба | 120 н. | 84 | 70% | 24 | 20% | 12 | 10% |



**Диаграммаи №6. Натиҷаи корҳои таълимию тарбиявӣ дар дарсҳои хониш ва забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоии МТМУ № 15-и ш.Ҳисор**

Натиҷаи корҳои таълимию тарбиявӣ дар дарсҳои хониш ва забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоии МТМУ № 132-и ш.Ваҳдат.

**Ҷадвали №15.**

| № | Нишондиҳандаҳо | Шумораи хонандагон | Сатҳи баланд | (%) | Сатҳи миёна | (%) | Сатҳи паст | (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Пеш аз таҷриба | 170н. | 48 | 28,2% | 70 | 41,2% | 52 | 30,6% |
| 2. | Баъд аз таҷриба | 170 н. | 112 | 65,9% | 36 | 21,2% | 22 | 12,9% |




**Диаграммаи №7. Натиҷаи корҳои таълимию тарбиявӣ дар дарсҳои хониш ва забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоии МТМУ № 132-и ш.Ваҳдат**

Натиҷаи озмоиши корҳои таълимию тарбиявӣ дар дарсҳои хониш ва забони тоҷикӣ дар се муассиса: МТМУ №10-и ш.Душанбе, №15- и ш.Ҳисор ва №132- и Ваҳдат чунин нишон дод:

1.МТМУ №10-и ш.Душанбе:

Сатҳи баланд - аз 20% ба 66,7% боло бурда шуд.

Сатҳи миёна – аз 46,7% ба 21,3% ва сатҳи паст – аз 33,3% ба 12%.

2.МТМУ №15-и ш.Ҳисор:

Сатҳи баланд – аз 20,8% ба 70% боло бурда шуд.

Сатҳи миёна - аз 50% ба 20% ва сатҳи паст – аз 29,2 ба 10%.

3.МТМУ №132- и ш.Ваҳдат:

Сатҳи баланд- аз 28,2% ба 65,9 боло бурда шуд.

Сатҳи миёна- аз 41,2 % ба 21,2% ва сатҳи миёна – аз 30,6% ба 12,9%.

Дар гурӯҳи таҷрибавӣ тағйироти назаррас мушоҳида гардид, ки самаранокии методикаи пешниҳодшударо исбот мекунад.

Муқоисаи натиҷаҳои гурӯҳи назоратӣ ва озмоишӣ нишон медиҳад, ки истифодаи методикаи таҳияшуда дар ТААБ таъсири мусбат расонидааст. Ҷадвал ва диаграммаҳо нишон медиҳад, ки дар синфҳои ибтидоӣ пас аз татбиқи методикаи пешниҳодшуда сатҳи арзишҳои ахлоқӣ- башардӯсти ба таври мунтазам баланд гардидааст.

Дараҷаи рушди сифатҳои ахлоқию башардӯстӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳо.

**Ҷадвали №16.**

| № | Нишондиҳандаҳо | МТМУ № 10 | Синфи 1-4 | Сатҳи баланд | % | Сатҳи миёна | % | Сатҳи паст | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Муносибат бо ҳамсабақон | 150 | | 84 | 56% | 43 | 28,7 % | 23 | 15,3% |
| 2 | Эҳтиром ба омӯзгорон | 150 | | 120 | 80% | 20 | 13,3 % | 10 | 6,7% |
| 3 | Омодагӣ ба ёрии дигарон | 150 | | 94 | 62,7% | 36 | 24% | 20 | 13,3% |
| 4 | Риояи қоидаҳои ахлоқӣ | 150 | | 127 | 84,7% | 15 | 10% | 8 | 5,3% |




**Диаграммаи №8. Дараҷаи рушди сифатҳои ахлоқию башардӯстӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳо**

Дараҷаи рушди сифатҳои ахлоқию башардӯстӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳо.

**Ҷадвали №17.**

| № | Нишондиҳандаҳо | МТМУ № 15 | Синфи 1-4 | Сатҳи баланд | % | Сатҳи миёна | % | Сатҳи паст | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Муносибат боҳамсабақон | 120 | | 80 | 66,7% | 25 | 20,8% | 15 | 12,5% |
| 2 | Эҳтиром ба омӯзгорон | 120 | | 100 | 83,3% | 15 | 12,5 % | 5 | 4,2% |
| 3 | Омодагӣ ба ёрии дигарон | 120 | | 95 | 79,2% | 15 | 12,5 % | 10 | 8,3% |
| 4 | Риояи қоидаҳои ахлоқӣ | 120 | | 112 | 93,3% | 5 | 4,2% | 3 | 2,5% |




**Диаграммаи №9. Дараҷаи рушди сифатҳои ахлоқию башардӯстӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳо**

Дараҷаи рушди сифатҳои ахлоқию башардӯстӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳо.

**Ҷадвали №18.**

| № | Нишондиҳан Даҳо | МТМУ № 132 | Синфи 1-4 | Сатҳи баланд | % | Сатҳи миёна | % | Сатҳи паст | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Муносибат бо ҳамсабақон | 170 | | 114 | 67% | 36 | 21,2% | 20 | 11,8% |
| 2. | Эҳтиром ба омӯзгорон | 170 | | 135 | 79,4% | 30 | 17,6% | 5 | 2,9% |
| 3. | Омодагӣ ба ёрии дигарон | 170 | | 98 | 57,6% | 50 | 29,4% | 16 | 9,4% |
| 4. | Риояи қоидаҳои ахлоқӣ | 170 | | 140 | 82,4% | 25 | 14,7% | 5 | 2,9% |




**Диаграммаи №10. Дараҷаи рушди сифатҳои ахлоқию башардӯстӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳо**

Натиҷаҳои озмоиш нишон дод, ки дар рушди сифатҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мутобиқи нишондиҳандаҳо 1.**МТМУ №10- и ш. Душанбе** - аз 150 нафар хонандагон: сатҳи баланд- 1.- 56%; 2- 80%; 3- 62,7%; 4- 84,7% ; сатҳи миёна - 1- 28,7%; 2- 13,3%; 3-24%; 4-10%; сатҳи паст – 1-15,3% ; 2- 6,7% ;3-13,3% ;4-5,3% - ро ташкил дод.

2.**МТМУ №15- и ш. Ҳисор** - аз 120 нафар хонандагон: сатҳи баланд- 1.- 66,7% ; 2- 83,3%; 3- 79,2%; 4- 93,3%; сатҳи миёна – 1- 20,8%; 2-12,5%; 3-12,5%;4-4,2%; сатҳи паст –1-12,5%; 2-4,2%;3-8,3%;- 4-2,5%- ро ташкил дод.

3.**МТМУ №132- и ш. Ваҳдат** - аз 170 нафар хонандагон: сатҳи баланд- 1.- 67%; 2- 79,4%; 3- 79,4%; 4- 82,4%: сатҳи миёна – 1-21,2%; 2-17,6%; 3-29,4%; 4-14,7%; сатҳи паст – 1-11,8%; 2-2,9%; 3-9,4%; 4-2,9%- ро ташкил дод.

Таҳлили натиҷаҳо нишон дод, ки бархе аз хусусиятҳои умумии шавқу завқи хонандагон дар МТМУ- шаҳру ноҳияҳо шабоҳати назаррас доранд. Ин дурустии методологияи таҳқиқоти интихобшуда ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамояд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми сатҳи ташаккули шавқу завқи маърифатӣ

муносибати хонандагони хурдсол ба фанҳои таълимӣ мебошад. Таваҷҷуҳи ХСИ бештар дар омӯзиши ЗТ дар ҳамгироӣ бо АБ зоҳир мегардад. Асарҳои бадеӣ ва матнҳои китобҳои дарсӣ, ба ниёзҳои маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷавобгӯ буда, сатҳи ТААБ ХСИ-ро баланд мебардоранд.

Аз натиҷаҳои озмоишӣ маълум гардид, ки барои ТААБ ХСИ омӯзгорон аз роҳу усулҳои гуногуни самараноки таълим истифода бурда, тарбияи АБ-ии онҳоро ба воситаи хониши ҳикояҳо, қиссаҳо, афсонаҳо, шеъру таронаҳо, зарбулмасалу мақолҳо, тезгӯякҳо, иҷрои машқҳо, матнҳое, ки хусусияти тарбиявӣ доранд, афзун мегардонанд. Адабиёти бадеии бачагона бо имконияти бузурги бадеиву эҳсосӣ худ ҳамчун воситаи таъсиргузори ташаккули арзишҳои шахсият амал мекунад ва ба танзими муносибатҳои кӯдак бо ҳамсолон, калонсолон ва муҳити атроф мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, истифодаи илмӣ-асоснок, пайдарпай ва мақсадноки адабиёти бадеии бачагона дар зинаи ибтидоӣ яке аз омилҳои тарбиявии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ ба ҳисоб меравад ва метавонад, ба баланд бардоштани сатҳи маърифатӣ ва рушди шахсияти нав ташаккулёбанда таъсири мусбат расонад.

### 3.2. Таҳлили натиҷаҳои озмоиши таълимӣ ва арзёбии сатҳи ташаккули арзишҳои ахлоқию – башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ

Таҳлилҳо нишон доданд, ки истифодаи АББ барои намунаи рафтор, муносибатҳои инсонӣ ва дарки меъёрҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ барои ХСИ як манбаи пурқуввати таъсиррасониӣ ба шумор рафта, кӯдакон ба муҳтавои бадеӣ на танҳо ҳамчун матни хонданӣ, балки ҳамчун таҷрибаи эҳсосӣ ва иҷтимоӣ муносибат карда, воқеиятҳои ахлоқиро тавассути қаҳрамонҳои асарҳо беҳтар дарк менамоянд.

Бо назардошти вазифаҳои тадқиқот, озмоиш дар ду марҳила сурат гирифт:

1.Марҳилаи ташхисӣ - муайян кардани сатҳи ибтидоии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар хонандагон.

2.Марҳилаи ташаккулдиҳанда-муайян намудани он, ки барномаҳои махсуси хониши бадеӣ то чӣ андоза метавонанд рушди ин арзишҳоро тақвият бахшанд.

Маълумоти бадастомада исбот намуд, ки истифодаи мақсадноки адабиёти бадеӣ дар таълими ибтидоӣ метавонад, ба ташаккули муносибатҳои башардӯстона, эҳсоси ҳамдардӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва қобилияти арзёбии рафтор аз мавқеи ахлоқӣ таъсири назаррас расонад.

Ҳадафи асосии озмоиши санҷишӣ воқеияти фарзияи тадқиқотӣ дар бораи нақши адабиёти бадеӣ дар ТАБ-и ХСИ мебошад. Аадабиёти бадеии бачагона хусусияти равонӣ ва синнусолии кӯдаконро ба эътибор гирифта, бо забони сода, образҳои зинда ва ҳодисаҳои фаҳмо таъсири тарбиявӣ мерасонад. Қаҳрамонҳои асарҳои бачагон аксаран намунаи рафтори нек ё нодурустанд, ки хонандагон ба воситаи муқоиса ва ҳамдардӣ хулоса мебарорад.

Бояд қайд кард, ки дарсҳои ЗТ на танҳо омӯзиши хондану навиштан, балки воситаи тарбияи маънавии ХСИ бошад. Ҳар як машқи ЗТ, аз қабили хониш, саволу ҷавобҳо, иҷрои машқҳо, навиштани иншо, нақли ҳикояву афсонаҳо дорои мазмуни баланди ахлоқӣ- башардӯстӣ буда, дар ташаккули сифату хислатҳои бачагон таъсири мусбат мерасонад.

Корҳои озмоишии анҷомдодаи мо дорои ҷараёни бисёрзинагӣ буда, татбиқи он дар доираи се фосилаи мустақил сурат пазируфт.

Зинаи нахуст **(**2020–2021**)** ба омӯзиши муфассали захираҳои илмӣ бахшида шуд. Дар ин марҳила маҷмуи адабиёти мавриди назар, аз монографияҳои соҳавӣ то диссертасияҳо ва таҳқиқоти назариявии дорои заминаҳои фалсафӣ, педагогӣ, методологию методикӣ, равоншиносӣ, сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, миллӣ-маънавӣ ва филологӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил гардид. Бо такя ба ин манобеъ, таҷрибаи таълимии насли устодони пешин ва пайравони замони нав ҷамъоварӣ ва муқоиса шуд. Дар натиҷа, равиши таҳқиқотӣ муайян гардида, асосҳои методологӣ ва механизмҳои амалисозии ғояҳои илмӣ мушаххас дониста шуданд, ки минбаъд ҳамчун манбаи оғоз барои марҳилаҳои таҳқиқотии баъдӣ хизмат намуданд.

Дар марҳилаи дуюм (2022–2023), модели таҳияшудаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки дар асоси маълумотҳои марҳилаи аввал ба вуҷуд омада буд, ба таври таҷрибавӣ дар амалияи педагогӣ санҷида шуд. Модел тавассути ҷорӣ намудани хониши адабиёти бадеии бачагона дар раванди таълим ҳам дар фаъолияти синфӣ ва ҳам дар шаклҳои беруназсинфӣ татбиқ карда шуд. Ин озмоиш ба мо имкон дод, ки барномаи махсуси таълимӣ-тарбиявӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва асоснок намоем.

Дар марҳилаи сеюм (2024–2025), натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти педагогӣ коркард, таҳлил ва ба низом дароварда шуда, хулосаҳои илмӣ ва амалии он ҷамъбаст гардиданд. Пешниҳоди таҳияи тавсияҳои методӣ дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ дар таълиму тарбияи ХСИ дар омӯзиши забони тоҷикӣ тавассути АББ.

Арзёбии сатҳи инкишофи АБ ХСИ бо истифода аз методҳои нақл, суҳбат, машқ, нақшофарӣ, пурсишнома (анкета), хониши матн, корҳои гурӯҳӣ, корҳои ду нафарӣ, луғатомӯзӣ, эҳсосияи математикӣ ва ғайра гузаронида шуд. Ин методҳо бо дарназардошти шароити муассисаҳои озмоишӣ ва имкониятҳои синну солии хонандагон интихоб гардида, имкони таҳқиқи нисбатан объективӣ ва боэътимоди вазъи мавҷударо фароҳам оварданд.

Дар марҳилаи озмоишии ТААБ вазифаҳои зерин иҷро гардиданд: пеш аз ҳама, сатҳи воқеии истифодаи адабиёти бадеии бачагона дар синфҳои ибтидоӣ омӯхта шуда, самаранокии баҳрабардории ҳадафмандона аз ин навъи адабиёт барои ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони хурдсол муайян карда шуд. Ҳамзамон, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои ташхиси сатҳи ташаккул ва рушди ААБ мушаххас гардиданд.

Меъёрҳои арзёбии сатҳи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ дар раванди истифодаи адабиёти бадеии бачагона чунин муайян гардиданд:

1. Худогоҳӣ: Донистани сифатҳо, намунаҳо ва анъанаҳои фарҳанги ахлоқӣ-башардӯстии миллӣ ва умумибашарӣ, ошноӣ бо таҷрибаи ахлоқии миллатҳои дигар.

2. Забон ва фарҳанг: Доир будан ба забони адабии тоҷикӣ, шиносоӣ бо адабиёти мардумии башардӯстӣ ва анъанаҳои шифоҳии миллӣ.

3. Рафтор: Амалу рафтори мувофиқ ба меъёрҳои ахлоқӣ, муносибати эҳтиромомез бо одамон, ҳайвонот ва табиат; қобилияти интихоби мустақилонаи амалҳои иҷтимоӣ ва дарки мақоми иҷтимоии худ.

4. Андешаи арзишӣ: Қобилияти ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ, интиқоли намунаҳои рафтори ахлоқӣ ба ҳамсолон, арҷгузорӣ ба арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ.

Бо такья ба маҷмуи натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳлили нишондодҳои бадастомада, мо имкони муайян намудани сатҳи ташаккули ААБ-ии ХСИ-ро дар заминаи истифодаи адабиёти бадеии кӯдакона ба даст овардем.

Дар амал нишон дода мешавад, ки иштироки гурӯҳи мазкури хонандагон дар чорабиниҳо ва фаъолиятҳои дорои мазмуни ахлоқӣ-башардӯстӣ одатан на бар асоси ташаббус ва ангезаи дохилии худи онҳо, балки бештар дар шакли иҷрои дастур ва тавсияи омӯзгор сурат мегирад.

Маҳаки асосии таҳқиқоти мо дар марҳилаи аввал мушоҳидаи раванди таълим ва тарбияи ААБ дар муассисаҳои таҳсилотӣ тавассути истифодаи адабиёти бадеии бачагона буд. Озмоиши педагогӣ, ки мо анҷом додем ва ба муайян намудани омилҳои таъсиргузор ба ТААБ-и хонандагони хурдсол равона гардида буд, дорои хусусиятҳои методологии махсус мебошад.

Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ – башардӯстии ХСИ дар асоси принсипи эҷоди вазъиятҳои мушкилӣ, ташкили фаъолияти инфиродӣ, муколамаи омӯзгор бо хонанда ва инъикоси босистемаи натиҷаҳои фаъолият амалӣ гардид. Ин усулҳо на танҳо сатҳи фаъолиятҳои маърифатии хонандагонро баланд бардоштанд, балки ба онҳо имконият доданд, ки арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстиро дар амал, бо тафаккури мустақилона ва бо идроки иҷтимоӣ-ахлоқӣ таҷриба намоянд.

Дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ хониши ифоданоки асарҳои бадеӣ яке аз самараноктарин воситаҳои таъсиррасонӣ ба раванди ташаккули шахсияти кӯдак ба шумор меравад. Ин усул на танҳо шавқи хонандагонро ба омӯзиш

бедор менамояд, балки хислатҳои инсондӯстӣ, хоксорӣ, меҳрубонии онҳоро низ дар онҳо рушд медиҳад. Хониши ифоданоки асарҳои бадеӣ дар кӯдакон қобилияти мушоҳидакориро тақвият бахшида, барои дарк ва омӯзиши хислатҳои одамони дигар, арзёбии рафтори худ ва ҳамсолон замина фароҳам меорад. Мушоҳидаи рафтор, таҳлили содаи хислатҳои ҳамсолон ва муқоисаи онҳо ба кӯдак имкон медиҳад, ки зиддиятҳои ахлоқиро дарк намуда, моҳияти мушкилотро бифаҳмад.

Барои ҳалли самараноки вазифаҳои гузошташуда усулҳои зерин ба кор бурда шуданд: муайян кардани шавқи инфиродии хонанда дар ҳамкорӣ бо ӯ, гузаронидани мушоҳидаҳои мақсаднок тибқи нақша, хониши ҳикояҳо ва шеърҳо, ташаккули дарки зебоӣ, муқоиса, арзёбии рафтори нек ё нодурусти рафиқон, омӯзиш ва худбаҳогузории хислатҳои шахсӣ. Хонандагон тавассути методи мушоҳида муқоисаи хислатҳои нек ва бади инсониро муайян менамоянд. Тавассути усули бозӣ хонандагон нақши қаҳрамонҳои асарро мебозанд ва тавассути пайравӣ сифатҳои ҳамидаи худро рушд медиҳанд. Дар ҷараёни бозӣ хонандагон андешаҳои худро ба таври шифоҳӣ баён карда, тавассути ҳаракат, чеҳра, ишора ва амал исбот менамоянд, ки хислат ё рафтори интихобшуда чӣ гуна зуҳур меёбад.

Пас аз анҷоми бозии дидактикӣ мушоҳида шуд, ки дар хонандагон майли бештар ба мушоҳидаи рафтори худ, муқоисаи он бо рафтори ҳамсолон ва баҳо додан ба амалҳои ахлоқӣ ташаккул меёбад. Ин раванд исбот намуд, ки истифодаи усулҳои фаъолгардонандаи таълим метавонад, ба рушди арзишҳои ахлоқӣ ва худогоҳии кӯдакон таъсири назаррас расонад.

Дар раванди омӯзиши ЗТ методи ҳавасмандгардонӣ нақши муҳим дорад. Ба ин навъи дастгирӣ бештар он хонандагон ниёз доранд, ки дар худ нобоварӣ зоҳир намуда, ҳангоми иҷрои вазифаҳо шармгин мешаванд ва аз хатогӣ ҳарос доранд. Дар чунин ҳолат омӯзгор бо истифода аз ифодаҳои ҳавасмандкунанда ба монанди: «Зиқ нашав, боз як бор кӯшиш кун!», «Натарс, идома деҳ!», «Албатта, ту метавонӣ!», «Ман мутмаинам, ки ту муваффақ мешавӣ!» ба кӯдак

қувваи равонӣ мебахшад ва эҳсоси боварӣ ба худ ва имкониятҳои шахсиашро таҳким мебахшад.

Ин мисол нишон медиҳад, ки руҳбаландсозии мунтазам метавонад ба тағйири куллии худшиносӣ, фаъолият ва ташаккули арзишҳои ахлоқии кӯдак мусоидат намояд.

Натиҷаҳо нишон доданд, ки хониши ифоданоки асари бадеӣ дар беҳбудии нутқ, тафаккур ва рафтори кӯдакон мусоидат мекунад. Истифодаи хониши ифоданок дар синфҳои ибтидоӣ яке аз роҳҳои муҳимми ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва инсонпарварии хонандагон мебошад.

Ҳамин тавр, истифодаи роҳҳу усулҳои таълим дар омӯзиши ЗТ дар ХСИ боиси рушди масъулиятпазирӣ, инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, меҳрубонӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва амсоли инҳо мегардад.

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон доданд, ки на ҳамаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ қобилияти муқоиса, таҳлил ва таркиббандии фикрро дар муайян намудани рафтори неку бади инсонӣ ва муносибатҳои байниафродӣ ба таври кофӣ нишон медиҳанд. Агар чунин хусусиятҳои тафаккур дар ҳамин зинаи таҳсил сари вақт ташаккул дода нашаванд, рушди минбаъдаи онҳо дар синфҳои болотар душвор гардида, ин қобилиятҳо метавонанд дар давоми умр ноқис боқӣ монанд.

Бо мақсади фароҳам овардани имконият дар дарсҳо бештар аз методикаи кор дар гурӯҳ истифода бурда шуд. Ҳангоми ташкили кори дунафара ва гурӯҳӣ мо супоришҳое пешниҳод мекардем, ки иҷрои онҳо барои як нафар мушкил буда, вақти бештар ва аз хонанда ҳамкорию дастгирии рафиқашонро талаб менамуд.

Барои муайян кардани ташаккули сифатҳои АБ-и ХСИ тавассути адабиёти бачагона дар омӯзиши ЗТ озмоиш гузаронида онро дар ҷадвали зерин бо иштироки се муассисаи таълими нишон додем.

Рушди сифатҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ тавассути адабиёти бачагона дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар МТМУ №10- и ш. Душанбе.

**Ҷадвали №19**

| № | Асари адабиёти бачагона | Синф | Сифатҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ | Пеш аз истифода | % | Баъд аз истифода | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳикояҳои ахлоқӣ (кӯтоҳ) | 1/ 38н | Меҳрубонӣ, итоат, эҳтиром | 26 | 68,4% | 36 | 94,7% |
| 2 | Афсона | 2/ 38н | Ростқавлӣ, адолат | 22 | 57,9% | 37 | 97,4% |
| 3 | Шеърҳо | 3/37н | Ватанпарастӣ масъулият | 28 | 75,7% | 34 | 91,9% |
| 4 | Қиссаҳо | 4/37н | Ҳамдардӣ, ёрии ҳамдигарӣ | 24 | 64,9% | 33 | 89,2% |




**Диаграммаи №11. Рушди сифатҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ тавассути адабиёти бачагона дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар МТМУ № 10- и ш. Душанбе**

Рушди сифатҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ тавассути адабиёти бачагона дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар МТМУ №15-и ш.Ҳисор.

**Ҷадвали №20.**

| № | Асари адабиёти бачагона | Синф | Сифатҳои ахлоқӣ-башардӯстӣ | Пеш аз истифода | % | Баъд аз истифода | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳикояҳои ахлоқӣ (кӯтоҳ) | 1/30 | Меҳрубонӣ, итоат, эҳтиром | 24 | 80% | 28 | 93,3% |
| 2. | Афсона | 2/30 | Ростқавлӣ, адолат | 23 | 76,7% | 26 | 86,7% |
| 3. | Шеърҳо | 3/30 | Ватанпарастӣ масъулият | 26 | 86,7% | 27 | 90% |
| 4. | Қиссаҳо | 4/30 | Ҳамдардӣ, ёрии ҳамдигарӣ | 20 | 66,7% | 24 | 80% |




**Диаграммаи №12. Рушди сифатҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ тавассути адабиёти бачагона дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар МТМУ №15-и ш.Ҳисор**

Рушди сифатҳои ахлоқӣ- башардӯстӣ тавассути адабиёти бачагона дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар МТМУ №132-и ш.Ваҳдат.

**Ҷадвали №21.**

